*Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,*
*Шавад тира аз бехирад рӯзгор.*

ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

# ОМӮЗГОР

№18 (12451)
2 майи
соли 2024

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

БАРРАСӢ

## Маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид

**29 апрел дар бинои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти раёсати Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоҳир Расулзода маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Дар асоси супориши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар семоҳаи аввали соли 2024 баррасӣ гардид.**



Роҳбарони вазорату идораҳои давлатӣ оид ба ҷамъбасти фаъолияти бахшҳои муҳимми иқтисоди миллӣ дар давраи ҳисоботӣ гузориш доданд.

Баъди ҳисоботи шахсони масъул Сарвазири мамлакат дар назди роҳбарони сохторҳои давлатӣ ҷиҳатиислоҳи камбудиҳо, иҷрои босамари нақшаҳо ва татбиқи дастуру супоришҳои Пешвои миллат вазифаҳои мушаххас гузоштанд.

Дар кори маҷлис «Дар бораи Барномаи бехатарии маҳсулоти озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2028» ҳисоботи раиси Кумитаи бехатарии озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадсаид Файзуллозода шунида шуд.

Сипас лоиҳаҳои як қатор Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон — «Дар бораи нишондиҳанда барои ҳисобҳо», «Дар бораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», «Оид ба ворид намудани тағйир ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи карантин ва муҳофизати растаниҳо» муҳокима гардида, барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шуд.

Аъзои Ҳукумати мамлакат, ҳамчунин, чор хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаҳои як қатор қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиаи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи мутақобила»-ро муҳокима намуда, барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намуанд.

Дар маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳо дар бораи Консепсияи миллии арзёбии сифати таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2044, Шурои парасторони Фонди ташаббусҳои шаҳрвандӣ оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва таҳкими қонуният ва дар бораи таъсиси Корхонаи воҳиди давлатии «Маҷмааи варзишӣ»-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон баррасӣ гардид.

Аъзои Ҳукумати мамлакат ва роҳбарони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо дар ҷамъбасти маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои ҳатмию саривақтии дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои вусъати кишту кори баҳорӣ, пешгирӣ ва бартараф кардани офатҳои табиии вобаста ба селу обхезиҳо ва амалисозии тадбирҳои созанда ҷиҳати истиқболи сазовори ҷашни умумимиллӣ — 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор карда шуданд.

*АМИТ «Ховар»*

ЭҲТИРОМ



## Муаллими ман

Бузургтарин неъмате, ки дар дунё арзи ҳастӣ мекунад, илму дониш ва фарҳангу маърифат аст.

Мактабҳои миёнаву олӣ на барои он ифтихор мекунанд, ки чӣ миқдор шогирд тарбия кардаанд. Бо он фахр доранд, чӣ қадар шогирд тарбия кардаанд, ки барои мардум ва ҷомеа фоидабахш будаанд.

Дар давлат бузургтар ва муқаддастар аз мактаб дигар муассисае вуҷуд надорад. Ва вуҷуд дошта ҳам наметавонад. Он чизе, ки дар ҷомеа ҳаст – сохти давлатдорӣ, сулҳу суботи имрӯзу оянда, рушду тараққиёт аз мундариҷа, муҳтаво, сифат ва натиҷаи кори мактаб вобаста аст. Ва **«Мактаб нерумандтарин воситаи озод кардани инсон ва нерумандтарин воситаи ғулом кардани инсон мебошад. Дар давлати озод мактаб воситаи озод кардан ва дар ҷамъияти тафаккури маҳдуд воситаи ғулом кардани инсон аст»** (В. Либкнехт).

Муҳиммияти мактаб – аз ҳафт то ҳаждаҳ соли ҳаёти инсонӣ фурсати бунёди таҳкурсии ҳаёти боқимондаи одам аст.

Дар мавриди фаъолияти мактаб гуфтан мушкил аст, ки чӣ дар ҷойи аввал меистад – таълим ё тарбия?

Инҳо мафҳумҳои якдигарро пурракунанда мебошанд. Бе якдигар вуҷуд дошта наметавонанд. Дар ин маврид метавон баҳс кард. Лекин ба андешаи мо, дар ҳар ҳолат, тарбия дар ҷойи аввал меистад. Он мафҳуми полисемӣ, ҷамъбастӣ, хулосавӣ ва муайянкунанда аст.

Таълим муҳимтарин воситаи системакунонӣ, асоснок намудан, тақвият бахшидани маънавияти инсонӣ, танзимгари ният ва нақшаҳои созандаи тарбия аст.

Илм воқеиятбахшӣ, самаранокӣ, натиҷагирӣ ва самтҳои таълимро муайян ва таъмин мекунад. Ва албатта, **«Тарбия ва фақат тарбия - мақсади мактаб мебошад»** (И.Песталотси). Маърифаткунонӣ бошад, асбоби тарбия аст.

Дар ҷараёни таълиму тарбия муаллим шахсияти марказӣ, офарандаи фазо ва амаликунандаи мақсадноки тарбия аст.

Бинои ҳозиразамони мактаб, васоити техникӣ, синфҳои компютерӣ, майдончаҳои барҳавои варзишӣ гарчанде муҳимманд, аммо нақши марказонидашудаи муаллим меҳвари муайянкунандаи ҷараёни маърифаткунонии бунёдии ҷомеа буд, ҳаст ва боқӣ хоҳад монд.

Дар ҳар мактаб, ҳадди ақал, мебояд чанд муаллиме фаъолият кунанд, ки талабагон имкон дошта бошанд, то дар сатҳи кадом як синфе «аз дасти онҳо гузаранд». Муаллимоне, ки дар тахассусмандӣ, мақсаднокӣ ва самтгирии тарбияи шогирдон хотирмон бошанд. **«Омили худшиносӣ ва ҳидояткунандаи шинохти воқеияти ҳастӣ гарданд»** (Г.В.Ф. Гегел).

Агар мактаб ин имкон ва қудратро дошта бошад, худкифо ва комгор аст.

Барои ман ҳамчунин муаллим, ки баъдан тамоми умр «ангуштгазидание ба шогирдон монд», Усмон Раҳмонов буд.

Ӯ як марди қоматбаланд ва тануманд, ба андозаи баданаш каллаи калон дошт. Сафедпӯст, чашмони тоҷикии моил ба ҷустуҷӯйи дарки умқи инсонӣ, ҳаракатҳои бидуни кӯшиши зиёдатии аз худ гузоштани таассурот ба фоидаи эътирофи фазилатҳои хеш, камгап, аммо хушсухан, ҷиддӣ, лекин кушодарӯ, донишманд, вале хоксор, серталаб, ҳамзамон одил буд.

Муносибати ӯ бо атрофиён дар мувозинат ба синну сол ва манзалати онон қарор дошт.

Шояд дақиқ набошад, аммо чунин ба назар мерасид, ки Усмон Раҳмонов ба ҳамсуҳбат зиёд эҳсоси ниёзмандӣ намекард.

Ё чунин хислат дошт.

Ба назари мо, шогирдон менамуд, ҳамсонеро, ки ӯ дар дараҷаи ҷаҳонбинӣ, дониш, дарки воқеияти ҳастӣ ва умқи муҳокимаронӣ наздик ба худаш бошад, камтар пайдо мекард.

Аз ҳамин ҷиҳат, муомилаи Усмон Раҳмонов бо дигарон дар дараҷаи саломуалейк, ҳолпурсӣ ва тасдиқи воқеии эҳтиромоти якдигарӣ маҳдуд мегашт.

Аз худ шахси андешаманд, огаҳ ва моил ба навҷӯиро мемонд. Кӯтоҳсухан буд. Аммо ҳар вақт маънӣ, фикри бикр ва андешаи ҷолиби таваҷҷуҳ мегуфт. Соҳибмаълумоти воқеоти замони зуд тағйирёбанда буд. Гумон мекардӣ, ки ин шахс дар бораи тамоми рӯйдоде, ки дар табиат, ҷамъият ва маънавиёт мегузарад, маълумоти батафсил дорад. Агар нафаре зарурат ба дониш дошта бошад, метавонад дар ин бора аз ӯ маълумоти пурра бигирад.

Бо ҳамин хислату фазилати шояд барои худи ӯ ноаён, таваҷҷуҳ ва эҳтироми ҳамагонро ба худ ҷалб мекард.

Усмон Раҳмонов дар ҳамсояқишлоқи мо – Иттифоқ зиндагӣ мекард. Ба кор пиёда омаду рафт дошт. Масофа севу ним – чор километр бошад ҳам, аз ягон намуди нақлиёт истифода намебурд.

Соле, ки мо дар синфи панҷум мехондем, ӯро директори мактаб таъйин карда буданд.

Фақат шиму костюми сиёҳ, куртаи ран-

*(Давомаш дар саҳ. 5)*

Почтаи электронии «Омӯзгор»: n.omuzgor@maorif.tj
Телефон барои тамос: 227-81-55

*Ҳар гуна ҳунар тақлид ба табиат аст.*

*Сенека*



ТАҲЛИЛ

# ШУКӮҲИ ИЛМИ ТОҶИК

24-уми апрели соли ҷорӣ дар Кохи Суруш бахшида ба Рӯзи илми тоҷик маросими ҷоизасупории голибони озмунҳои ҷумҳуриявии «Муҳаққиқ ва ихтироъкори ҷавон» ва «Магистранти сол» бо иштироки вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода, намояндаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Сайдулло Қувватзода, раиси кумитаи Маҷлиси намояндагон оид



ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Насиба Содиқӣ, президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Қобилҷон Хушвахтзода, директори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммадтоир Саидзода, раиси Кумитаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ Фарҳод Раҳимӣ, раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Зулфикор Гулаҳмадзода, ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, сардорони раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказии вазорат, роҳбарони муассисаҳои тобеъ, намояндагони ниҳодҳои дахлдор, иштирокчиёну голибони озмунҳои болозикр ва дигар кормандони соҳаи маориф ва илм баргузор гардид.

Дар ибтидо вазири маориф ва илм аз дастовардҳои вазорат дар самти илм ёдовар шуда, қайд кард, ки баргузории озмунҳои ҷумҳуриявии «Муҳаққиқ ва ихтироъкори ҷавон», «Магистранти сол» ва дигар озмунҳои илмӣ барои рушди илми тоҷик омили таъсиррасон ба ҳисоб меравад.

Сипас голибони озмунҳои ҷумҳуриявии «Муҳаққиқ ва ихтироъкори ҷавон» ва «Магистранти сол» бо гирифтани диплому ифтихорномаҳо ва тӯҳфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ шуданд.



Озмуни ҷумҳуриявии «Муҳаққиқ ва ихтироъкори ҷавон» миёни донишҷӯён, магистрантон, докторантон аз рӯйи ихтисос (PhD) ва унвонҷӯёни муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардида, дар он аз 46 муассисаи таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ 23 муассиса корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва ихтирооти донишҷӯёну магистрантон ва унвонҷӯёну докторантон аз рӯйи ихтисос (PhD)-ро дар ҳаҷми 181 кори илмӣ ва лоиҳаҳои ихтироотӣ пешниҳод намуданд.

Тибқи хулосаву баҳогузории комиссияи экспертии озмун кори беҳтарини илмию таҳқиқотӣ ва лоиҳаҳои ихтироотии донишҷӯёну магистрантон ва унвонҷӯёну докторантон аз рӯйи ихтисос (PhD) муайян гардида, сазовори ҷойҳои якум, дуюм, сеюм ва ифтихорнома донистa шуданд.

Ҳамин тавр, муассисаҳои таҳсилоти олии касбии дар озмуни ҷумҳуриявии «Муҳаққиқ ва ихтироъкори ҷавон» ширкатнамуда, дар маҷмуъ, соҳиби 42 ҷойи ифтихорӣ (20 ҷойи 1, 14 ҷойи 2 ва 8 ҷойи 3) ва 14 ифтихорнома гардиданд.

Дар озмуни ҷумҳуриявии «Магистранти сол», ки миёни магистрантони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, аз 12 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ 12 кори илмӣ-таҳқиқотӣ пешниҳод шуд. Аз 12 кори пешниҳодшуда магистрантон соҳиби 1 ҷойи 1, 2 ҷойи 2, 2 ҷойи 3 ва 2 ифтихорнома гардиданд.

Ҳамзамон, як қатор кормандони соҳаи илму маориф бо нишони «Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон», «Ифтихорнома» ва «Сипоснома»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати Рӯзи илми тоҷик сарфароз гардиданд.

Дар охир дар иҷрои оркестри эстрадии назди Консерваторияи миллии Тоҷикистон барномаи фарҳангӣ пешниҳод гардид.

ТАҚВИЯТИ ҲАМКОРИҲО

# РУШДИ ҲАМКОРИҲО ДАР СОҲАИ МАОРИФ

25-уми апрели соли равон дар Вазорати маориф ва илм вохӯрии онлайнии вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода бо вазири маорифи Федератсия Россия Сергей Кравтсов баргузор гардид. Дар он ҳамчунин муовини якуми вазири маориф ва илм Ҷамшед Ҷӯразода, намояндагони вазорату идораҳои дахлдор ва директорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии муштараки Тоҷикистону Россия иштирок намуданд.

Дар вохӯрӣ масоили рушди ҳамкориҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар самти таҳсилоти миёнаи умумӣ, чопи китобҳои дарсӣ, сохтмону азнавсозии биноҳои муассисаҳои таълимӣ ва табодули таҷрибаи дуҷониба



мавриди баррасӣ қарор гирифт. Ҳамзамон, дар вохӯрӣ сохтмону ба истифода додани бинои муассисаҳои нави таълимӣ ва тақвият бахшидани ҳамкориҳои дуҷониба мавриди таваҷҷуҳи тарафайн қарор гирифт.

Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз дошт, ки ҷониби мо аз рушди ҳамкориҳо дар самти маориф бо Федератсияи Россия қаноатманд буда, тарафдори дар сатҳи нав ба роҳ мондани ҳамкориҳо дар доираи санадҳои қабулгардида мебошад.

КОНФРОНС

# ТАҲКИМБАХШИИ ҲУВИЯТИ МИЛЛӢ

25-уми апрел бо ибтикори Кумитаи иҷроияи Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон ва Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода конференсияи ҷумҳуриявӣ таҳти унвони ««Шоҳнома»–и Фирдавсӣ ва ташаккули худшиносии миллӣ» дар сатҳи баланд баргузор гардид.

Дар ҳамоиш раиси Кумитаи иҷроияи Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон Рудобаи Муккаррам, вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода, муовини вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлат Сафар, ноиби президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Абдураҳмон Муҳаммад ва кормандону муҳассилини донишгоҳ ширкат доштанд.

Ректори муассиса Жило Гулназарзода дар огоз изҳор дошт, ки «Шоҳнома»-и Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ шоҳкори бузург ва сарчашмаи худшиносӣ ва ифтихори миллии мо, тоҷикон маҳсуб меёбад.

5-уми декабри соли 2023 Пешвои фарҳангдӯсти тоҷикони ҷаҳон, посдорандаи арзишҳои маънавии миллатамон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии хеш дар Симпозиуми байналмилалӣ бахшида ба 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров дастур доданд, ки «Шоҳнома»-и Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ нашр ва дастраси хонаводаи ҳар як тоҷикистонӣ гардонида шавад.

Дар идома Раиси Кумитаи иҷроияи Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон Рудобаи Муккаррам дар мавзуи «Шоҳнома» – таҳкимбахши ҳувият ва ваҳдати миллӣ» баромад намуда, дар бораи ин асари безаволи Фирдавсӣ



ва нақши он дар тарбияи худшиносию меҳандӯстии ҷавонон ибрози назар кард.

Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода дар мавзуи «Шоҳнома» - и Фирдавсӣ ва ташаккули худшиносии миллӣ» суханронӣ карда, аз нақши бузурги таърихии Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати эҳёи гиромидошти осори гаронарзиши адибон, аз ҷумла, шоҳасари Абулқосим Фирдавсӣ - «Шоҳнома» ёдовар шуд ва ҷавононро ба ватандӯстиву худшиносӣ, ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва арҷ гузоштан ба муқаддасоти миллӣ ҳидоят кард.

Муовини вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлат Сафар дар мавзуи «Таранннуми футувват ҷавонмардӣ дар «Шоҳнома» - Фирдавсӣ» ва ноиби президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Абдураҳмон Муҳаммад дар мавзуи «Шоҳнома» – номаи паҳлавонӣ ва худшиносии миллӣ» суханронӣ карданд.

*Маркази матбуоти ДБЗХТ ба номи Сотим Улугзода*

ОМӮЗИШ

# МУЛОҚОТИ МУОВИНИ ЯКУМИ ВАЗИР БО САФИР

Дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вохӯрии муовини якуми вазири маориф ва илм Ҷамшед Ҷӯразода бо Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Федералии Олмон дар Тоҷикистон Йорк Шуграф баргузор гардид. Дар он сардорони раёсату шуъбаҳои дахлдори дастгоҳи марказии вазорат, намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, Сафорати Олмон дар Душанбе, Интститути Гёте дар Тошканд, Хадамоти мубодилаи Академияи Олмон, ва Хадамоти омӯзиши забони олмонӣ дар хориҷа иштирок намуданд.



Дар ибтидо Ҷамшед Ҷӯразода дар бораи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Федералии Олмон дар самти маориф ва илм суханронӣ намуда, зикр кард, ки ҳамкории ҷонибҳо дар марҳалаи ҷадид қарор дорад ва ин барои маорифи ду миллат самарабахш хоҳад буд.

Дар навбати худ Йорк Шуграф аз ҳамкориҳои судманд бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори қаноатмандӣ намуда, аз тақвияти ҳамкориҳо дар самти маориф ва илм истиқбол кард.

Дар вохӯрӣ масъалаҳои рушди ҳамкориҳо дар самти омӯзиши забони олмонӣ дар Тоҷикистон, омӯзиши фарҳангу забони тоҷикӣ дар Олмон, таҳсили донишҷӯёни тоҷик дар зинаҳои бакалавр ва магистратура, мубодилаи донишҷӯёну омӯзгорон, ҳимояи корҳои илмӣ, таъсиси намояндагии Интститути Гёте ва Хадамоти мубодилаи Академияи Олмон ва чанде дигар мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Дар охир ҷонибҳо ба ҳам тӯҳфаҳои хотиравӣ тақдим намуданд.

*Маркази матбуоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон*

**Дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд озмуни «Оилаи намунавӣ» баргузор гардид.**

*Зистан мубориза кардан аст.*
*Сенека*



ВАЗОРАТ ВА НАЗОРАТ

# ҶАЛАСАИ КОРИИ ВАЗИР

27-уми апрели соли 2024 дар Ҷамоати деҳоти Язғуломи ноҳияи Ванҷ ҷаласаи кории вазири маориф ва илм баргузор гардид. Дар ҷаласа раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Алишер Мирзонабот, муовини вазири маориф ва илм Зиёдулло Абдулзода, раиси ноҳияи Ванҷ Одинашо Мардзода, сардорони раёсату шуъбаҳои дахлдори Вазорати маориф ва илм, директорон ва муовинони директорони муассисаҳои таълимии ноҳияи Ванҷ ва дигар шахсони масъул иштирок намуданд.

Вазири маориф ва илм қайд намуд, ки ҳадаф аз баргузории ҷаласа, пеш аз ҳама, иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати беҳтар намудани сатҳу сифати таълим буда, дар он вазъи феълии таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии ноҳияи Ванҷ, махсусан, Ҷамоати деҳоти Язғулом мавриди баррасӣ қарор хоҳад гирифт.

Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон баргузории чунин ҷаласаҳои кории сайёрро дар амалӣ намудани сиёсати маорифпарваронаи Пешвои муаззами миллат амри зарурӣ донист.

Дар идома гузориши муфассали сардори раёсати таҳсилоти миёнаи умумии Вазорати маориф ва илм Шарофиддин Асомиддинзода оид ба вазъи таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии Ҷамоати деҳоти Язғуломи ноҳияи Ванҷ шунида шуд.

Зимни баррасии масъалаи таълиму тарбия вазири маориф ва илм иброз дошт, ки пеш аз ҳама, фарогирии пурраи хонандагон ба таҳсил дар ноҳияи Ванҷ дар мадди назар аст. Тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» таҳсилоти миёнаи умумиро ҳамчун зинаи ҳатмии таҳсил муайян намудааст. Аз ин рӯ, ҷалби хатмкунандагони синфи 9 ба таҳсил дар синфи 10 дар асоси қонун бояд пурра ба роҳ монда шавад. Ба идомаи таҳсили хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии кишвар низ бояд таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуд.

Аз ҷониби вазири маориф ва илм масъалаҳои иҷрои талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд«, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», ҷилавгирӣ аз гаравидани хонандагону омӯзгорон ба ҳизбу ҳаракатҳои гу-



ногун, беҳтар намудани фаъолияти кумитаҳои падару модарон, бо худ овардани китобҳои дарсӣ ҳангоми дарс аз ҷониби хонандагон, истифодаи самараноки китобҳои дарсӣ ва маводи таълим, баланд бардоштани саводи расонаии хонандагону омӯзгорон, иштироки фаъоли хонандагону омӯзгорон дар озмунҳои «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм - фурӯғи маърифат», «Тоҷикистон - Ватани азизи ман», тарбияи ватандӯстии хонандагон, роҳ надодан ба андешаҳои хурофотӣ, пешгирии таълимоти ғайрирасмии динӣ, таъмини муассисаҳои таълимӣ бо омӯзгорони варзида, аз курсҳои такмили ихтисос гузаштани омӯзгорон, фарогирии бештари хонандагон ба таҳсилоти иловагӣ, омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ аз ҷониби хонандагон ва омӯзгорон, сохтмону азнавсозии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, муҷаҳҳазгардонии муассисаҳои таълимӣ бо таҷҳизоти фаннӣ, таъмини муассисаҳои таълимии навсохт бо мизу курсӣ, бақайдгирии довталабон дар Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян намудани муассисаҳое, ки хатмкунандагонашон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дохил нагардидаанд ва чанде дигар мавриди баррасӣ қарор гирифта, ба масъулин ҷиҳати беҳтар намудани фаъолият ва ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта дастуру супоришҳои мушаххас дода шуд.

Дар ҷаласа миёни ҳозирин мубодилаи афкор сурат гирифта, пешниҳодҳои судманд ироа гардиданд. Бо ба инобат гирифтани пешниҳодҳо вазири маориф ва илм иброз дошт, ки аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муассисаҳои таълимии ҷамоат мизу курсӣ барои 100 ҷойи нишаст ва 4 кабинети фаннии муосир барои 4 муассисаи таълимӣ тақдим карда мешавад.

Дар охир омӯзгорон - собиқадорони соҳа, ки тӯли солҳо дар таълиму тарбияи насли наврас саҳми арзанда гузошта, ба дастовардҳои назаррас ноил гардидаанд, бо нишони «Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон» ва «Ифтихорнома» сарфароз гардонда шуданд.

ВОХӮРӢ

# БОЗДИДИ ВАЗИР ВА РАИСИ ВИЛОЯТ АЗ МАКТАБИ №21-И НОҲИЯИ ВАНҶ



Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода дар доираи сафари корӣ ҳамроҳи раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Алишер Мирзонабот Алишер дар водии Язғуломи ноҳияи Ванҷ зимни шиносоӣ бо фаъолияти муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №21 бо хонандагону омӯзгорон суҳбат анҷом доданд.

Зимни суҳбат вазири маориф ва илм аз дастгириҳои пайвастаи Ҳукумати мамлакат, хоса Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба соҳаи маориф ёдоварӣ намуда, таъкид дошт, ки дар қаламрави мамлакат пайваста барои беҳтар намудани сатҳу сифати таълим ва бунёди муассисаҳои наву замонавӣ чораҳои зарурӣ андешида шуда, сохтмону таъмири муассисаҳо бомаром идома доранд. Дар рафти суҳбат вазири маориф ва илм бештар ба масъалаи таъминоти муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳо, китобҳои дарсию бадеӣ, фарогирии хонандагон ба муассисаҳои томактабию миёнаи умумӣ, хусусан, ҷалби духтарон ба зинаи сеюми таҳсил, иштирок дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва олимпиадаҳои сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ, дар руҳияи худшиносию ватандӯстӣ тарбия намудани насли наврасу ҷавон диққати хонандагон ва омӯзгоронро ҷалб намуда, таъкид кард, ки барои ҳар як омӯзгор ва хонанда донистани ду забони хориҷӣ, ҳатмӣ мебошад.

Омӯзгорони муассисаи номбурда аз таваҷҷуҳи ҳамешагии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати мамлакат сипосгузорӣ намуда, барои пеш бурдани фаъолияти кории омӯзгорӣ таклифу пешниҳодҳо намуданд.

*Маркази матбуоти*
*Вазорати маориф ва илми*
*Ҷумҳурии Тоҷикистон*

ШАХСИЯТИ ТАЪРИХӢ

27-уми апрел як гурӯҳ донишҷӯёни факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз Осорхонаи Пешвои миллат ва Маркази илмӣ-тадқиқотии Пешвои миллатро тамошо карданд.

Донишҷӯён сараввал аз Осорхонаи Пешвои миллат дидан намуда, бо тамоми маводи дар он маҳфузбуда ошноӣ пайдо карданд. Зимни боздид таъкид

# ДОНИШҶӮЁН ДАР ОСОРХОНА ВА МАРКАЗИ ИЛМӢ-ТАДҚИҚОТИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

гардид, ки экспонатҳои осорхона овони таҳсили Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар ин муассиса фаро гирифта, нодиртарин санад, аз қабили аризаи дохилшавӣ, варақаи имтиҳонӣ, мавзуи иншои дохилшавӣ ба муассисаи олии таълимӣ, билети донишҷӯӣ, дафтарчаи имтиҳонӣ, корҳои курсӣ, диплом ва фармони хатм, инчунин, дастовардҳои олимони донишгоҳ ва ғайраро дар бар мегирад. Осори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва маводи ба Пешвои миллат бахшидашуда гӯшаи дигари ин толорро зинат мебахшад.



Сипас донишҷӯён аз Маркази илмӣ-тадқиқотии Пешвои миллат дидан намуданд. Ҷамолиддин Шарипов-директори Маркази илмӣ-таҳқиқотии Пешвои миллат ва мутасаддии Осорхонаи Пешвои миллат таъкид намуд, ки марказ соли 2022 таъсис ёфта, ҳадаф аз таъсиси он омӯзиш, таҳлил ва тарғиби дастури амалкардҳои илмӣ ва амалии Қаҳрамони миллат аст, ки ба халқ ва давлати худ хизмати мондагор кардааст.

Дар ин марказ осори беназири Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва зиёда аз 600 асар доир ба фаъолияту корномаи Пешвои миллат, ки аксаран аз ҷониби устодону кормандони донишгоҳ таълиф гардидаанд, ҷамъоварӣ шудааст. Марказ бо сабку усули хоси санъати меъморӣ ва миллии халқи тоҷик дар паҳлуи Осорхонаи Пешвои миллат сохта шудааст.

Донишҷӯён аз тамошои Осорхонаи Пешвои миллат ва Маркази илмӣ-тадқиқотии Пешвои миллат таассуроти хуб бардоштанд.

*Идибеки САИД, донишҷӯи ДМТ*

# РАВНАҚИ ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ ДАР КИШВАР

25-уми апрели соли ҷорӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №102-и шаҳри Душанбе ҷиҳати иҷрои талаботи бандҳои Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 бо иштироки муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Зиёдулло Абдулзода семинари омӯзишӣ дар мавзуи "Таҳсилоти томактабӣ: мушкилот ва роҳҳои ҳалли он" баргузор гардид. Дар он сардорони раёсату шуъбаҳои дахлдори Вазорати маориф ва илм, мушовирони кабинетҳои методӣ ва мудирони муассисаҳои таҳсилоти томактабии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ иштирок намуданд.

Зимни сухани ифтитоҳӣ муовини вазири маориф ва илм иброз дошт, ки таҳсилоти томактабӣ яке аз самтҳои афзалиятноки соҳаи маориф ба ҳисоб рафта, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам дастгирӣ меёбад. Қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба соҳа аз он шаҳодат медиҳад, ки расондани ёрии методӣ ба субъектҳои раванди таълиму тарбияи томактабӣ беҳтар гардидааст. Дар баробари ин, баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои томактабӣ ва амалигардонии Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 амри зарурист.

Ҳадаф аз баргузории семинари мазкур бозомӯзии мушовирони томактабии раёсат ва шуъбаҳои маориф ва роҳбарони семинарҳои доимоамалкунандаи муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ба ҳисоб меравад.

Семинар се рӯз идома ёфт.

**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон бо Донишгоҳи илм ва технологияи Шэнсии Чин ҳамкориро тақвият мебахшад.**

**САБҚАТИ ОМӮЗГОРОН**

# Наргис Ширматова – ғолиби даври минтақавии озмуни "Омӯзгори соли Тоҷикистон - 2024"

Аз 23 то 26-уми апрели соли ҷорӣ дар Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф даври минтақавии озмуни «Омӯзгори соли Тоҷикистон – 2024» баргузор шуд. Муовини вазири маориф ва илми ҷумҳурӣ Зиёдулло Абдулзода довталабонро ба муносибати роҳ ёфтан ба даври минтақавии озмун табрик намуда, ҳадафи озмунро пайдо кардани чеҳраҳои шоиста дар соҳаи маориф маънидод кард.

Ректори Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф Наврӯз Мирзозода – раиси Кумитаи тадорукот ва раиси ҳакамони озмун, Умарҷон Умаров – дотсенти кафедраи методикаи таълими физикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ довталабонро бо шартҳои озмун шинос намуданд.

Мутобиқи талаботи банди 7-и Низомнома, озмун аз рӯйи ҳафт шарт – муаррифии таҷрибаи корӣ, маҷлиси падару модарон, дарси озмунӣ аз рӯйи ихтисос, таҳлили дарс, соати тарбиявӣ, кор бо компютер ва ҷавоб додан ба даҳ савол вобаста ба қарору қонунҳо ва санадҳои меъёрии соҳа баргузор шуд. Дар озмун ёздаҳ довталаб, ки ҳафт минтақаи кишварро муаррифӣ мекарданд, ширкат варзид.

Нахуст фаъолияти кории худро Хушназари Мухтор, омӯзгори физикаи МТМУ №33-и ноҳияи Нуробод, аз рӯйи шарти аввал - муаррифии таҷрибаи корӣ шарҳ дод. Тибқи гуфтаи номбурда, ӯ дар дарсҳояш аз усулҳои гуногуни таълим, аз ҷумла, ангезиши зеҳн, методҳои инфиродӣ, интерактивӣ, истифодаи варақаҳо, тестҳо, воситаҳои техникии таълим ва ғайра ба таври фаровон истифода мебарад. Шогирдонаш дар даври ноҳиявӣ ва минтақавии озмуни ҷумҳуриявии «Илм-фурӯғи маърифат» ва олимпиадаҳои фаннӣ фаъолона иштирок намуда, соҳиби ҷойҳои ифтихорӣ гардидаанд.

Омӯзгори химияи МТМУ №57-и ноҳияи Сангвор Раҳмоналӣ Раҳмонов таҷрибаи 8-солаи омӯзгорӣ дорад. Вай маҳорати хешро бо истифода аз тахтаи электронӣ намоиш дод. Муаллифи чанд мақолаи соҳавӣ мебошад, ки дар нашрияи ноҳиявии «Мавҷи Хингоб» ба табъ расидаанд.

Зулфиқор Азимов, омӯзгори таърих ва ҳуқуқи МТМУ №36-и шаҳри Ваҳдат буда, фаъолияти кориаш аз соли 2004 шуруъ шудааст. Шогирдонаш дар даври ҷумҳуриявии озмуни ««Тоҷикон»-оинаи таърихи миллат» сазовори ҷойҳои ифтихорӣ гардидаанд. Мақолаҳояш дар нашрияҳои «Омӯзгор», «Шамъи ирфон» ва «Шаҳриёр» чоп шудаанд.

Ба намояндагӣ аз ноҳияи Шаҳринав дар озмун омӯзгори забони англисии литсейи ғайридавлатии хусусии «Нур» Санавбар Шарипова ширкат варзид. Ӯ таҷрибаи 12-солаи корӣ дошта, шогирдонаш дар озмуну олимпиадаҳои фаннӣ дар хориҷ аз кишвар ғолиб омадаанд.

Иштирокчии дигари озмун Мадина Сайҷонова низ омӯзгори ҷавон буда, дар МТМУ №1-и ноҳияи Лахш аз фанҳои химия ва биология ба хонандагон дарс мегӯяд. Иштирокчии озмуни ҷумҳуриявии «Илм-фурӯғи маърифат» дар номинатсияи ихтироъкорӣ мебошад. Шогирдонаш дар даври ниҳоии озмуни «Илм-фурӯғи маърифат» сазовори ҷойи ифтихорӣ гардидаанд. Бино ба гуфтаи худаш Мадина мекӯшад, ки дарсҳояш ҳамеша рангорангу ҷолиб бошанд. Дар омода намудани маводи методӣ таҷрибаи бой дорад.

Аз шаҳри Турсунзода дар озмун омӯзгори забони русии литсейи Президентии ба номи А. Рӯдакӣ Лола Раҳмонова ширкат варзид. Ӯ таҷрибаи 22-солаи корӣ дошта, шогирдонаш пайваста дар олимпиадаҳои фаннӣ сазовори ҷойҳои ифтихорӣ дар минтақа гардидаанд.

Иштирокдори дигари озмун Шаҳноза Ҳасанова, омӯзгори таърих ва ҳуқуқи МТМУ №13, ноҳияи Рашт дар синфҳои 8-11 дарс мегӯяд. Ӯ дарсҳояшро бештар тавассути воситаҳои техникӣ, аз ҷумла, ҳодисаву воқеаҳои таърихӣ бо намоиши пораҳо аз филмҳои ҳуҷҷатӣ, усулҳои интерактивӣ ташкил мекунад. Як нафар шогирдаш дар даври ниҳоии олимпиадаи фаннӣ аз фанни ҳуқуқи инсон ҷойи ифтихориро соҳиб гардидааст. Мақолаҳояш дар матбуоти даврӣ рӯйи чоп омадаанд.

Омӯзгори таърих ва ҳуқуқи МТМУ №64 Наргис Ширматова ноҳияи Варзобро дар озмун муаррифӣ менамуд. Ӯ бо истифода аз маърӯза ва тахтаи электронӣ фаъолияти кории худро муаррифӣ намуд. Н.Ширматова фаъолияти 16-солаи корӣ дорад ва чанде аз шогирдонаш дар даври ҷумҳуриявии озмуни ««Тоҷикон»-оинаи таърихи миллат» сазовори ҷойи ифтихорӣ гардидаанд.

Омӯзгори забон ва адабиёти тоҷики гимназия-парваришгоҳи ба номи Бобоҷон Ғафурови ноҳияи Рӯдакӣ Умеда Алиева собиқаи 8-солаи корӣ дошта, ғолиби даври ҷумҳуриявии озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» дар соли 2023 (дар номинатсияи эҷоди назм мебошад). Умеда табъи шоирӣ дорад ва соҳиби маҷмуаи шеърӣ бо номи «Аниси дилҳо» мебошад. Ҳоло аспиранти ДМТ буда, рисолаи илмияш дар арафаи анҷомёбист. 8 мақолаи илмияш дар «Паёми ДМТ» нашр шудаанд ва зиёда аз 10 мақолаи дигараш дар маҷаллаҳои дигар ба чоп расидаанд.

Сулҳия Ҷӯрабоева, омӯзгори технологияи иттилоотии МТМУ №7–и шаҳри Ҳисор, соли 1995 ДМТ- ро бо дипломи аъло хатм кардааст. Фаъолияти кориаш аз соли 1995 шуруъ шудааст. Аз соли 2017 то ҳол омӯзгори мактаби рақами 7–и шаҳри Ҳисор аст. Мақолаҳояш дар маҷаллаи «Маорифи Ҳисор» нашр шудаанд.

Омӯзгори забон ва адабиёти тоҷики МТМУ №7-и ноҳияи Файзобод Ҷамила Асоева таҷрибаи беш аз 29–солаи омӯзгорӣ дорад. Вай маҳорати хешро тавассути маърӯза бо истифода аз тахтаи электронӣ намоиш дод.



Бино ба гуфтаи ӯ, муваффақиятҳояшро дар ҳамкорӣ бо устодони мактаб, ҳамкорон ва дар мутолиаи асарҳои педагогӣ доир ба таълими забон ва адабиёти тоҷик мебинад. Худ низ доир ба тарзу усулҳои манфиатбахши дарс мақолаҳои методӣ навиштааст, ки қисми зиёди онҳо дар нашрияҳои «Набзи Файзобод» ва «Парвин» чоп шудаанд. Ҷ. Асоева иттилоъ дод, ки дар синфҳои 5-10 дарс мегӯяд ва як нафар шогирдаш дар озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ширкат варзида, соҳиби ҷойи 2 гардидааст.

Мавзуъҳои маҷлиси падару модарон аз тарафи ҳайати ҳакамон эълон гардиданд. Довталабон бо истифода аз қонуну қарорҳо ва санадҳои меъёрии соҳа дар зарфи бист дақиқа «маҷлиси падару модарон»-ро ташкил карданд. Мавзуъҳо чандон душвор набуда, вобаста ба қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», қонунҳои ҷории мамлакат ва монанди инҳо рабт доштанд. Аксари омӯзгорон аз уҳдаи иҷрои ин шарт ба хубӣ баромаданд.

Баргузор намудани дарсҳо дар мактаби рақами 35-и ноҳияи Шоҳмансури пойтахт сурат гирифт. Дарс дар синфи ношинос аз шартҳои муҳимест, ки донишу маҳорат ва кордонии омӯзгорро собит менамояд. Ҳамаи довталабон мекӯшиданд, ки дарсашон диққатҷалбкунанда ва бо аёниятҳо, бахусус, бо истифодаи воситаҳои техникӣ гузарад. Ҳар кадом омӯзгор дар ин самт сабку салиқа ва маҳорати хосаи хешро доро буд. Довталаб Зулфиқор Азимов дар мавзуи «Варзиш ва тарзи ҳаёти солим» дар синфи 11 машғулият баргузор намуд. Вай хонандагонро ба се гурӯҳи шартӣ – «Суғд», «Хатлон» ва «ВМКБ» ҷудо карда, байни онҳо як навъ мусобиқа ташкил кард. Ба ин васила аксар саволҳо вобаста ба мавзуи номбаршуда ҳал шуданд. Пурсиши вазифаи хонагӣ, вобастагии он ба мавзуи нав ва ҳамчунин, бо мавзуъҳои такрорӣ хеле хуб мушоҳида гардид.

Омӯзгори забон ва адабиёти тоҷики МТМУ №7-и ноҳияи Файзобод Ҷамила Асоева бо иштироки 26 нафар хонанда дар синфи 9 дарси адабиёти тоҷикро тавассути пурсиши вазифаи хонагӣ аз «Футувватномаи Ҳусайн Воизи Кошифӣ» оғоз намуд. Пас аз пурсиши вазифаи хонагӣ ва саволу ҷавоб бо хонандагон оид ба мавзуи нав – дар бораи ҳаёт ва фаъолияти Камолиддин Биноӣ ташкил кард. Тавассути пурсишу саволҳои зиёде дарс ҷамъбаст гардид.

Омӯзгори забони англисии литсейи ғайридавлатии хусусии «Нур»-и ноҳияи Шаҳринав Санавбар Шарипова дарсро дар синфи 7 бо иштироки 18 хонанда баргузор намуд. Бино ба таъкиди узви ҳайати ҳакамон, омӯзгори калони кафедраи методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ-гуманитарии ДҶТИБКСМ Мусаллам Ҳомидова, омӯзгор тавонист дар ҷараёни дарс методҳои гуногунро истифода барад. Масалан, омӯзгор дидактика, технология, шунавонидан, хонондан, гурӯҳбандӣ, тарҷума кардан, кор бо луғат дар тахтаи синф, кор бо варақаҳо ва монанди инҳоро ҳадафмандона истифода бурд. Омӯзгори довталаб, ҳамчунин, аз тахтаи электронӣ босамар истифода бурда, баъзе калимаҳои душворфаҳмро дар тахтаи синф навишт ва якҷо бо шогирдон онҳоро бо садои бурро талаффуз намуд, ки минбаъд ба луғатдонии хонандагон мусоидат хоҳад кард. Хулоса, омӯзгор ба мақсад расид, дар вақти муайяншуда дарсро ба охир расонд, ба хонандагони пурсидашуда баҳои муносиб гузошта тавонист. Машғулиятҳои довталабон Умеда Алиева, Раҳмоналӣ Раҳмонов, Мадина Сайҷонова низ бо истифода аз усулҳои нави таълим - технологияи муосир, салоҳиятнокӣ ва монанди инҳо хеле ҷолиб буданд. Дар қисмати таҳлили дарс довталабон аввал андешаҳои хешро доир ба дарсҳои гузаштаи худ, сипас, оид ба дарси ҳамкасбонашон, ки дар машғулиятҳои якдигар иштирок доштанд, иброз намуданд. Бори дигар собит гардид, ки омӯзгори имрӯза бе дониши технологияи компютерӣ ба комёбӣ муваффақ нахоҳад гардид.

Ба ҳар сурат, дар ин самт байни довталабон фарқи куллӣ буд. Маълум гардид, ки онҳо ҳанӯз аз технологияи иттилоотӣ ба таври васеъ истифода намекунанд. Чунин ба назар мерасид, ки довталабон тахтаи электрониро, аслан, барои таваҷҷуҳи ҳакамон истифода менамуданд, ки ҷойи таассуф аст. Раиси ҳайати ҳакамон Умар Умаров иброз дошт, ки имсол дар баргузории «маҷлиси падару модарон» аз тарафи довталабон фаъолмандӣ бештар буд. Тақрибан ҳамаи онҳо дар дарси худ тавонистанд диққати «падару модарон»-ро ба ҳалли мавзуъ ҷалб намоянд. Раиси ҳакамон вобаста ба ҳар як шарти иҷрошуда аз тарафи довталабон хулосаи аъзои ҳакамонро баён намуд. Шарти дигар ҷавоби дуруст додан ба даҳ савол бо мақсади донистани асноди меъёрӣ - ҳуқуқӣ буд, ки мутаассифона, на ҳамаи ҷавобҳо саҳеҳ буданд.

Дар асоси хулосаи ҳайати ҳакамон омӯзгори таърих ва ҳуқуқи МТМУ № 64-и ноҳияи Варзоб Наргис Ширматова (бо гирифтани 156,54 хол) ғолиби даври минтақавии озмуни «Омӯзгори соли Тоҷикистон-2024» дониста шуд. Бо мақсади холисона ва шаффоф баргузор гардидани ҷараёни озмун раванди он пурра сабт гардид. Дар фарҷоми чорабинӣ аз ҷониби муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Зиёдулло Абдулзода бори дигар таъкид гардид, ки иштирок дар озмун ғолибият мебошад. Баъдан ҳамаи иштирокчиён андешаҳои худро аз раванди баргузории озмун иброз намуданд. Дар фарҷом раиси кумитаи тадорукоти озмун, ректори ДҶТИБКСМ Наврӯз Мирзозода ба ҳамаи он нафароне, ки дар озмун ширкат варзиданд, арзи сипос ва таманниёти нек намуда, ба ғолиб дар даври ниҳоии озмун барору комёбӣ орзу кард.

***Салима МӮСОЕВА,***
***«Омӯзгор***

**Дар се моҳи соли равон 7203 сайёҳи хориҷӣ мавзеъҳои таърихию фарҳангии вилояти Хатлонро тамошо карданд.**

# Муаллими ман

*(Аввалаш дар саҳ. 1)*

гаш сафед ё ширчойӣ, кафши яхелаи сиёҳ мепӯшид. Тоқии чустӣ мемонд. Ранги тоқӣ хира нашуда, онро иваз мекард. Либосҳои муаллим доимо пок ва ниҳоят эҳтиёткорона дарзмолшуда. Сарфи назар аз боду ҳаво ва масири деҳа пойафзолаш доимо тозаву озода. Бо гузашти чанд сол, вақте собиқ шогирдон дар бораи хислатҳои муаллим Раҳмонов суҳбат мекардем, яке аз ҳамсинфони мо гуфт:

– Ёд дорад, дар давоми дарс муаллим Раҳмонов гоҳо аз ҷайб рӯймолчаи дастиашро бароварда, бо назокати хос ва номаълум пешонии худро пок мекард. Ин рӯймолча хеле тоза, ҳарир, эҳтиёткорона чорқат ва дарзмолшуда, монанд ба коғази оҳарии дастнорасидаи хат-хат буд.

Он вақт бори дигар фаҳмидам, ки на танҳо ман, балки дар ҳамон синну соли наврасии мактаби ҳаштсолаи деҳоти дурдаст, хонандагон ба камтарин ҷузъиёти рафтор, гуфтор, тарзи либоспӯшии муаллимон таваҷҷуҳ мекарда будаанд. Ва он якумр дар хотири шогирдон боқӣ мемондааст.

Баъзе муаллимон бо сабаб ё шояд баҳона, ягон ё якчанд дақиқа ба дарс дер мекарданд. Дар чор соле, ки муаллим Раҳмонов моро аз таъриху география дарс мегуфт, бо ӯ як дафъа ҳам чунин лаҳза иттифоқ наафтода буд.

Мо дарси муаллим Раҳмоновро бесаброна интизор мешудем. Аммо чи тавр ин соатҳо мегузаштанд, бехабар мемондем. Ва баъзан чунин ҳолат мешуд, ки аз ҳисоби танаффус ҳам ӯ ба суолҳои мо ниҳоят бодиққат ва мушаххас ҷавоб медод.

Боиси таассуф буд, ки дар замони то Истиқлоли давлатӣ, ба барномаи дарсии «Таърихи Тоҷикистон» таваҷҷуҳи камтар зоҳир мешуд. Соатҳо басанда набуданд. Ба ғайр аз ҳафриёти археологӣ дар мавзеъҳои Аҷинатеппа, Кайқубод, Тешиктош ва баъзе дигар рӯйдодҳои начандон муассири таърихӣ, маълумоти ҷолиби таваҷҷуҳе мавриди омӯзиш қарор намегирифт. Донишҳо доир ба таърихи халқи тоҷикро мо бештар аз китобҳои дарсии адабиёти тоҷик мегирифтем.

Китобҳои асосии дарси таърих ва география – «Таърихи СССР» ва «Географияи табиии СССР» буданд.

Ин китобҳо ҳам берун аз Тоҷикистон таълиф мешуданд. Барои тамоми хонандагони шашяки рӯйи замин ягона маҳсуб мегаштанд. Ба забонҳои миллӣ тарҷума мешуданд. Аммо эътироф бояд кард, ки дар замони Шӯравӣ барои коркарди барномаҳои таълимӣ, навиштани китобҳои дарсӣ беҳтарин мутахассисон – олимони номдоре, ки дар эҷоди асарҳои илмӣ, илмӣ - педагогӣ машҳуру маъруф буданд, ҳамзамон, муаллимони эҷодкор ва забардасти мактабҳои олии мамлакат ба ҳисоб мерафтанд, ҷалб мешуданд.

Ҳамин тариқ, китобҳои номбаршуда – таъриху ҷуғрофияи Ватани маҳбуби замонро мо сидқан қабул мекардем. Аз таги дил мехондем. Ба маънӣ ва мантиқи онҳо эътимоди бузург доштем.

Бидуни шак, муҳтавои кори мактаб ҳам дар барнома ва ҳам дар китобҳои дарсӣ қатъиян мувофиқ ба сиёсати расмии давлатдорӣ ташкил мешуд. Коркард мегардид. Ифода меёфт. Роҳандозӣ мешуд. Муҳтавои ин фаъолият манфиати субот ва пешрафти ҷомеаро дар назар дошт. Нуқтае барои эҷоди шубҳа нисбат ба ҷаҳонбини илмӣ намегузошт.

Муаллим Усмон Раҳмонов ба дарсҳо бо тайёрии ҳаматарафа меомад.

Мо, шогирдони собиқ то ҳол фикр мекунем, ки ӯ маводи дарсии мактаби миёнаро ҳанӯз дар замони донишҷӯйӣ ниҳоят хуб аз бар карда будааст. Зеро мо ҳис мекардем, донишҳое, ки муаллим ба мо медод, хеле васеъ аз доираи мавзуъ ва мундариҷаи китобҳои дарсӣ буданд.

Воқеан, **«Барои он ки дигарҳоро омӯзонӣ, бояд худат бисёр чизҳоро донӣ»** (В.Короленко).

Ҳамзамон, эҳсос мегардид, ки муаллим китоби дарсиро бо дарки умқи фаҳми муаллифи он аз худ кардааст. Адабиёти иловагӣ дастрас намудааст. Онҳоро хуб омӯхтааст. Барои мисол, аввалин бор маҷаллаҳои машҳури илмӣ ва илмӣ-оммавии «Вопросы истории» ва «Вокруг света»-ро мо хонандагони мактаби деҳот дар дасти муаллим Раҳмонов дида будем.

Ӯ дар дарсҳо суханҳои нав ва махсусан ҷолиб мегуфт. Муҳокимаронҳои донишмандона мекард. Вобаста ба мавзуъ мисолҳои ҷолиби таваҷҷуҳ меовард. Дили шогирдони ташнаи донишро тасхир менамуд. Мо, талабагон байни худ пичир-пичир мекардем, ки ин навгӯӣ ва навгониҳои муаллим ба мавзуи дарс аз китобу маҷаллаҳои иловагӣ аст. Ва чунин хулосаҳо асоснок буданд.

Усмон Раҳмонов дарси навро чунон далелнок ва завқманд мебурд, ки мо на танҳо вазифаи хонагиро тайёр мекардем, балки бетоқатона дарси навбатӣ – мавзуеро, ки ҳанӯз муаллим нагузаштааст, мехондем. Мехостем фаҳмем, ки давоми мавзуъ чи гуна вусъат пайдо мекарда бошад. Ҳамзамон, ин амал ба мо имкон медод муҳокимаронӣ кунем, то кадом дараҷа муаллим аз маводи нав, ки дар китоби дарсӣ нест, истифода мекардааст.

Вақте фаҳмидем, ки чунин муносибати Усмон Раҳмонов ба дарс тасодуфӣ ва лаҳзагӣ нест, шакли фаъолияти доимии ӯст, аввалин бор ташаббускорона барои худ дафтари дарси таърих кушода, суханҳои ӯро мисле, ки дар мактаби олӣ лексия гӯш мекарда бошем, менавиштем. Аммо муаллим ба ин кори мо зиёд таваҷҷуҳ намекард. Ӯ роҳу усули дарсдиҳии худро ҳамон тарз идома медод.

Он замон беҳтарин асбоби аёнӣ харита буд. Муаллим вобаста ба мавзуи дарс харитаи мувофиқро интихоб карда меовард. Онро ба тахтаи синф насб мекард. Ҳангоми дарс гуфтан худ ба худ маълум мешуд, ки Усмон Раҳмонов ин харитаҳоро аз ёд медонад. Дар дараҷаи ниҳоят баланди тахассусмандӣ матни маводи дарсиро бо харитаи марбута пайваст карда метавонад.

Яке аз мавзуъҳое, ки шогирдонро ҳайратзада мекард, дар тахтаи синф бо бӯри одӣ кашидани харитаҳои ҷангӣ, муайян кардани мавқеъҳои муҳорибаи тарафҳо, самтҳои ҳуҷум, тағйир ёфтани мавқеи низои ҷонибҳо, истифодаи санъати ҷангӣ, зарба задан ба мавқеи душман аз камин ва самтҳои барои рақиб ногаҳонӣ, ҳамзамон бо ин, ном ба ном донистани фармондеҳони қӯшунҳои тарафҳо, генералҳо ва афсароне, ки дар рафти ҷанг роҳу восита ва корнамоиҳои фавқулода нишон медоданд, ба ҳисоб мерафт.

Ӯ тавассути шарҳ додани муҳтавои воқеа, зуҳурот ва ҳодисаҳо қадам ба қадам ба моҳият ва мақсади дарс наздик мешуд. Ба воситаи тафсири мундариҷаи мавзуъ бо далелҳо, ноаён, зина ба зина эҳсоси хонандаро ба муҳтавои масъала, тавре ки мехост, бедор мекард. Кӯшиш менамуд, моҳияти мавзуъ бо заҳматҳои асиле, ки мекашид, ба хонандагон равшану фаҳмо гардад.

Психологияи шогирдонро хуб медонист. Ва аз ин мушоҳида ва хулосаҳои омӯзандаи худ муваффақона истифода мекард.

**Муҳтаво ва мундариҷаи ҷаҳонбинии инсон дар таносуб ба илм мисли муҷассамаест, ки бояд хосияти бунёдӣ дошта бошад.** Ояндаи инсон вобаста ба он аст, ки ин таҳкурсӣ аз кадом мавод, барои кадом иморат ва барои чи таъйиноте сохта шудааст? Маълум аст, ки **«Ҷаҳоне, ки ҳамеша чу чашмест гирдгардон аст, Ҳамеша то бувад оин-ш, гирдгардон буд»** (Рӯдакӣ). Оё ин зербино ба чунин шароит тобовар ҳаст ё не? Тавоне дорад, ки дар болои он бинои зиндагии мақсаднок, барои манфиати худи инсон бунёд шавад?

Муаллими мо ин нозукиҳоро хеле хуб медонист. Кӯшиш мекард бо мисолу далелҳои таърихӣ шогирдонро бовар кунонад, ки одам қудратмандтарин муъҷизаи табиат аст. Аз ӯ нерумандтар дар олам чизи дигаре нест. Фақат гап сари он аст: ӯ мақсадгузории худро, ки доимо барои беҳбуди зиндагии воқеӣ, заминӣ равона шудааст, бо кадом роҳу восита амалӣ карданӣ аст.

Мехост толибилмонро соҳибмаърифат, мустақил, ҷӯянда, навовар, нотарс ва мубориз тарбия кунад. Ва ин сифатҳо коромади манфиатҳои Ватан бошанд. Доштани чунин хислатҳоро шарти ба ҳам мувофиқ омадани неруҳои рӯҳӣ ва ҷисмонӣ медонист.

Рӯзе устоди мо дар дарси география дар бораи таърихи кушодани қитъаи Америка муҳокима ронда, суханҳои иродатманди кашфкунандаи **«Ҷаҳони нав»**-ро хеле муваффақона мисол овард: **«Эй мардум! Ман як нафар камбағали генуягӣ ҳастам, ки ба Лиссабон омадаам! Китобҳои кӯҳна мефурӯшам. Ва харитаҳои баҳрӣ мекашам. Агар замоне шумо шунидед, ки дар олам қитъаи наве кушода шудааст, диниста бошед, ки ин корро каминаи камтарини шумо, Христофор Колумб кардааст!!!»**.

Муаллим Раҳмонов ин суханҳоро тарзе образнок ва ботантана мегуфт, ки гӯё худи ӯ Христофор Колумб бошад ва ӯро ифтихори кушодани чунин қитъа дар пеш аст. Ва мехоҳад аз байни мо талабагон дар ин кори ниҳоят хатарнок, аммо шарафманд ҳамсафари донову ғаюр интихоб ва омода кунад.

Ҳангоми таълими дарсҳо муаллими мо мекӯшид, ки дар шуури хонандагон ҷаҳонбинии илмӣ тарбия кунад, то онҳо ҷаҳонро на аз рӯйи таассубу хурофот, афсонаҳои бепоя, балки бо чашми хирад нигаранд. Дар зиндагӣ фиреб нахӯранд. Раҳгум назананд. Эътиқоди бунёдии илмӣ ҳамсафари ҳаёташон бошад.

Кушодани қитъаи навро аз ҷониби Колумб натиҷаи панҷ хислати бузурги ӯ маънидод мекард: муҳаббат доштан ба китоб, сару кор гирифтан ва омӯхтани адабиёти илмӣ (1), касбияти олӣ (2), иродаи қавӣ (3), ватанпарварӣ (4) ва ҷасуриву далерӣ (5).

Мо бачаҳои давр ба зоҳир ва рафтору кирдори муаллимамон нигариста, суханонашро гӯш карда, ба ӯ эътиқод доштем. Аз ӯ ифтихор мекардем. Муътақид будем, ки ҳамин панҷ хислат дар ботини худи муаллими мо Усмон Раҳмонов ғолибият дорад. Ва мо бояд пайрави ӯ бошем.

Муаллими мо кӯшиш мекард, ки бачаҳо аз ҷаҳонбинии ғайриилмӣ, он чизе ки аз ҳақиқат дур аст, дар таҷрибаи таърихӣ собит нагаштааст, барои тараққиёти илму маърифат монеа эҷод мекунад, фосила бигиранд.

Таъкид мекард, ки қимати инсон баробар ба дараҷаи дарки олами воқеӣ тавассути ақлу донишу таҷриба аст. Инсон ҳамон вақт ба зиндагии шоиста муяссар мешавад, донад, ки бузургтарин офаридаи табиат ва ҷамъияти инсонӣ худи Инсон аст.

Вақте муаллим дар бораи таърихи мамлакатҳои Шарқ ва Африқои Шимолӣ суҳбат мекард, бо мисолҳои дақиқ шарҳ медод: то вақте ки инсон қудрати фаҳмидани сирри қувваҳои олами атрофро надорад, вай маҷбур мешавад кӯр-кӯрона ба тақдир тан диҳад. Ӯ гаштаву баргашта таъкид мекард, ки фақат дониш метавонад ба одамизод сабабҳои бадбахтии ӯро ошкор созад. Роҳҳои хушбахтӣ ва пирӯзиашро нишон диҳад.

Усмон Раҳмонов зинаҳои тараққиёти инсониро бо мисолҳои одӣ мефаҳмонд. Дар яке аз дарсҳо аз таърихи асрҳои миёна, дар бораи чи тавр аз феодализм ба капитализм гузаштани халқҳои Аврупоро дар мисоли корхонаи сӯзанбарорӣ мисол овард.

Барои ноил гаштан ба мақсади дарс ӯ ҷараёни аз фулозот то маҳсулоти тайёр шудани ин асбоби одӣ – ҷараёни истеҳсолотро ба мо бачаҳои деҳот нақл кард. Ин дарс чунон ҷолиб буд, ки гӯё худи муаллим директори корхона, сардори сех, муҳандис, технолог, коргари одӣ, мудири шуъбаи санҷиши сифати маҳсулот, корманди агентии рекламаи маҳсулоти тайёр, сардори муассисаи фурӯши мол ва оқибат истифодабарандаи он бошад.

Барои мо мавзуъҳои аввалин бор дар Белгия сохта шудани роҳи оҳан, аз ҷониби Ричард Треветик ихтироъ гардидани машинаи бо буғ ҳаракаткунанда ва монанди ин кашфиёт ҷолиби таваҷҷуҳи махсус буданд.

Муаллим, ҳамзамон, омилҳои пешрафти мардуми Ғарбро тафсир мекард. Таъкид менамуд, ки ҳарчи бештар донишҳои худро дар самти илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ сайқал диҳем ва истифода намоем.

Вобаста ба мавзуъҳое, ки устоди мо, тибқи барномаи таълимӣ, бароямон дарс мегуфт, таъкид менамуд, ки табиат дару девор, мошин, роҳҳои оҳан, нақбҳо, нақлиёт ва неругоҳҳои обии барқиро намесозад. Ҳамаи инҳо маҳсули майнаи инсони босавод, мутахассис, ба тарзи дигар, натиҷаи донишҳое ҳастанд, ки дар шакли воқеӣ, моддӣ, зинда рӯйи кор оварда шудаанд.

Яке аз суханҳои хотирмони муаллим Раҳмонов барои шогирдон, ки ҳамзамон, мо онро кӯтоҳнавис карда, баъдан як умр фаромӯш накардем, он буд, ки таърихи тараққиёти ҷамъият аз таърихи инкишофи табиат фарқ мекунад. Агар мо дар ин мавридтаъсири инсонро ба табиат ва ҳолати баръаксро ба назар гирем.

Дар табиат, дар маҷмуъ, ҳодисаҳои пайдарҳам ва ба якдигар вобаста рӯй медиҳанд. Онҳо қонунмандиҳои муайяни ҷараёни табиатро ташкил менамоянд.

Муаллим бо мисолҳои мушаххас, дақиқу равшан нишон медод, ки чунин рӯйдодҳо берун аз шуури инсон ба вуқӯъ мепайванданд. Одам танҳо тавассути илму дониш метавонад ҳодисаҳои табиатро пешгӯӣ кунад. Ба онҳо таъсир расонад. Аз онҳо истифода намояд. Инро таърихи ҷамъият гуфтан мумкин аст.

Муҳимтарин қисмати таърихро, таъкид мекард муаллим Раҳмонов, таърихи ҷамъият ташкил мекунад. Ин шакли ҷаҳонбинӣ аз таърихи табиат куллан фарқ дорад. **Ташаббускор ва қувваи ҳаракатдиҳандаи он инсони бошуур аст. Ва дар ҷамъият – таърихи гурӯҳҳои этникӣ, халқҳо, миллатҳо, синфҳо, табақаҳои иҷтимоӣ ва давлатҳо, тамоми кӯшишҳо, ҳаракатҳо, равандҳо, ҳолат ва натиҷаи онҳо дар кадом шакле, ки бошанд, фақат ва фақат натиҷаи амали мақсадноки инсонанд. На чизи дигар. Бе амали қаблан тарҳрезишудаи одам, дар таърихи ҷамъият ягон дигаргунии ҷиддӣ, хоҳ ба фоидаи инсон ва хоҳ бар зарари он бошад, ба вуҷуд намеояд.** Инро муаллим зуҳуроти иҷтимоӣ - иқтисодӣ, сиёсӣ - ҳуқуқӣ, ҷамъиятӣ - идеологӣ ва адабӣ - маданӣ мегуфт ва ҳар яки онҳоро шарҳ медод.

Бо гузашти солҳо, сарфи назар аз интихоби касб, мавқеи иҷтимоӣ, инсон ҳаргиз устодони худро, ки дар таълиму тарбияи ӯ саҳм доштаанд, махсусан таъсиргузор ва тақдирсоз будаанд, фаромӯш намекунад. Дар қисмати худ онҳоро сабабгор ва шарику ҳамдам мешуморад. Дар лаҳзаҳои нек ва мушкилоти пешорӯ ҳам муаллимонашро ба ёд меорад.

Тарбияи инсон душвортарин, ҳамзамон, бузургтарин масъулият аст, ки ба дӯши муаллим вогузор шудааст.

Таҷрибаи кори Усмон Раҳмонов, ба назари ман, намунаи олии фаъолияти тахассусмандонаи мақсадноки як муаллими одии деҳаи дурдасти замони бе чароғи барқӣ буд. Ӯ тамоми ҳастии худро барои бунёди ҷаҳонбинии илмии шогирдон, эҳтимоли шахсиятсозии онон равона мекард. Тавассути таълиму тарбия, ки шахсияти худи муаллим, зоҳир, ботин ва рафтори ӯ қисмати муҳимми ин ҷараён буд, заҳмат мекашид, ки фарзандони мардумро барои фоидаи худи мардум, барои шинохти илмии замона ба хотири рушди ҷомеа омода намояд.

Баъди хатми донишкада ман ба мактаби деҳаи Ориён ба кор омадам. Муаллим Усмон Раҳмонов ба муаллимони ҷавон таъкид мекард, ки **мақсади аслии таълиму тарбия муътақидкунонист. Агар мактаб аз ӯҳдаи ба донишҳои илмӣ, замонавӣ мусаллаҳ ва аз каромоту хурофот, фанатизми динӣ ва тақдирпарастӣ раҳо кардани шогирдон набарояд, онро макони илм ва боргоҳи маърифат номидан хатост.** Мо, шогирдон медонистем, ки худи муаллими мо дар ин кор намуна ва мумтоз аст.

Муаллим У. Раҳмоновро устоди таърихшиносони маорифи деҳот, фидоии илму маърифат ва намунаи олии омӯзгори мактаб, муҳандиси бузурги руҳи шогирдон номидан арзанда аст. Номи чунин муаллимони беунвони замон ва корномаи онҳо ҷовидон мемонад.

Дар бораи муаллим Усмон Раҳмонов бо суханони шоири маъруфи асри XI Абусаиди Абулхайр гуфтан мумкин аст :

**Ин умр ба абри навбаҳорон монад,**
**Ин дида ба сели обшорон монад.**
**Эй дӯст, чунон бизӣ, ки баъд аз мурдан**
**Ангушт газидане ба ёрон монад.**

*С. ЯТИМОВ*

*Бознашр аз «Ҷумҳурият», №80-81, аз 30.04.2024*

**Дар шаҳри Ҳисор ҳамоиши гирандагони Стипендияи Президенти Тоҷикистон баргузор гардид.**

*Оне, ки дӯсти худ аст, дӯсти ҳама чиз аст.*
*Сенека*



СОЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ

# ҶИНОЯТҲОИ КИБЕРӢ ХАТАРЗОЯНД

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ (28.12.2023) аҳаммияти таҳкими амнияти кибериии кишвар, дастрасии технологияҳои навро барои муҳофизат аз ҳамлаҳои киберӣ ва таҳвияти чораҳои мубориза бо ҷиноятҳои кибериро таъкид намуданд. Бешубҳа, ҷиноятҳои киберӣ ба амнияти миллии аксари кишварҳо хатари ҷиддӣ эҷод намудаанд. Бо рушди технологияҳои иттилоотӣ ва интернет, таҳдидҳои киберӣ мураккабтар, гуногунтар ва маъмултар шудаанд.

Ҷинояткорӣ бо технологияҳои иттилоотӣ ва фазои маҷозӣ на танҳо меафзоянд, балки шакли худро соат ба соат тағйир дода, оқибатҳои он торафт мураккабтар ва хатарноктар мегардад. Шаклҳои нави ҷиноятҳои киберӣ пайдо ва дар амалия содир шуда истодаанд, ки ба амнияти давлат таҳдид ба вуҷуд меоранд.

Дар зер баъзе аз киберҷиноятҳоро, ки бо рушди технологияҳо, тағйирёбии муносибатҳои ҷамъиятӣ ва дигар омилҳо шакли навро касб намудаанд ва бештар ба амнияти инсонҳову ҷамъият ва давлат таҷовуз мекунанд, тавзеҳ мебахшем.

1. Терроризм ва экстремизми маҷозӣ. Интернет барои ҷалб, паҳн кардани таблиғот, даъват ба ҳамоҳангсозии фаъолияти террористӣ ва экстремистӣ фаъолона истифода гардида истодааст. Имрӯз ҳам таҳдидҳои терроризму экстремизми байналмилалӣ проблемаи мубрам боқӣ мондааст ва ин зиракӣ, андешидани чораҳои саривақтӣ ва омӯзиши сарчашмаҳои пайдоиши ғояҳои ифротгароиро барои саодати миллионҳо нафар тақозо менамояд. Дар баробари ин, ҳифзи ҳуқуқи инсон яке аз вазифаҳои муҳим ҳангоми муборизаву муқовимат бо терроризм ва экстремизм мебошад, зеро ҳоло экстремизм ва терроризм хусусияти умумиҷаҳонӣ дошта, барои тамоми кишварҳо ва минтақаҳои ҷаҳон хатари баробар ба миён овардааст. Аз ин рӯ, пешгирӣ ва муқовимат бо он ба масъалаи оянадаи башарият табдил ёфтааст.

Дар раванди бунёди ҷомеаи пешрафта ва адолатпарвар масъалаи ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон нақши муассир дошта, яке аз омилҳои калидии муқовимат бо терроризму экстремизм ва умуман, ҷиноятокорӣ мебошад. Инро ба назар гирифта, Пешвои миллат пешниҳод намуданд, ки соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон карда шавад. Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва сифати таҳсил омили асосии муқовимат бо терроризм ва экстремизм мегардад.

2. Амалиёти террористӣ бо истифода аз таҷҳизоти бесарнишини парвозкунанда (дронҳо). Имконияти истифодаи таҷҳизоти бесарнишини парвозкунанда (дронҳо) барои расонидани зарар, назорат ё ҳатто амалҳои террористӣ хеле васеъ мебошад. Террористон дронҳоро барои амалӣ кардани ҳамлаҳои террористӣ ё дигар амалҳои зараровар истифода мебаранд. Дронҳо ба технологияҳои дастрас табдил ёфтаанд ва истифодаи онҳо дар заминаҳои гуногун, аз ҷумла, терроризм, барои ҳукуматҳо ва дар маҷмуъ, ҷомеа нигаронида шудааст. Дронҳоро дар амалиёти террористӣ истифода мебаранд: а) дар амалиётҳои ҷангӣ. Террористон дронҳои мусаллаҳро барои ҳамлаҳо, аз ҷумла, зарба задан ба иншооти низомӣ, инфрасохтори муҳим, иншооти шаҳрвандӣ ва ҳатто бар зидди дигар дронҳо истифода мебаранд; б) ҳангоми ҷосусӣ ва корҳои иктишофӣ.

3. Кибервандализм - шакли киберҷиноятест, ки дар он ҳамлагарон қасдан ба системаҳои компютерӣ, сомонаҳо ва захираҳои рақамӣ бо мақсади вайрон кардан, тағйир додан ё ба таври дигар зарар расонидан ба маълумот ё инфрасохтори иттилоотӣ ҳамла мекунанд. Кибервандализм метавонад намудҳои зерини ҳамлаҳоро дар бар гирад: а) таҳрифи (deface — таҳриф, зишт) сомонаҳо. Ҳамлагарон метавонанд сомонарҳоро рахна намуда, мазмуни мундариҷаи мавҷудаи онҳоро тағйир диханд, аксар вақт тасвирҳо, паёмҳо ё шиорҳоеро ҷойгир мекунанд, ки метавонанд хусусияти таҳқиромез ё сиёсӣ дошта бошанд; ҳамлаҳои вирусӣ. Паҳншавии вирусҳо ва нармафзори зараровар, ки ба системаҳои компютерӣ ва додаҳо зарар мерасонанд; г) ҳамлаҳои шабакавӣ. Рад кардани хидмат (DDoS) ҳамлаҳое, ки ба изофабори захираҳои шабакавӣ ва муваққатан ё доимӣ хомӯш кардани дастрасӣ ба сомонаҳо ё хизматрасониҳои маҷозӣ нигаронида шудаанд:



4. Қаллобии молиявӣ - бо рушди молияи электронӣ ва пардохтҳои маҷозӣ, шаклҳои нави қаллобии молиявӣ ба монанди қаллобӣ бо корти бонкӣ ва схемаҳои криптовалютӣ ба вуҷуд омаданд. Қаллобии молиявии маҷозӣ намудҳои гуногуни амалҳои фиребгарӣ мебошанд, ки бо истифода аз шабакаи интернет ва бо мақсади ба даст овардани фоидаи ғайриқонунии молиявӣ анҷом дода мешаванд. Ин нақшаҳои қаллобӣ метавонанд аз қаллобӣ бо корти кредитӣ то қаллобии молиявӣ, ки низомҳои пардохти электрониро дар бар мегиранд, фарқ кунанд.

Барои муҳофизат аз қаллобии молиявии маҷозӣ, риояи чораҳои эҳтиётӣ, аз қабили пешниҳоди маълумоти ҳассос дар сомонаҳои боэътимод, истифодаи паролҳои қавӣ, насби нармафзори зиддивирусӣ ва ҳушёрӣ ҳангоми кор бо паёмҳои электронӣ ва муомилоти маҷозӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

5. Муомилоти моводи мухаддир тавассути шабакаҳо. Истифодаи интернет ва криптоасъор барои муомилоти ғайриқонунӣ бо моводи мухаддир ва дигар моддаҳои мамнуъ яке аз воситаҳои нав буда, муқовимат бо он коркарди консепсия ва чорабиниҳои муассирро талаб мекунад. Муомилоти моводи мухаддир дар интернет аслан ба фурӯш ва хариди моводи мухаддир тавассути интернет дахл дорад. Ин намуди фаъолият аксар вақт дар сомонаҳои торик (Dark web) сурат мегирад, ки барои ҷустуҷӯгарони одӣ дастрас нестанд ва барои дастрасӣ ба он барномаҳои махсус талаб карда мешавад.

6. Ҷиноятҳои технологӣ алайҳи ширкатҳо. Шикастан ва ҳамлаҳо ба шабакаҳои ширкатҳо бо мақсади дуздии иттилооти тиҷоратӣ, моликияти зеҳнӣ ва ғайра яке аз таҳдидҳои асосӣ ба амнияти иқтисодӣ ба шумор мераванд. Ҷиноятҳои технологӣ алайҳи ширкатҳо намудҳои гуногуни амалҳои ҷиноятӣ мебошанд, ки бевосита ба фаъолияти ширкатҳо ва ё технологияҳои иттилоотии онҳо нигаронида шудаанд. Ин ҷиноятҳо метавонад ангезаҳои гуногун дошта бошанд, аз ҷумла, фоидаи молиявӣ, рақобатпазирӣ, ҷосусӣ ва вайрон кардани махфият ва яклухтии (комилии) маълумот.

7. Кибербуллинг ва киберхарассмент (Cyberbullying or cyberharassment), яъне таъқиби маҷозӣ, таҳдидҳо ва тамаъҷӯӣ тавассути интернет, ки аксар вақт ба шахсони алоҳида нигаронида шудаанд.

Кибербуллинг (ё таъқиби маҷозӣ) - ин як шакли байналмилалии таъқиб ва таҳдид мебошад, ки воситаҳои алоқаи рақамиро ба монанди шабакаҳои иҷтимоӣ, паёмҳо, форумҳо ва дигар платформаҳои онлайнро истифода мебарад. Кибербуллинг рафтори систематикӣ ва вайронкунандаро бо мақсади зарар расонидан ба некуаҳволии эмотсионалӣ ва равонии шахси дигар дар бар мегирад. Он метавонад, махсусан, барои наврасон ва ҷавонон зараровар бошад ва ба саломатӣ ва некуаҳволии онҳо таъсири ҷиддӣ расонад.

Киберхарассмент - ин истилоҳи васеъест, ки рафтори номатлуб, таҳдидкунанда ё таҳқиромезро тавсиф мекунад ва технологияро ҳамчун воситаи амалӣ кардани таъқиб истифода мебарад. Дар баробари таъқиб, он, инчунин, метавонад шаклҳои дигари ҳамлаҳои маҷозӣ, ба монанди озори ҷинсӣ, табъиз, нажодпарастӣ ва ғайраро дар бар гирад.

Ҳамин тавр, ҷиноятҳои киберӣ чораҳои дахлдори мубориза ва муқовимат, аз ҷумла, беҳтар карданӣ амнияти киберӣ, таҳияи қонунҳо ва сиёсатҳои нав, ҳамкорӣ байни давлатҳо ва созмонҳои байналмилалиро талаб мекунанд ва мо бояд ба он фавран омода бошем.

***Н. ҚУДРАТОВ,***
***сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон***

МУЛОҲИЗА

# ШАВҚ – АНГЕЗАИ ФАЪОЛИЯТ

Истифодаи масъалаҳои шавқовар вақтҳои охир на танҳо таваҷҷуҳи назоратчиёни дидактика, балки муаллимонро низ бештар ҷалб мекунад. Шавқ яке аз ангезаҳои бисёр қавии фаъолияти инсон ба ҳисоб меравад, ки зери таъсири он тамоми равандҳои психикӣ фаъолона сурат мегиранд, фаъолият бошад, шавқовар ва пурмаҳсул мегардад. Дар ин масъала бояд тавре рафтор намуд, ки раванди таълим барои хонандагон ба машғулияти якранг ва дилгиркунанда табдил наёбад.

Дар бисёр маврид барои омӯзгор чунин ҳолат пеш меояд: маводеро барои хонандагон медиҳад ва онҳо бо завқ ба аз худкунии он мепардозанд, ҷавобҳои олӣ медиҳанд, худи ҳамон маводро ба гурӯҳи дигар медиҳад, аммо хонандагон тамоман баръакси гурӯҳи пешин, ба фан мароқе зоҳир накарда, гӯш кардан ва ба муҳокимаи он машғулият ворид шуданро сарфи назар менамоянд.

Шумораи зиёди шаклҳои ташкилии таълим вуҷуд доранд, ки ба воситаи онҳо метавон вазъи дилхоҳро ба вуҷуд овард. Бештар чунин шаклҳо дар муассисаҳои асосӣ, миёнаи умумӣ, литсейҳо ва гимназияҳо истифода мешаванд: дарс-саёҳат, дарс-алгоритм, дарс-викторина, дарс-масъалаҳои шавқовари математика ва ғайра.

Мақому мароми асосии фанни математика дар синфҳои болоӣ тарбияи зеҳнӣ ва инкишофи тафаккур мебошад. Натиҷаи таълими математикаи синфҳои болоӣ рушди тафаккур аст. Дар математикаи синфҳои болоӣ имконияти бузурге барои инкишофи хонандагон дар раванди таълим аз синни барвақтӣ мавҷуд аст. Ҳамчунин, бояд ба назар гирифт, ки ташаккул ва инкишофи сохторҳои мантиқии тафаккур бояд саривақтӣ анҷом ёбад. Маълум аст, ки сохторҳои асосии мантиқии тафаккур тақрибан дар синни 5 то 11-солагӣ ташаккул меёбад.

Шавқовари машғулият гуфта, он қисматҳоеро дар назар доранд, ки аносири ғайриодӣ, аҷиб, ғайриинтизор, мазҳакавиро доро буда, завқи хонандагонро ба фанни таълимӣ бедор мекунанд ва барои ба вуҷуд омадани муҳити мусбати эҳсосотии таълим мусоидат менамоянд.

Хулоса, истифодаи масъалаҳои шавқовари математикӣ раванди тадрисро самаранок менамояд.

***Дилбар ИСОЗОДА,***
***омӯзгори калони кафедраи методикаи таълими фанҳои табиӣ-риёзии ДҶТИБКСМ***

ТАШАББУС

# ТАЪЛИМГОҲИ НАВ

Мардуми деҳаи Шукурии Ҷамоати деҳоти Меҳрободи ноҳияи Файзобод солҳои тӯлонӣ аз набудани таълимгоҳ дар деҳа дар ташвиш буданд. Хонандагон ҳар рӯз масофаи беш аз як километрро тай карда, ба мактаби ҳамсоя мерафтанд, ки ин, махсусан, дар фасли зимистон душвориҳо дар пай дошт. Ниҳоят, мардуми деҳа ба чунин қарор омаданд, ки бо роҳи ҳашар таълимгоҳи нав бунёд кунанд. Бо ҳамин мақсад як миқдор маблағ ҳам гирд оварда шуд. Ҳамин тавр, бинои таълимӣ дар деҳа бунёд ёфт ва ба истифода дода шуд. Аҳли деҳа ин иқдоми худро эҳдо ба 35-солагии ҷашни Истиқлоли кишвар эълон карданд. Таълимгоҳ аз ду қабат иборат буда, ҳашт синфхонаро дар бар мегирад. Ҳамчунин, дар таълимгоҳ толор ва майдончаи варзишӣ, китобхона мавҷуд мебошад. Ин ҷо чор адад компютер, панҷ адад принтер барои истифодаи хонандагон омода аст.

***Ҳокими САФАР,***
***ноҳияи Файзобод***

**Соли равон дар вилояти Суғд ба истифода додани 140 корхонаву коргоҳи нави саноатӣ ба нақша гирифта шудааст.**

Ш

| | | |
|---|---|---|
| **Шавқовар** | интересный | *interesting [ˈɪntrɪstɪŋ]* |
| **Шанбе** | суббота | *Saturday [ˈsætədɪ AmE: ˈsætər̩deɪ]* |
| **Шарқ** | восток | *East [i:st]* |
| **Шарм** | стыд | *shame [ʃeɪm]* |
| **Шармгин** | стыдливый | *ashamed [əˈʃeɪmd]* |
| **Шартнома** | договор | *agreement [əˈgri:mənt]* |
| **Шаҳр** | город | *city [ˈsɪtɪ] , town [taun]* |
| **Шаҳрванд** | гражданин | *citizen [ˈsɪtɪz(ə)n]* |
| **Шер** | лев | *lion [ˈlaɪən]* |
| **Шеър** | стихотворение | *poem [ˈpəuɪm]* |
| **Шимол** | север | *North [nɔ:θ]* |
| **Ширин** | сладкий | *sweet [swi:t]* |
| **Шиша** | стекло | *glass [gla:s]* |
| **Шоир** | поэт | *poet [ˈpəuɪt]* |
| **Шоҳмот** | шахматы | *chess [ʧes]* |

Э

| | | |
|---|---|---|
| **Эҳтиёт** | осторожность | *caution [ˈkɔ:ʃ(ə)n]* |
| **Эҳтиёҷ** | нужда | *need [ni:d]* |
| **Эҳтимол** | вероятно | *perhaps [pəˈhæps]* |
| **Эҳтиром** | уважение | *respect [rɪˈspekt]* |
| **Эҷод** | творение | *create [krɪˈeɪt]* |
| **Эъломия** | декларация | *declaration [ˌdekləˈreɪʃ(ə)n]* |
| **Эълон** | объявление | *announcement [əˈnaunsmənt]* |

Я

| | | |
|---|---|---|
| **Якдилӣ** | согласие | *united [ju:ˈnaɪtɪd]* |
| **Якзайл** | однообразно | *uniformly [junifo:mli]* |
| **Якчанд** | несколько | *several [ˈsev(ə)rəl]* |
| **Якҷоя** | вместе | *together [təˈgeðə]* |
| **Якшанбе** | воскресенье | *sunday [ˈsʌndɪ]* |
| **Яроқ** | оружие | *arms [a:mz], weapon [ˈwepən]* |
| **Ятим** | сирота | *orphan [ˈɔ:f(ə)n]* |
| **Ях** | лёд | *ice [aɪs]* |
| **Яхбандӣ** | леденение | *freeze [fri:z]* |
| **Яхдон** | холодильник | *refrigerator [rɪˈfrɪʤəreɪtə], fridge [frɪʤ]* |
| **Яхмос** | мороженое | *icecream [ˈaɪsˈkri:m]* |





# ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ЛУҒАТИ
## ВОЖАҲОИ СЕРИСТЕЪМОЛИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ, РУСӢ ВА АНГЛИСӢ

***(Барои омӯзгорону хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 5-11), устодону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна, олии касбӣ ва кормандони соҳаи маориф ва илм)***

**Душанбе**
**2022**



| | | |
|---|---|---|
| **Имзо; имзо кардан; имзо гузоштан; ба имзо расидан** | подпись; подписать; подлежит подписанию | *signature [ˈsɪgnəʧə]; to sign [tu saɪn]; to be signed [tu bi: saɪnd]* |
| **Ислоҳ кардан** | корректировать; исправлять | *to correct [tu kəˈrekt]* |
| **Истиқлол, истиқлолият** | независимый, независимость | *Independent [ɪndɪˈpend(ə)nt], Independence [ɪndɪˈpend(ə)ns]* |

К

| | | |
|---|---|---|
| **Кабир** | великий | *great [greit]* |
| **Кабуд** | синий | *blue [blu:]* |
| **Кабӯтар** | голубь | *pigeon [ˈpɪdʒɪn], dove [dʌv]* |
| **Калид** | ключ | *key [ki:]* |
| **Калон** | большой | *big [big], huge [hju:dʒ], large [la:dʒ]; old [əold]; great [greit]* |
| **Канор, кунҷ** | край, уголь | *edge [edʒ], border [ˈbɔ:rdər],corner [ˈkɔ:rnər]* |
| **Касал** | больной | *sick [sik], ill [il]* |
| **Касалхона** | больница | *hospital [ˈhɒspɪt(ə)l]* |
| **Касб** | профессия | *Profession [prəˈfeʃ(ə)n], job [ʤɒb]* |
| **Киса** | карман | *pocket [ˈpɒkɪt]* |
| **Китоб** | книга | *book [bu:k]* |
| **Китобхона** | библиотека | *library [ˈlaɪbrerɪ]* |
| **Кишвар** | страна | *country [ˈkʌntrɪ]* |
| **Корхона** | контора, офис, учреждение | *office [ˈɒfɪs],institution [ˌɪnstɪˈtu:ʃn]* |
| **Курта** | платье, блузка | *dress[dres]; shirt [ʃɜ:t]* |
| **Кӯдак** | ребёнок | *child [ʧaild], kid [kid] infant [ˈɪnf(ə)nt]* |
| **Кӯл** | озеро | *lake [leik]* |
| **Кумак** | помощь помогать | *help [hɛlp], assistance [əˈsɪst(ə)ns]* |
| **Кӯдакистон, муассисаи томактабӣ** | детский сад | *kindergarten [ˈkɪndəˌga:d (ə)n]* |

Қ

| | | |
|---|---|---|
| **Қабулгоҳ** | приёмная | *reception [rɪˈsepʃ(ə)n]* |
| **Қайчӣ** | ножницы | *scissors [ˈsɪzəz]* |
| **Қалам** | карандаш | *pencil [ˈpens(ə)l]* |





| | | |
|---|---|---|
| **Қаламрав** | территория | *territory [ˈterɪt(ə)rɪ]* |
| **Қалъа** | крепость | *citadel [ˈsɪtəd(ə)l]* |
| **Қанд** | конфета | *sweets [swi:ts], candy [ˈkændɪ]* |
| **Қарор** | решение | *decision [dɪˈsɪʒ(ə)n], resolution [rezəˈlu:ʃ(ə)n]* |
| **Қатра** | капля | *drop [drɒp]* |
| **Қафас** | клетка | *cage [keɪdʒ]* |
| **Қиматбаҳо** | драгоценный | *voluable [vӕljuəbl]* |
| **Қолин** | ковер | *carpet [ˈka:pɪt]* |
| **Қонун** | закон | *law [lɔ:]* |
| **Қошуқ** | ложка | *spoon [spu:n]* |
| **Қудрат, қувватбахш** | сила, мощь | *power [ˈpauə]* |
| **Қуттӣ** | коробка | *box [bɒks]* |

Л

| | | |
|---|---|---|
| **Лагер** | лагерь | *camp [kæmp]* |
| **Ларзидан** | трясти, дрожать | *to shake [ʃeɪk], to shiver [ʃivə]* anekdot |
| **Латифа** | анекдот | *joke [dʒəʊk]* |
| **Лаҳза** | момент | *instant [ˈɪnst(ə)nt], moment [ˈməʊm(ə)nt]* |
| **Лаҳҷа** | диалект | *dialect [ˈdaɪəlekt]* |
| **Либос** | одежда | *clothes [kləʊ(ð)z]* |
| **Либосдӯзӣ** | шитьё одежды | *sewing clothes [ˈsəʊɪŋ kləʊ(ð)z]* |
| **Либоси расмӣ** | официальная одежда | *official clothing [əˈfɪʃ(ə)l ˈkləʊðɪŋ]* |
| **Либосовезак** | вешалка | *coat-hanger [ˈkəʊt ˈhæŋə]* |
| **Лижа** | лыжи | *ski [ski:]* |
| **Лижаронӣ** | катание на лыжах | *skiing [ˈski:ɪŋ]* |
| **Лимӯ** | лимон | *lemon [ˈlemən]* |
| **Лола** | тюльпан | *tulip [ˈtu:lɪp]* |
| **Луғат** | словарь | *dictionary [ˈdɪkʃ(ə)n(ə)rɪ]* |
| **Лӯбиё** | фасоль | *bean [bi:n]* |

М

| | | |
|---|---|---|
| **Мавод** | материал | *material [məˈtɪrɪəl], stuff [stʌf]* |
| **Майдон** | площадь | *square [skweə]* |
| **Мактаб** | школа | *school [sku:l]* |
| **Мактуб** | письмо | *letter [ˈletə]* |
| **Манзара** | пейзаж | *landscape [ˈlæn(d)skeɪp]* |
| **Маориф** | образование | *education [edʒʊˈkeɪʃ(ə)n]* |

***Бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13.09.2022, №1337 омӯзиш ва азёд кардани 400 вожаи серистеъмоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ барои омӯзгорону хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 5-11), устодону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна, олии касбӣ ва кормандони соҳаи маориф ва илм ҳатмӣ дониста шудааст.***

## РАҲНАМОЕ БАРОИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ, РУСӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар замони муосир омӯзиши забонҳои хориҷӣ яке аз муҳимтарин омилҳо барои фаро гирифтани дониш, хабару иттилоот ва навигариҳои илмию фаннӣ ба шумор рафта, барои боз ҳам бештар баркарор кардани иртиботҳои гуногуни сиёсию иҷтимоӣ ва иктисодию фарҳангӣ бо кишварҳои дигар мусоидат менамояд. Ба ин хотир, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон омӯзиш ва донистани забонҳои хориҷиро барои насли ояндасози кишвар зарур шуморида, ҷиҳати азхуд кардани онҳо пайваста дастуру ҳидоятҳои раҳнамунсоз медиҳанд.

Қабул гардидани "Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 августи соли 2019, №438) Вазорати маориф ва илм ва дигар вазорату идораҳоро водор месозад, ки барои такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русию англисӣ тамоми шароитҳоро фароҳам созанд.

Дар ин росто, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти омӯзиш ва донистану такмили забонҳои русию англисӣ дастури раҳнамои "Луғати вожаҳои серистеъмоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ"-ро омода карда, донистани онро барои тамоми омӯзгорону хонандагон ва донишҷӯён ҳатмӣ эълон мекунад.

Луғати мазкур 400 вожаи серистеъмолеро дар бар гирифтааст, ки онҳо дар зиндагии рӯзмарра бо забони модарӣ пайваста мавриди истифода қарор мегиранд ва маънои онҳо маълуму фаҳмо аст. Ҳамзамон, донистани ин калимаҳо маҳорату малакаи забономӯзиро ташаккул дода, зимни азёд кардани вожаҳо шавку рағбат барои донистани забонҳои русию англисӣ боз ҳам афзунтар мегардад. Яъне луғати мазкур чун як раҳнамо хидмат хоҳад кард.

Шакли электронии ин луғат дар сомонаи расмии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар сомонаҳои муассисаҳои зерсохтори он ҷо карда шудааст.

Дар баробари ин, аз ҳамаи роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ва омӯзгорон тақозо карда мешавад, ки дар амалигардонии ин иқдоми вазорат масъулияти баланд нишон дода, зимни азёд кардани луғатҳо хонандагону донишҷӯёнро раҳнамоӣ ва назорат намоянд.

Дар иҷрои ин амали нек ва иқдоми боманфиат дар самти омӯзиши забонҳои русию англисӣ ба шумо барору комёбӣ орзу менамоем.

**Вазорати маориф ва илми**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**





| | | |
|---|---|---|
| | | [ˈfemənɪn] |
| **Занг** | звонок | *bell [bel]* |
| **Занг задан** | звонить, сделать телефонный звонок | *to make a phone call [tu meik ə fəʊn kɔ:l], to call [tu kɔ:l] , to phone [tu fəʊn]* |
| **Зарар** | вред, ущерб; потеря | *harm [ha:m], damage [ˈdæmɪdʒ], injury [ˈɪn(d)ʒ(ə)rɪ]; loss [lɒs]* |
| **Зарб** | умножение (мат.) | *multiplication (math.) [ˌmʌltɪplɪˈkeɪʃ(ə)n]* |
| **Зард** | жёлтый | *yellow[ˈjeləʊ]* |
| **Зарур (зарурият)** | необходимо (необходимость) | *necessary [ˈnesəs(ə)rɪ], (necessity [nɪˈsesɪtɪ])* |
| **Зарф** | посуда, столовые приборы; наречие (грамм.) | *dish [dɪʃ], dishes [dɪʃiz], tableware [ˈteɪb(ə)lweə]; adverb (gram.) [ˈædvɜ:b]* |

### И

| | | |
|---|---|---|
| **Истироҳат** | отдых | *rest [rest], relaxation [ˌri:lækˈseɪʃn]* |
| **Истироҳат кардан** | отдыхать | *to rest [tu rest], to relax [tu rɪˈlæks];* |
| **Истироҳатгоҳ** | место для отдыха или релаксации | *place to rest or relax [pleis tu rest ɔ: rɪˈlæks]* |
| **Итоат** | послушание, подчинение | *obedience [əˈbi:dɪəns], submission [səbˈmɪʃ(ə)n]* |
| **Иттилоотӣ** | информаци-онный | *Informational [ˌɪnfərˈmeɪʃənl]* |
| **Ихтисос** | специальность | *speciality [ˌspefiˈælitɪ]* |
| **Иҷро кардан** | исполнять, выполнять | *to execute [tu ˈeksɪkju:t], to fulfil [tu fʊlˈfɪl], to carry out [tu ˈkærɪəʊt]* |
| **Иҷозатномаи сафар, раводид** | разрешение на въезд, виза | *visa [ˈvi:zə]* |
| **Иҷозат додан** | разрешать | *to allow [tu əˈlaʊ], to permit [tu pəˈmɪt];* |
| **Иҷозат, иҷозат пурсидан** | разрешение, спросить разрешение | *permission [pərˈmɪʃn], to ask permission [tuɑ:sk pərˈmɪʃn];* |
| **Илтимос** | пожалуйста | *please [pli:z]* |





| | | |
|---|---|---|
| **Маош** | заработная плата | *salary [ˈsælərɪ], wages [ˈweɪdʒɪz]* |
| **Мардум** | люди | *people [ˈpi:p(ə)l]* |
| **Маҷлис** | собрание, совещание | *meeting [ˈmi:tɪŋ]* |
| **Меҳмон** | гость | *guest [gest]* |
| **Меҳмонхона** | гостиная, гостиница | *living room [ˈlɪvɪŋ ru:m], hotel [həʊˈtel]* |
| **Меҳнат** | труд, работа | *labour [ˈlei.bə],work [wɜ:k]* |
| **Миллат** | нация, националь-ность | *nation [ˈneɪʃ(ə)n], nationality [næʃəˈnælɪtɪ]* |
| **Минтақа** | местность, регион | *area [ˈeərɪə], region [ˈri:dʒ(ə)n]* |
| **Модаркалон** | бабушка | *grandmother [ˈgræn(d)mʌðə]* |
| **Мулоқот, воҳӯрӣ** | встреча | *meeting [ˈmi:tɪŋ]* |
| **Муошират** | общение, коммуникация | *communication[kəˌmju:nɪˈkeɪʃn]* |

### Н

| | | |
|---|---|---|
| **Набера** | внук, внучка | *grandchild [ˈgræn(d)tʃæɪld]* |
| **Нав** | новый | *new [nju:]* |
| **Навбатдор** | дежурный | *duty [ˈdju:tɪ]* |
| **Намак** | соль | *salt [sɔ:lt]* |
| **Нарх** | цена | *price [praɪs], cost [kɒst]* |
| **Насаб** | фамилия | *surname [ˈsɜ:neɪm]* |
| **Нафар** | человек, персона | *person [ˈpɜ:sn]* |
| **Нашр** | публикация | *publication [ˌpʌblɪˈkeɪʃ(ə)n]* |
| **Нигоҳ доштан** | хранить, удерживать | *to keep [ ki:p], to hold [ həʊld]* |
| **Нишастан** | сидеть | *to sit [sɪt]* |
| **Нишонӣ** | адрес | *address [əˈdres]* |
| **Нодуруст** | неправильный | *false [fɔ:ls], incorrect [ɪnkəˈrekt]* |
| **Нӯшидан** | пить | *to drink [drɪŋk]* |
| **Нотарс** | храбрый | *brave [breɪv]* |
| **Намоянда** | представитель | *representative [reprɪˈzentətɪv]* |

### О

| | | |
|---|---|---|
| **Об** | вода | *water [ˈwɔ:tə]* |
| **Обу ҳаво** | погода | *weather [ˈweðə]* |
| **Овоз** | голос | *sound [saʊnd], noise [nɔɪz]* |
| **Оғоз** | начало | *beginning [bɪˈgɪnɪŋ], start [sta:t]* |
| **Одам** | человек | *man [mæn], person [ˈpɜ:sn]* |
| **Одат** | привычка | *custom [ˈkʌstəm]* |
| **Одоб** | воспитанность | *courtesy [ˈkɜ:rtəsɪ]* |





| | | |
|---|---|---|
| **Ҳақ** | истина, правда | *right [raɪt], privilege [ˈprɪvɪlɪdʒ]* |
| **Ҳаққи хизмат** | заработная плата, оклад | *wages [weidʒ]* |
| **Ҳақиқат** | правда | *truth[tru:θ], reality [rɪˈælɪtɪ]* true *[tru]* |
| **Ҳама** | весь, вся, всё | *all[ɔ:l], everyone[ˈevrɪwʌn], everything [ˈevrɪθɪŋ]* |
| **Ҳамкор** | коллега, сотрудник | *colleague [ˈkɔli:g], coworker [ˈkəuˈwɜ:kə]* |
| **Ҳамкорӣ** | сотрудничество | *cooperation [kəʊˌɒpəˈreɪʃn]* |
| **Ҳамоҳангсоз** | координатор | *co-ordinator [kəuˈɔ:dmeɪtə]* |
| **Ҳамроҳ** | вместе, спутник | *together[təˈgeðə], travelling companion [ˈtræv(ə)lɪŋkəmˈpænɪən]* |

### Ч

| | | |
|---|---|---|
| **Чӯб** | палка, древесина | *wood[wud]* |
| **Чӯпон** | пастух | *shepherd [ˈʃepəd]* |
| **Чутка** | щётка | *brush [brʌʃ]* |
| **Чӯҷа** | цыплёнок | *chick [ʧik]* |

### Ҷ

| | | |
|---|---|---|
| **Ҷавоб** | ответ | *answer [ˈa:nsə]* |
| **Ҷавон** | молодой | *young [jʌŋ]* |
| **Ҷавонӣ** | молодость | *youth [juθ]* |
| **Ҷадвал** | линейка | *ruler [ˈru:lər]* |
| **Ҷамъ** | совокупность, сумма, итог | total *[toutl]* |
| **Ҷамъият** | общество | *society [səˈsaɪətɪ]* |
| **Ҷанг** | война | *war [wɔ:]* |
| **Ҷануб** | юг | South *[sauθ]* |
| **Ҷонишин** | заместитель директора | *deputy director [ˈdepjutɪ d(a)ɪˈrektə]* |
| **Ҷонибдор** | сторонник | *supporter [səˈpɔ:tə]* |
| **Ҷорӣ** | текущий | *folowing [ˈfɔləʊɪŋ]* |
| **Ҷорӯб** | веник | *broom [bru(:)m]* |
| **Ҷумҳурӣ** | республика | *republic [rɪˈpʌblɪk]* |
| **Ҷуворӣ** | кукуруза | *corn [kɔ:n]* |
| **Ҷумъа** | пятница | *Friday [ˈfraɪdɪ]* |

| | | |
|---|---|---|
| **Феъл** | глагол | *verb [vɜ:b]* |
| **Фикр** | мысль, мнение | *think ['θɪŋk], opinion [ə'pɪnjən]* |
| **Фурудгоҳ** | аэропорт | *airport ['eəpɔ:t]* |
| **Фурӯш** | продажа | *sale [seɪl]* |
| **Фурӯшгоҳ** | магазин | *department store[dɪ'pa:tmənt stɔ:], shop [ʃɔp]* |
| **Фурӯхтан** | продавать | *to sell[ tu sel]* |

**Х**

| | | |
|---|---|---|
| **Хабар** | весть, новость | *information['ɪnfə'meɪʃ(ə)n], news [nju:z]* |
| **Халқ** | народ | *people['pi:p(ə)l]* |
| **Харидан** | купить | *to buy [ tu:baɪ]* |
| **Харита** | карта | *map[mæp]* |
| **Хатм** | окончание | *graduation ['grædʒu'eɪʃ(ə)n]* |
| **Хатм кардан** | окончить | *to graduate [tu ˈgrædʒʊeɪt]* |
| **Хестан** | вставать, подниматься | *to get up [ tu get ʌp], to stand up[ tustænd ʌp]* |
| **Хизмат** | служба, услуга | *service ['sɜ:vɪs]* |
| **Хоб** | сон | *dream [dri:m] sleep[sli:p]* |
| **Хомӯш** | тихий | *silent['saɪlənt]* |
| **Хона** | дом | *house[haus], home [həum], apartment [ə'pa:tmənt], room [ru(:)m]* |
| **Хондан (хон)** | читать, учиться, молиться | *to read[ tu: ri:d], to study [ tu: ['stʌdɪ]; to pray [ tu:preɪ]* |
| **Хотира** | память | *memory ['mem(ə)rɪ]* |
| **Хоҳар** | сестра | *sister ['sɪstə]* |
| **Хунук** | холод | *cold [kəuld]* |
| **Хуш омадед** | добро пожаловать | *welcome ['welkəm]* |

**Ҳ**

| | | |
|---|---|---|
| **Ҳавз** | пруд, водоём, бассейн | *pond [ pɔnd],pool [pu:l], swimming pool['swɪmɪŋpu:l]* |
| **Ҳавлӣ** | двор | *house[haus], garden [ga:dn], yard[ja:d]* |
| **Ҳаво** | погода, воздух | *weather['weðə], air[eə]* |
| **Ҳавопаймо** | самолёт | *aeroplane ['e(ə)rəplem]* |
| **Ҳайвон** | животное | *animal ['ænɪm(ə)l]* |
| **Ҳайкал** | памятник, статуя | *monument [ˈma:njəmənt], statue['stætʃu:]* |
| **Ҳайрат** | недоумение, удивление, изумление | *Perplexity [pə'pleksɪtɪ]; amazement [ə'meɪzmənt], astonishment [ə'stɔnɪʃmənt], surprise [sə'praɪz]* |





**А**

| Тоҷикӣ | РУСӢ | АНГЛИСӢ (овонавишт) |
|---|---|---|
| **Адабиёт** | литература | *literature ['lɪt(ə)rəʧə]* |
| **Адад** | число | *number ['nʌmbə]* |
| **Адолат** | справедливость | *justice ['ʤʌstɪs]* |
| **Азиз** | уважаемый | *dear [dɪə], precious ['preʃəs], esteemed [ɪ'sti:md]* |
| **Ақл** | ум, разум | *intelligence [ɪn'telɪʤ(ə)ns], intellect mind ['ɪntɪlekt maɪnd]* |
| **Алов (оташ)** | огонь | *fire ['faɪə]* |
| **Алаф** | трава | *grass [gra:s], herb UK: [hɜ:b], US: [ɝ:b], fodder ['fɔdə]* |
| **Аскар** | солдат | *soldier ['səulʤə]* |
| **Атроф** | вокруг | *around [əˈraond]* |
| **Афсона** | сказка | *fairy-tale ['fe(ə)rɪteɪl], story ['stɔ:rɪ], tale [teɪl]* |
| **Ахбор** | новость | *news [nju:z]* |
| **Ахлоқ** | мораль | *morals ['mɔrəlz]* |
| **Аҳолӣ** | население | *population ['pɔpju'leɪʃ(ə)n]* |
| **Аломат** | знак | *sign [saɪn], mark [ma:k], omen, ['əumən]* |
| **Амният** | безопасность | *security [sɪ'kju(ə)rɪtɪ]* |
| **Анъана** | традиция | *tradition [trəˈdɪʃn]* |

**Б**

| | | |
|---|---|---|
| **Бад** | плохой | *bad [bæd]* |
| **Бадан** | тело | *body ['bɔdɪ]* |
| **Баён** | выражение мыслей | *expression of thoughts [ɪk'spreʃ(ə)n ɔvθɔ:ts]* |
| **Базм, тӯй** | вечеринка, общественный прием, связанный со свадьбами и т.д. | *party [ˈpa:rtɪ], public reception associated with weddings ['pʌblɪk rɪ'sepʃ(ə)n ə'səuʃɪetid wɪð 'wedɪŋz]* |
| **Байналмилалӣ** | международный | *international ['ɪntə'næʃ(ə)nəl]* |
| **Байнишаҳрӣ** | междугородний | *between cities [bɪ'twi:n 'sɪtɪz]* |
| **Баромадан** | подняться | *to rise [raɪz]* |
| **Баромадгоҳ** | выход | *exit ['egzɪt]* |
| **Барф** | снег | *snow [snəu]* |
| **Бахт** | счастье | *happiness [ˈhæpɪnəs]* |
| **Бахшидан** | простить | *to forgive[tu: fə'gɪv], let off [ˈlet ˈɒf]* |
| **Баҳор** | весна | *spring [sprɪŋ]* |





| | | |
|---|---|---|
| | | *['remɪdɪ]* |
| **Духтар** | девочка | *girl[gɜ:l]* |
| **Дуст, рафиқ** | друг, товарищ | *friend[frend]* |

**Ё**

| | | |
|---|---|---|
| **Ёд гирифтан** | научиться | *to learn [tu lɜ:n]* |
| **Ёдгории меъморӣ** | памятник архитектуры | *a monument of architecture [ˈmɒnjʊm(ə)nt əv 'a:kɪ'tekʧə]* |
| **Ёд доштан, ба ёд омадан** | вспомнить | *to remember [turɪ'membə]* |
| **Ёздаҳ** | одиннадцать | *eleven [ɪ'lev(ə)n]* |
| **Ёрдам** | помощь | *help, [help] assistance [ə'sɪst(ə)ns]* |
| **Ёридиҳанда** | вспомога-тельный | *auxiliary [ɔ:g'zɪlɪərɪ]* |
| **Ёрдам кардан** | помогать | *to help [tu help]* |
| **Ёрдамчӣ** | помощник | *assistant[ə'sɪst(ə)nt]* |
| **Ёрии таъҷилӣ** | скорая помощь | *ambulance [ˈæmbjəl(ə)ns],emergency assistance [ɪ'mɜ:ʤ(ə)nsɪ] [ə'sɪst(ə)ns]* |
| **Ёсуман** | жасмин | *jasmine [ˈʤæzmɪn]* |
| **Ёфтан** | найти | *to find [tu faɪnd]* |

**Ж**

| | | |
|---|---|---|
| **Жола** | град | *hail [heɪl]* |
| **Жола боридан** | выпадение града | *hail fallout [heɪl ˈfɔ:laʊt] it is haliog* |
| **Журнал** | журнал | *magazine [maga'zen] journal['ʤɜ:n(ə)l]* |

**З**

| | | |
|---|---|---|
| **Забон** | язык | *language, ['læŋgwɪʤ] tongue [tʌŋ]* |
| **Забони давлатӣ** | государственный язык | *state language [steit 'læŋgwɪʤ], official language [ə'fɪʃ(ə)l 'læŋgwɪʤ]* |
| **Задан (зан)** | бить, ударить | *to hit [tu hɪt], to strike [tu straɪk]* |
| **Замин** | земля, вселенная | *soil [sɔɪl], earth [ɜ:θ], ground [graund], land [lænd]* |
| **Замон** | время, период, эпоха | *time [taɪm], period, ['pɪ(ə)rɪəd], epoch [ˈi:pɒk], era [ˈɪrə]* |
| **Замонавӣ** | современный | *modern[mɔdn]* |
| **Зан** | жена, женщина | *wife [waɪf], woman [ˈwʊmən]* |
| **Занона** | по-женски, женский | *female [ˈfi:meɪl], feminine* |





| | | |
|---|---|---|
| **Озмун** | конкурс | *competition [ˌka:mpəˈtɪʃn]* |
| **Озодӣ** | свобода | *freedom [ˈfri:dəm]* |
| **Оила** | семья | *family [ˈfæməlɪ]* |
| **Оина** | зеркало | *mirror [ˈmɪrə]* |
| **Олам** | мир | *world [wɜ:ld]* |
| **Омадан** | приходить | *to come [to kʌm]* |
| **Ошхона** | кухня | *Kitchen [ˈkɪtʃɪn], national café [ˈnæʃ(ə)n(ə)l ˈkæfeɪ]* |
| **Ошно** | друг, приятель | *friend [frend]* |

**П**

| | | |
|---|---|---|
| **Пагоҳ** | завтра | *tomorrow[tə'mɔrəu]* |
| **Пагоҳирӯзӣ** | утро | *morning ['mɔ:nɪŋ]* |
| **Падар** | отец, папа | *father ['fa:ðə]* |
| **Пазируфтан (пазир)** | принимать, одобрять | *entertain [ˌentərˈteɪn], to receive [tu: rɪ'si:v]* |
| **Панҷа** | пальцы | *fingers ['fɪŋgəz]* |
| **Пахта** | хлопок | *(n) cotton ['kɔtn]* |
| **Пешвоз гирифтан** | встречать | *to meet [ tu: mi:t]* |
| **Пешниҳод кардан** | представление, выдвижение | *suggestion [sə'ʤestʃ(ə)n], proposal [prə'pəuz(ə)l]* |
| **Пешонӣ** | лоб | *forehead ['fɔrɪd]* |
| **Пиёда** | пешком | *on foot [ɔn fut], walk [wɔk]* |
| **Пиёз** | лук | *onion ['ʌnjən]* |
| **Писар** | сын, мальчик | *son [sʌn], boy [bɔɪ]* |
| **Пойафзол** | обувь | *shoes [ʃu:z]* |
| **Пурсамар** | эффективный, плодотворный | *effective [ɪˈfektɪv],fruitful ['fru:tf(ə)l]* |
| **Пӯшидан (пӯш)** | закрыть | *to close [ tu kləus]* |

**Р**

| | | |
|---|---|---|
| **Равия** | направление, тренд | *direction [dəˈrekʃn], trend [trend]* |
| **Рақам** | номер | *number ['nʌmbə]* |
| **Рақс** | танец | *dance [da:ns]* |
| **Ранг** | цвет, краски | *colour ['kʌlə]* |
| **Расм** | картина | *picture ['pɪkʧə]* |
| **Рафтан (рав)** | идти, иди | *to go [ tu: gəu]* |
| **Рафтор** | поведение | *behaviour [bɪ'heɪvɪə]* |
| **Рафтуомад** | посещение, поездка | *visit [ˈvɪzɪt]* |
| **Раҳнамо** | руководство | *guide [gaɪd]* |
| **Роҳбар** | лидер, начальник | *leader ['li:də]* |
| **Рухсатӣ** | отпуск | *holiday ['hɔlɪdɪ],Vacation* |

| | | |
|---|---|---|
| **Бача** | ребёнок, мальчик | *child[ʧaɪld], son [sʌn], boy [bɔɪ]* |
| **Бачагона** | детский | *childish [ˈʧaɪldɪʃ], children's ['ʧɪldrənz], for a child [fɔː(r) əʧaɪld]* |
| **Башардӯстона** | Гуманистический | *humanitarian [hjuːˈmænɪ'te(ə)rɪən]* |
| **Беморхона** | больница | *hospital ['hɔspɪtl]* |

**В**

| | | |
|---|---|---|
| **Вай** | он, она, оно, его, её | *he [hiː], she [ʃiː], it; [ɪt him [hɪm], her [hɜː]* |
| **Варақ** | лист | *leaf [liːf]* |
| **Варзиш** | спорт | *sport [spɔːt]* |
| **Варзишгар** | спортсмен | *sportsman ['spɔːtsmæn]* |
| **Васл** | связь | *relations [rɪˈleɪʃənz]* |
| **Ватан** | родина | *homeland ['həumlənd], motherland ['mʌðəlænd]* |
| **Ватанӣ** | отечественный | *domestic [dəˈmestɪk], native [ˈneɪtɪv], Patriotic [pætri'ɔtik]* |
| **Ваҳдат** | единство | *unity ['juːnɪtɪ] reconciliation ['rekənsɪlɪ'eɪʃ(ə)n* |
| **Ваъда** | обещание | *promise ['prɔmɪs]* |
| **Вилоят** | область, край | *region ['riːʤ(ə)n], province ['prɔvɪns]* |
| **Вобаста** | зависимый | *dependent [dɪˈpendənt], related [rɪ'leɪtɪd]* |
| **Воқеа** | событие | *event, [ɪ'vent] incident ['ɪnsɪd(ə)nt]* |
| **Воқеъ будан** | быть расположенным | *to be located[tə'biː [ləu'keɪtid] , to be situated [tə'biː 'sɪtueɪtid]* |
| **Волидайн** | родители | *parents ['pe(ə)rənts]* |
| **Вохӯрдан** | встретить | *to meet with smb[tu miːt wɪð smb]* |
| **Вохӯрӣ кардан** | встречаться | *to greet [tu griːt], to shake hands [tu ʃeɪk hændz]* |

**Г**

| | | |
|---|---|---|
| **Газета** | газета | *newspaper ['njuːs'peɪpə]* |
| **Галстук** | галстук | *tie [taɪ]* |
| **Гап задан** | разговаривать | *to speak [tu spiːk]* |





| | | |
|---|---|---|
| **Гардан** | шея | *neck[nek]* |
| **Гарданбанд** | ожерелье | *necklace ['neklɪs]* |
| **Гарм (сӯзон)** | теплий (жаркий) | *hot [hɔt],warm [wɔːm]* |
| **Гард** | пыль | *dust [dʌst]* |
| **Гирду атроф** | окресности, пригород | *suburbs [ˈsʌbɜːbz]* |
| **Гирифтан (гир)** | взять | *to take [tu teɪk]* |
| **Гиря кардан** | плакать | *to cry [tu kraɪ]* |
| **Гул** | цветок | *flower ['flauə]* |
| **Гулдон** | ваза | *vase [vaːz]* |
| **Гӯянда** | говорящий, произносящий | *narrator [nə'reɪtə], speaker ['spiːkə]* |
| **Гӯсфанд** | овца, баран | *sheep [ʃiːp]* |
| **Гӯшт** | мясо | *meat [miːt]* |

**Ғ**

| | | |
|---|---|---|
| **Ғайрирасмӣ** | неофициальный | *unofficial [ˌʌnə'fɪʃ(ə)l]* |
| **Ғарб** | запад | *west [west]* |
| **Ғижак (асбоби мусиқӣ)** | скрипка | *violin ['vaɪə'lɪn ]* |
| **Ғунҷидан (гунҷ)** | помещаться | *place [pleɪs], to contain [tu kən'teɪn]* |
| **Ғубор** | пасмурный | *cloudy [kloudē]* |

**Д**

| | | |
|---|---|---|
| **Давлат** | государство | *state [steɪt], country ['kʌntrɪ]* |
| **Давра** | круг, круговорот | *circle [ˈsɜːrkl], rotation [rəu'teɪʃ(ə)n]* |
| **Давр задан** | прогуляться | *to go around [tu gəu ə'raund] a walk [əwɔːk]* |
| **Дараҷа** | степень | *degree [dɪ'griː]* |
| **Даркор** | необходимый, нужный | *necessary ['nesəs(ə)rɪ],needed [niːdid]* |
| **Дароз** | длинный | *long [lɔŋ]* |
| **Дароз кашидан** | полежать | *to lie down [tu laɪ daun]* |
| **Дафтар** | тетрадь | *note-book [nəut buk]* |
| **Девор** | стена | *wall [wɔːl]* |
| **Деҳа** | деревня | *village ['vɪlɪʤ]* |
| **Диққат** | внимание | *attention [ə'tenʃ(ə)n]* |
| **Дил** | сердце | *heart [haːt]* |
| **Дирӯз** | вчерашний день | *yesterday ['jestədɪ]* |
| **Даво** | лекарство | *medicine, ['meds(ə)n] remedy* |





| | | |
|---|---|---|
| | | *[və'keɪʃ(ə)n]* |
| **Рӯй, рӯ** | лицо | *face [feɪs]* |
| **Рӯз** | день | *day [deɪ]* |
| **Рӯзи корӣ** | рабочий день | *working day ['wɜːkɪŋdeɪ]* |
| **Рӯзнома** | дневник, газета | *school record book [skuːl ˈrekɔːdbok], newspaper ['njuːs'peɪpə]* |

**С**

| | | |
|---|---|---|
| **Савол** | вопрос | *question ['kwesʧ(ə)n]* |
| **Саёҳат кардан** | путешествовать | *to travel [ tu 'træv(ə)l]* |
| **Сайёҳ** | турист | *tourist ['tu(ə)rɪst]* |
| **Санҷиш** | тест | *quiz [kwɪz], test [test]* |
| **Санъат** | искусство | *art [aːt]* |
| **Сар** | голова | *head [hed]* |
| **Сару либос** | одежда | *clothes [kləu(ð)z]* |
| **Сартарошхона** | парикмахерская | *barber ['baːbə]* |
| **Сарҳад** | граница | *border ['bɔːdə]* |
| **Саҳифа** | страница | *page [peɪʤ]* |
| **Синф** | класс | *class[klaːs]* |
| **Сохтмон** | строительство | *construction [kən'strʌkʃ(ə)n]* |
| **Сулҳ** | мир | *peace [piːs]* |
| **Суруд** | песня | *song [sɔŋ]* |
| **Сурх** | красный | *red [red]* |
| **Сӯзан** | игла | *needle [niːdl]* |

**Т**

| | | |
|---|---|---|
| **Табассум** | улыбка | *smile [smaɪl]* |
| **Табиат** | природа | *nature ['neɪʧə]* |
| **Табиб** | врач | *doctor [ˈdaːktər], physician [fɪ'zɪʃ(ə)n]* |
| **Табрик** | поздравление | *congratulations [kən'grætju'leɪʃ(ə)n]* |
| **Таклиф кардан** | пригласить | *to invite [ tu ɪn'vaɪt ]* |
| **Такрор** | повтор | *repetition ['repɪ'tɪʃ(ə)n]* |
| **Такрор кардан** | повторить | *to repeat [ turɪ'piːt]* |
| **Тамошо** | смотреть, зрелище | *watch [waːtʃ],see [siː];spectacle ['spektək(ə)l]* |
| **Тан** | тело | *body ['bɔdɪ]* |
| **Тару тоза** | свежий | *fresh [freʃ]* |
| **Тарафдор** | сторонник | *supporter [sə'pɔːtə]* |
| **Тарбия** | воспитание | *upbringing [ˈʌpbrɪŋɪŋ],education* |





| | | |
|---|---|---|
| | | *[ˌedʒəˈkeɪʃn]* |
| **Тарозу** | весы | *scales [skeɪlz]* |
| **Тарҷума** | перевод | *translation [træns'leɪʃn]* |
| **Таҳсил** | учёба | *studies ['stʌdɪs],learning [ˈlɜːrnɪŋ]* |
| **Таҳсил кардан** | учиться | *to study [ tu 'stʌdɪ]* |
| **Таҷриба** | опыт | *experience [ɪk'spɪ(ə)rɪəns]* |
| **Таътил** | каникулы | *holiday ['hɔlɪdɪ], vacation [və'keɪʃ(ə)n](for students)* |
| **Тоза** | чистый | *clean [kliːn]* |

**У**

| | | |
|---|---|---|
| **Узр** | извинение, прощение | *apology [ə'pɔləʤɪ], excuse [ɪk'skjuːs]* |
| **Уқёнус** | океан | *ocean ['əuʃ(ə)n]* |
| **Улум** | науки | *sciences ['saɪəns]* |
| **Умр** | жизнь | *life [laɪf]* |
| **Умр дидан** | жить | *to live [ tu lɪv ]* |
| **Умуман** | вообще, в целом | *in general [ ɪn 'ʤen(ə)rəl], overall ['əuvə'rɔːl]* |
| **Умумӣ** | общий | *general['ʤen(ə)rəl], public ['pʌblɪk]* |
| **Урф** | обычай, обряды | *customs ['kʌstəmz], habits ['hæbɪt]* |
| **Усто** | мастер | *master ['maːstə], foreman ['fɔːmən], skilled workman [skɪldwɜːkmən]* |
| **Устохона** | мастерская | *workshop ['wɜːkʃɔp]* |
| **Устод** | учитель, наставник | *teacher ['tiːʧə],mentor [ˈmentɔːr]* |
| **Устувор** | прочный, устойчивый | *steady['stedɪ], firm[fɜːm]* |
| **Устухон** | кость | *bone [bəun]* |
| **Ухда** | объязательство | *duty ['djuːtɪ], responsibility [rɪ'spɔnsə'bɪlɪtɪ], task [taːsk], job [ʤɒb]* |
| **Ӯ** | он, она | *he [hiː], she [ʃiː]* |

**Ф**

| | | |
|---|---|---|
| **Фаҳмидан** | понимать | *to understand[tu 'ʌndə'stænd]* |
| **Фаҳмондан** | объяснить | *to explain [tuɪk'spleɪn]* |
| **Фардо** | завтра | *tomorrow [tə'mɔrəu]* |
| **Фарёд** | крик, возглас | *cry [kraɪ], shout[ʃaut], yell [jel]* |
| **Фарзанд** | ребёнок | *child [ʧaɪld]* |
| **Фаромадан** | спускаться, сходить | *to go down [ tugəu daun], to get off [ tu getɔf]* |
| **Фарҳанг** | культура | *culture ['kʌlʧə]* |
| **Фарш** | пол, покрытие | *floor [flɔː]* |
| **Фасл** | сезон, время года | *season['siːz(ə)n]* |

## 2 МАЙ – ЗОДРӮЗИ УСТОД МИРЗО ТУРСУНЗОДА

***Дар ин ҷо шоири бузурги миллат зиставу шоҳасарҳо эҷод кардааст.***
***Дар ин ҷо чароғи илму адаб ҳамеша фурӯзон ва шуълаафшон будааст.***
***Дар ин ҷо пайваста маҳфили сухани воло абармардони миллатро ба ҳам меовардааст.***
***Дар ин ҷо меҳмонон аз бисёр мамолики ҷаҳон борҳо гирди як хон биншаставу сухан аз дӯстию сулҳ гуфтаю суруди муҳаббат сароидаанд.***
***Дар ин ҷо чаманистони назм ҳамеша тозаю тар ва димоғпарвар будааст…***

***Манзили зисти шоири маъруфу маҳбуби миллат, устод Мирзо Турсунзода аст ин ҷо. Тозаю озодаю ороста ва хушбоду ҳаво. Дар саҳни ҳавлии хонаи устод қадам гузошта, кас фароғири ҳисси гуворою ифтихоромез мешавад, ба ҳолати аҷибе гирифтор мегардад; замоне ин ҷо устоди беназир Мирзо Турсунзода, ки шуҳрат андар олам доштy тамоми умр ҳама ҷо донаи сулҳу дӯстӣ мекошт, гаштугузор доштааст. Изи пои устодро дар ҳар ваҷаб замини ин манзил метавон ба чашми дил диду ҳузури маънавиаширо эҳсос кард…***

***Ҳамакнун ин «ошёни баланд» Осорхонаи адабию ёдгории Мирзо Турсунзода ном гирифтаасту ба зиёратгоҳи аҳли диёр ва меҳмонони Тоҷикистон, ба рамзи меҳвари шеъру сухан ва ҷовидонагии фарзанди сарбаланди халқ табдил ёфтааст. Мо ба ифтихори зодрӯзи устод (2 май) дар саҳни ин манзил, дар айвончаи тахтагие, ки барои шоири шаҳир ин ҷо бо дӯстон дар ҳавои кушод биншаставу сари як пиёла чой суҳбат оростан ва шоҳмот бозидан хеле писанд будааст, гуфтугӯе доштем бо директори Осорхонаҳои муттаҳидаи адабӣ – ёдгории Институти забон ва адабиёти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Амирхӯҷаи Абдураҳим.***

***Ҳамсуҳбатам бадоҳатан сухан аз бузургию тавоноии устод Турсунзода, нақши ҷовидонии ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик, хидматҳои мондагору ҷасуронааш дар арсаи ҳимояи сулҳу ваҳдат ва дӯстию рафоқат дар саросари ҷаҳон ба миён овард. Саршор аз ифтихор ва меҳру муҳаббат буд суханонаш.***



# Чароғи фурӯзони маъвои шоир

- Устод Мирзо Турсунзода барои халқи тоҷик чун аллома Садриддин Айнӣ ҳадяи таърих буд, шахсе буд маҳбуби ҳар хонадон, писанди хурду калон ва ғамхору дилсӯзи аҳли ҷаҳон. Тамоми умри бобаракату файзбори устод сарфи хидмат ба аҳли диёр, мусоидат ба шукуфоии бӯстони адабиёти тоҷик гардид. Ватандӯсти асилу камназир буд устод, ба ҳадде ки дар ҳама ҷо, дар ҳама ҳолат «ҳамеша бо Ватан буд»-у «ҳамеша бо Ватан масрур», бо номи Ватан нафас мекашиду меҳри Ватан нерую тавони дилаш буд. Ҷаҳониён ба шарофати осору омоли устод тоҷику Тоҷикистонро бештар шинохтанду эътироф карданд. Таваҷҷуҳ кунед, ки Пешвои миллат, Сарвари маҳбуби кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чӣ қадар самимона ва бо ифтихор устоди бузургворро ситоиш кардаанд: «Шеъри Мирзо Турсунзода шеъри миллат ва шеър барои инсоният аст. Тамоми зиндагии ӯ тимсоли дурахшони хидмати содиқонаи як фарзанди зиёӣ ба нафъи халқу Ватани хеш мебошад. Меҳри ӯ дар ошёни баландтарин – дили халқ маъво гирифтааст ва халқ хотираи неки фарзанди маҳбуби хешро то абад ҳифз хоҳад кард». Устод Турсунзода сазовори ҳама гуна ситоишу эътироф ва арҷгузорист. Устод Лоиқ, яке аз шогирдону ворисони шоиставу садоқатманди шоири бузург, барҳақ гуфтааст:

**Хуни гармаш дар раги ҳар**
**байт туғён мекунад,**
**Дар дили хок аст, аммо**
**дил бадарё мезанад.**
**Зиндаи ӯ баҳри имрӯзи**
**ҷаҳон ҷонкандааст,**
**Баҳри фардои ҷаҳон осори**
**ӯ ҷон меканад.**

**- Ин ҳама суханони меҳрбори шумо дар саҳни манзили устод дар остонаи зодрӯзаш як каф дуоро мемонад. Саломат бошед! Мехостем сухане чанд дар хусуси таърихи таъсиси Осорхонаи адабию ёдгории устод бигӯед.**

- Қаҳрамони Тоҷикистон, устод Мирзо Турсунзода 24 сентябри соли 1977 аз олам даргузашт. Ҳукумати Тоҷикистон барои поси хотири ин фарзонафарзанди миллат як силсила тадбирҳои шоистаро амалӣ намуд. Аз ҷумла, бо қарори КМ ҲК Тоҷикистон ва Шурои вазирони ҶШС Тоҷикистон 21 марти соли 1978 хонаи шоир (воқеъ дар кӯчаи Лоиқ Шералӣ, 79) ба Осорхонаи ёдгорӣ – адабии Мирзо Турсунзода табдил дода шуд. Осорхона дар арафаи таҷлили 70–солагии устод дари худро ба сӯйи бинандагон боз кард (соли 1981). Бояд ёдовар бишавам, ки дар ин хона устод солҳои 1949-1969 зиндагӣ кардааст. Хона аз як қабад иборат буда, ҳоло ба чунин ҳуҷраҳо тақсим мешавад: айвон, меҳ-



монхона, ҳуҷраи корӣ, ҳуҷраи хоб, ҳуҷраи туҳфаҳо ва ҳуҷраи бойгонӣ. Ҳар ҳуҷра ашёи давраи зиндагии устодро ҳифз мекунад. Чунончи, дар айвон (даромадгоҳ) телевизор, миз барои рӯзномаю маҷаллаҳо, роял, тахтаю донаҳои шоҳмот, чанд курсӣ, гилеми мунаққаш, дар девор шохи бузурги гавазн ва чанд ашёи дигар ба назар мерасад. Ҳуҷраи кории устод бисёр оростаю назаррабост. Дар ҳамин ҳуҷра устод дар давоми бист сол асарҳои машҳури худ, аз ҷумла, достонҳои «Ҳасани аробакаш», «Чароғи абадӣ», «Ҷони ширин» ва як силсила шеърҳои машҳурашро эҷод кардааст ва матни суханрониҳои муассиру пурмуҳтавояшро дар кунгураҳои ҷаҳонӣ ба қалам овардааст.

Устод, ки ҳамарӯза, ба қавле, ҳазору як кору ташвиш ба нафъи халқу адабиёту сиёсат дошт, ғолибан шабонаҳо ба эҷоди бадеӣ машғул мешуд ва инро худ бо ишора ба ҳуҷраи кориаш таъкид кардааст:

**Агарчи хона ором аст**
**дар шаб,**
**Ба шоир ҷои илҳом аст**
**дар шаб.**

Ҷевонҳои ҳуҷраи кории устод пуропур аз китобанд (беш аз чор ҳазор) ва қисме аз ин китобҳо дорои соядаст мебошанд; тақдим ба устод аз муаллифон. Меҳмонхонаи устод низ таърихи ҷолиб дорад. Дар ин ҷо устод бо гурӯҳе аз дӯстонаш 40-солагию 50-солагии худро таҷлил кардаву ба ифтихори таваллуди писари дуюмаш (Парвиз) ва набераи аввалинаш барои пайвандонаш хони зиёфат оростааст. Ҳамчунин, ин ҷо устод як зумра шахсиятҳои маъруфи замонро (чун Файз Аҳмади Файз, Парвиз Нотил Хонларӣ) Иржи Бечка, Николай Тихонов, Расул Ғамзатов, Чингиз Айтматов, Ғафур Ғулом, Мулк Ананд Роҷ, Зулфия…) меҳмондорӣ кардааст. Ҳуҷраи туҳфаҳои устод ҳар бинандаро ба ваҷд меоварад. Ҳар як ҳадя ба устод (аз номи созмону ташкилотҳои ватанию хориҷӣ, иддае аз шахсиятҳои маъруф ва ҳаводорони эҷодиёташ) нишони возеҳи муҳаббату эътиқод ба шоири бузург аст…

Солҳои минбаъд аз рӯйи зарурат дар қисмати рости хонаи устод (дар самти ғарбии ҳавлӣ) биное иборат аз панҷ толори хурд бунёд гардид. Дар ин толорҳо ашёи зиёде вобаста ба ҳаёту эҷодиёт ва фаъолияти адабии устод Турсунзода гузошта шудаанд (китобҳои устод, ордену медалҳо ва ҳуҷҷатҳои шахсияш, намунаи дастхатҳо, аксҳо, харитаҳо…).

**- Аз бойгонии устод ёдовар шудед. Он то ба кадом сатҳ омӯхтаю тавсиф бахшида шудааст?**

- Воқеан, бойгонии адибон ва шахсиятҳои маъруф ҷузъи муҳимми ифодагари ҳаёт ва фаъолияти онҳост. Бойгонии устод Турсунзода хеле ҷолибу ғанӣ буда, дар як ҳуҷраи хурди хонаи устод гирд оварда шудааст ва зери назорати махсус қарор дорад. Он аз дастхатҳои зиёд, варақаю дафтарҳо, блокнотҳо (дафтарчаи ёддоштҳо, беш аз 100 адад) ва суратҳо иборат мебошад. Матни 41 мақолаи гуногуни устод дар бойгонӣ маҳфуз аст. Бойгонии устодро теъдоди зиёди номаҳои дӯстону ҳампешагон, ҳаводорону хонандагони осораш ғанитар сохтаанд.

Солҳост, ки аз ҷониби мутахассисони Институти забон ва адабиёти АМИТ ва кормандони осорхона бойгонии устод омӯхта мешавад. Солҳои наздик тибқи лоиҳаи махсус куллиёти устод ба чоп омода хоҳад шуд, тақрибан дар ҳафт ё ҳашт ҷилд. Куллиёти устодро рӯйи даст доштан орзуи дерини ҳаводорони каломи бадеъ ва доираи васеи хонандагони тоҷик аст. Шумо медонед, ки чанд кӯшиши қаблӣ дар ин самт фарҷоми шоиста наёфт. Дар омади гап, бояд як мушкилиро аз ин хусус ёдовар шавам: мо номаҳои дигаронро ба устод дар бойгонӣ дорем, вале номаҳои устод ба дигарон дастрасамон нест. Чӣ хуб мебуд, агар касоне, ки ин гуна номаро бо худ доранд ва ё медонанд, нусхаеро аз онҳо ба мо пешкаш мекарданд. Ҳамчунин, дар гирд овардани соядастҳои устод низ мо аз мадади хонандагон, кулли сокинони диёр умедворем.

Имрӯз ҳар як нуктаи алоқаманд ба ному фаъолияти устод Турсунзода дорои аҳаммияти махсус аст. Ҳоло мо беш аз 1300 мактуби ба номи устод навишташударо дар бойгонӣ дорем. Ба нақша гирифта шудааст, ки ин номаҳо дар ҷилди шашуми куллиёт ҷой дода шаванд.

**- Кормандони осорхона дар омӯзиши бойгонии устод ва ҳаёту фаъолияти ӯ чӣ нақше доранд?**

- Вазифаи мо – кормандони осорхона танҳо аз истиқболи бинандагону тавзеҳи ашёву таърихи манзили устод ва ҳифзи мадракҳо иборат нест. Дар радифи ин корҳои ҳамарӯза, мо ба таҳқиқу омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти шоир машғул мешавем, вохӯрию маҳфилу конфронсу ҷашнвораҳо баргузор мекунем. Ҳар сол зодрӯзи устод дар осорхона бо ташкили базми адабӣ, маҳфили шеъру суруд ва ҳамоиши илмӣ таҷлил мешавад. Мо бахшида ба паҳлуҳои фаъолияти устод дар заминаи пажуҳишҳо китобу дастурҳо ба чоп расондаем ва ин кор идома дорад. Чанде пеш китоби «Осорномаи Мирзо Турсунзода»-ро чоп кардем, ки натиҷаи заҳмати бардавоми кормандони мост. Ният дорем, ки соядастҳои китобҳои ба устод тақдимшударо (беш аз 2 ҳазор), ки бо забон (русӣ, англисӣ, ҳиндӣ, фаронсавӣ…) ва хатҳои гуногунанд (кириллӣ, арабӣ, лотинӣ чинӣ, ҳиндӣ…), бо хатти имрӯзаамон ва ба забони тоҷикӣ баргардон карда, дар шакли китобчае пешкаши хонандагон намоем. Таҳия ва чопи китоби «Таърихномаи ҳадяҳо ба устод Турсунзода»-ро низ дар назар дорем, ки ба гумонам, туҳфаи хеле аҷибу ҷолиб хоҳад буд барои ҳаводорони устод ва кулли алоқамандони адабиёти бадеӣ. Тавзеҳи таърихи баъзе ҳадяҳо на камтар аз панҷ-шаш сафҳаро фаро мегирад. Дар ин кор хонандагон, мутахассисон ва алоқамандони адабиёт низ метавонанд ба мо мадад расонанд, ҳамкорӣ кунанд.

**- Таваҷҷуҳи аҳли диёр ва меҳмонони ҷумҳурӣ ба осорхонаи устод чӣ гуна аст?**

- Як давраи муайян таваҷҷуҳи шаҳрвандон умуман ба тамошои осорхонаҳою мавзеъҳои таърихӣ коҳиш ёфта буд. Солҳои ахир, хушбахтона, мардум ба такмили ҷаҳони маънавии хеш бештар диққат медиҳанд. Ҳоло ҳар рӯз чанд гурӯҳ тамошобинон аз минтақаҳои гуногуни мамлакат (бештар хонандагони мактабҳо) ба осорхонаи устод меоянд ва ҳар гӯшаи онро бо шавқ тамошо мекунанд, ба саволҳои зиёди худ посух меёбанд. Аз аввали сол то имрӯз осорхонаро наздик ба чорсад нафар шаҳрванди хориҷӣ тамошо карданд.

***

**Дар назди даромадгоҳи асосии ҳавлии Осорхонаи ёдгорӣ–адабии Мирзо Турсунзода лавҳи бузурги мармарие бо акси устод бунёд гардида, ки дар он, ҳамчунин, байти зер (аз шеъри машҳури «Замин») ҳаккокӣ шудааст:**

**То абад, бигзор, бошад**
**шуълаафкан, шуълабор**
**Он чароғе, ки фурӯзон**
**гашт дар маъвои ман.**

**Чароғи хонаи устод то ба имрӯз фурӯзон аст ва ҳамин гуна фурӯзону шуълаафшон хоҳад монд, «то ҳаст оламе, то ҳаст одаме».**

*Таҳияи*
*Абдурауф МУРОДӢ,*
*«Омӯзгор»*

**Дар шаҳри Душанбе китоби нав таҳти унвони «Набзи Роғун» чоп шуд.**

*Ҳеҷ кас монанди оне, ки бабахтиро мардона пушти сар мекунад, сазовори эҳтиром нест. Сенека*

«Омӯзгор» №18, 2 майи соли 2024

ЗАБОНИ МО – ҶАҲОНИ МО



# ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ШАВҚУ РАҒБАТ ВА ЗАҲМАТИ ЗИЁД ТАЛАБ МЕКУНАД

**Саъдӣ Тоирзода соли 1992 дар шаҳри Кӯлоб таваллуд шуда, мактаб ва донишгоҳро дар зодгоҳаш хатм кардааст. Фаъолияти кориро дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ оғоз бахшида, дар Маркази рушди касбият ва инноватсия ва Маркази таҳсилоти фосилавии донишгоҳ ифои вазифа намудааст. Соли 2018 ба Маркази амрикоии шаҳри Кӯлоб ба кор гузашта, давоми 3 сол дар он ҳамчун омӯзгор ва ҳамзамон, дар литсейи инноватсионии шаҳри Кӯлоб ба ҳайси омӯзгори забони англисӣ фаъолият кардааст. Айни ҳол дар баробари директори ширкати сайёҳии "ДИЁР ТРЕВЭЛ" будан, ба фаъолияти блогерӣ машғул аст ва тавассути саҳифаҳои худ дар шабакаҳои иҷтимоӣ забони англисӣ меомӯзонад.**

**– Дар оғоз мехоҳем донем, ки Саъдӣ аз кай ба омӯзиши забони англисӣ пардохтааст ва ҳоло ба чӣ кор машғул аст - омӯзгорӣ ё блогерӣ?**

– Ман, аслан омӯзгори забони англисӣ мебошам. Дар мактаби миёна ва донишгоҳ чанд муддат ба таълими забони англисӣ машғул будам, ҳоло тавассути саҳифаҳои худ дар шабакаҳои иҷтимоӣ касби омӯзгориро идома бахшида, мунтазам забономӯзиамро такмил медиҳам. Ба омӯзиши забони англисӣ аз синфи 8 оғоз намуда, ба хотири омӯхтани ин забон мактаби худро низ иваз кардам. Зеро дар муассисаи таълимие, ки қаблан таҳсил менамудам, аз фанни забони англисӣ дарс гуфта намешуд. Дар баробари ин, ба дарсҳои иловагӣ рафта, нозукиҳои забонро аз худ бинмуда, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакиро низ бо ихтисоси забони англисӣ ба итмом расондам. Сипас блоги худро дар шабакаҳои иҷтимоӣ фаъол ва ба омӯзонидани забони англисӣ ба таври онлайнӣ шурӯъ намудам.

**–Маълум аст, ки дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ шеваю усулҳои муосири таълим истифода мешавад ва техникаву технологияи замон ин имконотро фароҳам овардааст. Имрӯз вазъи омӯзиш ва забондонии шаҳрвандони мо дар кадом сатҳ қарор дорад?**

– Агар дар умум, дар назар дошта бошед, ҳарчанд сатҳи забондонии шаҳрвандони мо то ҳол ба андозаи зарурӣ набошад ҳам, дар ин самт пешравӣ дида мешавад. Масалан, дар дилхоҳ соҳа ҳастанд, нафароне, ки забонро то як сатҳи муайян медонанд. Барои мисол соҳаи сайёҳиро гирем, мебинем, ки ҳангоми ташриф овардани меҳмони хориҷӣ як нафар дар сатҳи муоширот бо ӯ суҳбат мекунад ва ба таври коста ҳам бошад, мароми мақсади худро мефаҳмонад. Ё дар ошхонаҳо агар аҳамият дода бошед, зимни ташрифи як нафар хориҷӣ танҳо як нафар пешхизмат пайдо мешавад, ки ба таври қаноатбахш суҳбат намуда, дархости муштариро қонеъ созад. Ва ё агар ду-се сол пеш ба хориҷи кишвар мерафтем, ҳатман ҳамроҳи худ тарҷумон мебурдем, аммо ҳоло дар қиёс ба ин, вазъи забондонӣ то як андоза беҳтар шудааст. Бо вуҷуди ин, бояд талош намоем, то сатҳи забондонии шаҳрвандонро беҳтар созем.

Боиси ифтихор аст, ки чанде қабл фармони вижае аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ ба тасвиб расид. Дар ин самт, дар тамоми ташкилоту идораҳо омӯзиши забонҳои хориҷӣ ба роҳ монда шуда, давоми якуним сол натиҷагирӣ карда мешавад. Бо татбиқи ин иқдом дар ин самт мо ба дастовардҳои назаррас ноил мегардем.

**– Мусаллам аст, ки сатҳи забондонии шаҳрвандон ба таълими забони англисӣ дар мактаб ва донишкадаву донишгоҳҳо иртибот дорад. Сатҳи тадриси омӯзиши забони англисӣ ва мазмуну муҳтавои китобҳои дарсиро дар таълимгоҳҳо ва фарқ аз марказҳои забономӯзӣ чӣ гуна арзёбӣ мекунед?**

– Тавре дар аввал ишора кардам, ман ҳам дар мактаб, ҳам дар донишгоҳ ва ҳам дар маркази забономӯзӣ дарс гуфтаам. Маводе, ки мо дар муассисаҳои таълимӣ дорем, ба талабот ҷавобгӯ нестанд. Яъне, талаботи хонандаю донишҷӯро қонеъ карда наметавонад. Ба ибораи дигар, маълумоти муфассал ё маҳорати заруриро дода наметавонад.

Хусусан, дар донишгоҳ ба таври зарурӣ маводи тоҷикӣ надорем ва аксари он китобу дастуроте, ки истифода мешаванд, аз ҷониби муаллимон ва муаллифони рус барои аудиторияи рус пешниҳод шудааст. Яъне, таҷрибаю сатҳи дониши англисие, ки онҳо доранд, бо дарназардошти ҳамон китоби худро навиштаанд. Дар Тоҷикистон ин китобҳо ба сатҳи забономӯзии мо мувофиқ намешаванд. Бубинед, ки на ҳама бо забони русӣ гап мезананд. Мисол, дар шаҳри Душанбе шояд аксарият бо забони русӣ гап мезананд, аммо онҳое, ки берун аз пойтахтанд, на ҳама бо забони русӣ суҳбат карда метавонанд. Аз ин рӯ, он сатҳи китобҳое, ки имрӯзҳо мо истифода мекунем, мувофиқ нест ва бояд аз зинаҳои поёнтар шурӯъ кунем.

Фарқияти китобҳои тоҷикие, ки дорем, аз китобҳои англисии амрикоӣ ё бритониёӣ дар он аст, ки китобҳои тоҷикӣ фақат ду маҳорат - хондан ва навиштанро меомӯзонанд, аммо китобҳои амрикоӣ ё бритониёӣ чор маҳорат - гӯш кардан, гап задан, навиштан ва хонданро. Яъне, забон ин гап задан аст. Барои он ки гап занем, аввал бояд бисёртар гӯш кунем. Бубинед, ки тифл ду ё се сол фақат гӯш мекунад, ки падару модараш чӣ мегӯянд ва баъдан як ё ду калима гап мезанад. Мо ҳам зимни омӯзиши дилхоҳ забони нав бештар бояд гӯш кунем. Мутаассифона, китобҳои мо ҳамон шунавоиро надоранд, омӯзгорон бо аудио кор намекунанд ва хонанда фақат ба таври визуалӣ ба чашм ҳарфҳоро мешиносаду тарҷума карда метавонад, аммо зимни суҳбат муоширот карда наметавонад.

Дар марказҳои омӯзишӣ бошад, бештар аз маводе истифода мебаранд, ки ҳам аудио доранд, ҳам видеодарсҳо доранд, ки хонанда бештар баробари гӯш кардану дидан, суҳбат низ менамояд.

Яке аз шиносонам, ки дар литсейи ноҳияи Восеъ кор мекунад, иқрор шуд, ки дар мувофиқа бо роҳбарияти муассиса дар раванди таълим аз китобҳои амрикоию бритониёӣ истифода кардааст ва ба натиҷаҳои назаррас расидааст. Яъне, дарсро аз рӯйи се маҳорат ба роҳ мондааст. Маводи аудиоиро гӯш карда, тавассути телефон суҳбати ду нафарро шунида, ба саволҳои ҳамсуҳбатон хаттӣ посух навиштаанд, сипас хонандагон шунидаашонро нақл мекунанд ва аз натиҷаи нақли ҳосилшуда иншо менависанд.

Агар хато накунам, яке аз хонандагони ин муассиса дар як озмуни сатҳи баланд дар Англия аз фанни забони англисӣ сазовори ҷойи якум гардида буд. Ин таҷриба сад дар сад нишон медиҳад, ки агар мо маводу равиши дарсҳоро иваз кунем, каме ҷиддӣ муносибат намоем, ба натиҷаи хуб мерасем.

Дар зимн, наметавон зиёд ба мавод ҳам такя намуд, зеро дар марказҳои омӯзишӣ низ ҳастанд, нафароне, ки гап зада наметавонанд. Аз ин рӯ, аз чанд ҷиҳат вобаста аст. Ҳам мавод, ҳам муҳит ва ҳам хоҳиши хонанда бояд бо ҳам тавъам бошад ва хонанда бояд бештар мустақилона кор кунад. Дар марказҳо фарқ аз мактабҳо дар он аст, ки бештар муҳити сунъиро ташкил мекунанд ва забономӯз маҷбур мешавад, ки ҳама амалро ҳангоми иҷро кардан бо забони англисӣ шарҳ дода, иҷро кунад. Ҳар маводе, ки мутолиа мекунад, аудио ё видеое, ки мешунаваду мебинад, бо забони англисӣ мебошад.

**– Баъзеҳо идао мекунанд, ки хонанда давоми 11 сол дар мактаб ва 4-5 сол дар донишгоҳ таҳсил мекунад, аммо бо забони англисӣ наметавонад ҳатто дар сатҳи муоширот суҳбат намояд. Дар ин маврид чӣ андеша доред?**

– Ба андешаи ман, сабаби дертар ба азхудкунии забон машғул шудан ва ё пурра аз худ накардани забон дар мактаб ё донишгоҳ ин аст, ки хонанда дар муассиса дар як вақт чанд фанро меомӯзад. Масалан, хонандаи синфи 11 13 фанни таълимиро меомӯзад ва агар 13 фанро тақсим кунем, хонанда 30 дақиқа ё аз ин камтар барои ҳар як фан вақт ҷудо карда метавонад. Ҳамаи фанҳо дар як ҳафта ҳадди ақал ду ва баъзеашон 3 ё 4 маротиба дарс дода мешаванд. Хонанда дар як рӯз 6 соат дарс дорад ва баробари аз худ карданӣ забони англисӣ боз 5 дарси дигарро бояд аз худ намояд. Вай вақти кофӣ намеёбад, ки як мавзӯъро пурра аз худ намояд. Чун дигар дарсҳо – забони тоҷикӣ, физика, химия, таърих ва ғайра низ ҳастанд. Ба ин маънӣ, фан бисёр асту вақт кам, хонанда сарсарӣ дарсҳоро аз худ менамояд ва баъд аз се рӯз ҳамаи онҳоро фаромӯш мекунад. Дар марказҳои забономӯзӣ бошад, фикр ва тамаркуз ба як фан равона мешавад. Дар баробари марказҳои забономӯзӣ, марказҳои тайёрӣ барои дохилшавӣ ба мактабҳои олӣ низ чунинанд. Агар довталаб хоҳиши дохил шудан ба ихтисосҳои тиббиро дошта бошад, дар марказ танҳо 4 фанеро меомӯзад, ки барои дохил шудан ба мактабҳои олӣ ба ӯ мусоидат менамояд. Ин монанд ба он аст, ки дар донишкадаву донишгоҳ давоми таҳсил агар донишҷӯ пурра фанҳои тахассусиро омӯзад, дар кадом сатҳ мутахассис мешавад, вале бештар ба омӯзиши фанҳои ғайритахассусӣ банд гардад, чӣ натиҷа ҳосил мешавад?

**– Аз кай ба фаъолияти блогерӣ шурӯъ кардед, идеяе, ки тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ, хусусан, Фейсбуку Инстаграму Телеграм ба тарғибу ташвиқ ва омӯхтани забони англисӣ ба наврасону ҷавонон машғул шавед, чӣ гуна пайдо шуд?**

– Аслан, сабаби машғул шудан ба блогерӣ кам будани маводи тоҷикӣ буд. Набудани маводи тоҷикӣ, ки мо ҳангоми фаъолият дар мактабу донишгоҳ ҳис кардем, дар назди худ мақсад гузоштем, ки мавод омода кунем ва он фақат бо забони содаи тоҷикӣ бошаду дилхоҳ шахс онро фаҳмад ва истифода намояд. Мо корро аввал аз Ютуб шурӯъ кардем, дарсҳо аввал муддати як сол дар ин шабака буданд. Он дарсҳо он қадар тамошобин надошт, чун ҳама ҷиддӣ буд, иҷро шуҳӣ надошт ва бо забони адабӣ буд. Вақте ба Инстаграм рӯ овардем, дидему таҳлил кардем, ки наворҳои шӯхиомезу хандаовар нисбат ба наворҳои таълимӣ тамошобини зиёд доранд. Ба хулоса омадем, ки таълимро бо шуҳӣ якҷо кунем ва чизе ба даст биорем. Чун таҷриба гузарондем, дидем, ки натиҷаи хуб дод ва ин корро давом додем. Сабаби аз забони адабӣ гузаштан ба лаҳҷа ҳам ин буд, ки аксари аудиторияи шабакаҳои иҷтимоӣ, хусусан, Инстаграм ҷавонон ҳастанд ва мутаассифона, то як андоза онҳо гуфтори адабиро қабул надоранд. Аслан, ин чизи нав нест, лекин дар Тоҷикистон ин тарзи пешниҳоди мавод нав аст. Зеро дар саҳифаҳои иҷтимоии корбарон аз кишварҳои Ӯзбекистону Россия, Эрону дигар давлатҳо ҳама намуд наворҳо ба таври лаҳҷа ва шӯхиомез вуҷуд доранд ва мо ҳам ин усулро истифода намудем. Ҳоло зиёда аз 20 нафар омӯзгор ҳаст, ки ба воситаи саҳифаи иҷтимоии Инстаграм забони англисиро танҳо бо забони тоҷикӣ дарс медиҳанд.



**– То ҷойе мо медонем, аз ҷониби шумо платформаи омӯзишии "Вожаомӯз" низ таҳия шудааст. Ин чӣ гуна платформа аст ва барои омӯзиши забони англисӣ ба наврасону ҷавонон ва умуман, аҳли ҷомеа чӣ кумак карда метавонад?**

Дар Институти физикаю техникаи ба номи С. Умарови АМИТ озмоишгоҳи наву замонавӣ бо таҷҳизоти муосир мавриди ифтитоҳ қарор дода шуд.

- Вақте бо забони тоҷикӣ блогро сар кардем, баъди се соли фаъолият эҳсос намудем, ки мавод бо забони тоҷикӣ бисёр шуд ва ба хулосе омадем, ки як китоби хурдакаке нависем, то фарогири ин ҳама вожаҳо бошад. Бо номи «1001 калимаи зарурӣ» китоб таҳия кардем ва дидем, ки боз дигар китобҳо ҳам пайдо шуданд. Вақте таҳлилу хулосабарорӣ кардем, дидем, ки дар телефонҳо барномае намерасад, ки ба тарви осон дастраси ҳамагон бошад. Аввалин чизе, ки таваҷҷуҳи моро ҷалб кард, таҳияи шакли электронии китобҳо буд, зеро аз хориҷ тоҷиконӣ мо бештар пурсон мешуданд, ки чӣ гуна нусхаи электронии ин ё он китобро дастрас намоянд. Ва ман хостам, ки як шакли электронии ин китобро дошта бошам, на танҳо дар формати PDF, балки дар шакли интерактивӣ бошад. Баъдан, вақте бо барномасоз Миркурбон Наимов ҳамсуҳбат шудем, мавзӯи англисӣ як навъ тарс доранд. Барои бо забони англисӣ озод суҳбат кардан чӣ бояд кард, муҳити забономӯзӣ ва ё роҳи дигаре вуҷуд дорад?

**англисӣ як навъ тарс доранд. Барои бо забони англисӣ озод суҳбат кардан чӣ бояд кард, муҳити забономӯзӣ ва ё роҳи дигаре вуҷуд дорад?**

– Ин мушкили танҳо мо-тоҷикон нест ва ин омил дар тамоми дунё ба мушоҳида мерасад. Дилхоҳ шахс, ки як забони дигарро меомӯзад, зимни аввалин суҳбатҳо дар вуҷуди ӯ як тарс пайдо мешавад. Шахс фикр мекунад, ки агар ман як хато кунам, мусоҳиб ва ё нафарони дигар ба ҳоли ман механданд. Ман бо хориҷиён низ кор кардаам, хусусан, муаллимони амрикоӣ, бритониёӣ, эронӣ низ ин таҷрибаро ёдовар ва икрор ҳам шудаанд, ки ҳатто дар донишгоҳҳои кишварҳои зикршуда низ ин ҳолат ҷой дорад. Ба андешаи инҷониб мо бояд хато кунем. Маҳз дар чунин ҳолат шахс хатои худро дарк карда, аз пайи ислоҳ мешавад ва қадам ба қадам сатҳи муоширати худро хуб мекунад. Дар зимн, барои он ки сатҳи забондонии мо хубтару беҳтар шавад, бояд бештар гӯш кунем. Вақте зиёд гӯш мекунем, тарзи талаффузи калимаро аз худ мекунем ва ба хатоӣ кам роҳ медиҳем.




суф низ иброз дошт, ки нияти таҳияи чунин як барномаро дорад ва ба хулосае омадем, ки аз пайи иҷрои ин идея мешавем. Сохтани барнома қариб як сол вақтро гирифт. Мо ба пуррагӣ гуфта метавонем, ки ин якумин барномаи тоҷикӣ дар самти омӯзиши калимаҳо аст. Пеш аз ин дар телефонҳо барномаҳои зиёд ҳам буданд, аммо онҳо танҳо луғат ва ё ҳамон фарҳанги забони тоҷикӣ-англисӣ ё англисӣ-русӣ мебошанд. Яъне, шумо калимаро менависед, тарҷумаи тоҷикиашро ба шумо нишон медиҳад. Ин барнома тамоман дигар аст ва барои омӯхтани калимаҳо даҳ намуд машқ дорад. Аз шумо ба тарви интерактивӣ даҳ намуд калимаро мепурсад, ки шумо ҳамон калимаро аз худ кунед. Аксу садо, тарҷумаи тоҷикиву русӣ ва транскрипсияи калима ҳаст, ки метавонед ба осонӣ омӯзед. Яъне, шумо на танҳо калимаро бо тарҷумааш мебинед, балки даҳ маротиба бо роҳҳои гуногун калимаро аз шумо мепурсад ва тест мегирад. Баробари ин, ҳар калима бо тарҷумаҳояш ҳам садо дорад ва ҳам расм дорад. Шумо барои зуд аз худ кардан метавонед аз онҳо истифода намоед. Дар умум, ҳама он машқҳое, ки вуҷуд дорад, сирф бо забони тоҷикӣ аст ва дизайни платформа низ бояд пурра шакли миллиро ба худ касб намояд. Чун нав се моҳ шуд ба фаъолият огоз намудани барномаро, дар ин самт ҳоло корҳои техникӣ ва пуррасозии дохили он бо маводи дигари таълимӣ ва бозиҳои шавқовар идома дорад.

Дар ин росто, меҳоҳам аз як иқдоми Вазорати маориф ва илм ёдовар шавам. Агар хато накунам, соле қабл Вазорати маориф ва илм "Луғати вожаҳои серистеъмоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ"-ро бо фарогирии 400 калима таҳия ва дар баробари нашр кардан тавассути сомонаю тамоми шабакаҳои иҷтимоӣ дастраси ҳамагон гардонид. Идеяи беҳтарин ва иқдоми бениҳоят хуб аст. Ман онро аз сомонаҳо дастрас намуда, бо он шинос шудам. Дар ҳақиқат, калимаҳои сода ҳастанд ва ҳар кас метавонад дар фаъолияти ҳамарӯза рӯ ба рӯ шавад. Вақте ин луғат нашр шуд, ба таҳияи китоби "1001 калимаи зарурӣ" машғул будам ва ин иқдоми вазорат бароям хеле хуш омад.

**– Ҳастанд нафароне, ки бо вуҷуди донистану азхуд кардани вожаҳои забони англисӣ, наметавонанд озод муошират кунанд. Ба ибораи дигар, аз суҳбат кардан бо забони**

**– Барои нафароне, ки меҳоҳанд забони англисиро зудтару хубтар аз худ кунанд, чӣ тавсия медиҳед?**

– Тавсияи якуми ман ин аст, ки ҳатман барои омӯхтани забон вақт ҷудо кунанд. Фикр накунанд, ки дар муддати се моҳ метавонанд забони англисиро аз худ мекунанд. Омӯхтани дилхоҳ забон меҳнати зиёдро талаб мекунад ва ҳатман вақте қарор доданд, ки забони хориҷӣ меомӯзанд, ҳатман вақт ҷудо кунанд. Яъне, дар як ҳафта як соат намешавад. Баъзе нафароне ҳастанд, ки мегӯянд, мо 4 моҳ вақт дорему фалон ҷо сафар дорем ва оё ҳар ҳафта серӯзӣ дар 4 моҳ метавонем англисиро омӯзем? Ин аллакай 2 моҳ мешавад. Вақте барои худ 4 моҳ вақт ҷудо мекунанд, 4 моҳ бояд ҳар рӯз бе рӯзи истироҳат ва дар як ҳафта ҳафт рӯз ба забономӯзӣ машғул шаванд. Яъне, 4 моҳ-120 рӯз бояд дарс хонанд. Дар баробари 120 соат бо муаллим будан, ақаллан 120 соати дигар худашон мустақилона ба забономӯзӣ машғул шаванд. Дар ин ҳолат мешавад забонро омӯхт. Зеро ана ҳамон формулаи математикие, ки дар дилхоҳ кор истифода мешавад – вақт+меҳнат= натиҷа ҳаминро ифода мекунад. Ба ин мазмун, агар мо вақт надошта бошем, наметавонем ба мақсад расем. Ҳатто агар аҳамият диҳем, дар шабакаҳои иҷтимоӣ зиёд ба чашм мерасад, ки шахсони алоҳида тарғиб мекунанд, ки дар ду ё се моҳ метавонем забони англисиро пурра ба шумо омӯзонем ва шумо озодона ҳарф занед. Ин идао мутлақо хатост. Ҳатто бо як нафар омӯзгор баҳс ҳам доштем ва вақте даъво кард, ки дар се моҳ хонандаро забондон мекунад, пурсидем, ки худаш ба ин бовар дорад, посух дода натавонист ва танҳо гуфт, ки дар як рӯз се соат дарс мегузарад. Бале, дар як рӯз 3 соат дарс гузаштан имкон дорад, аммо оё хонанда ин се дарсро пурра аз худ карда метавонад ё не, суоли асосист. Тавсияи дигар ин аст, ки донишомӯзон бештар омӯзанд ва шавқу рағбат нисбат ба ҳамон забонро дар дил парвариш диҳанд.

*Мусоҳиб Э.ХУШБАХТ,*
*"Омӯзгор"*

ЗАН ВА ҶОМЕА

# Таъмини баробарии гендерӣ

Яке аз шартҳои муҳимтарини пешрафти давлат, осоишу суботи ҷомеа ва ободии Ватан модари босаводу соҳибмаърифат мебошад, ки метавонад фарзанди хушахлоқу донишманд ва худшиносу ватандӯстро тарбия карда, ба хизмати ҷомеа ва давлат ҳидояту роҳнамоӣ созад. Дар урфият гуфтаанд: «Агар хоҳӣ, ки ба фарҳангу маърифати миллате баҳо диҳӣ, ба чеҳраи занону модарони он миллат нигар». Дар солҳои соҳибистиқлолӣ Ҳукумати мамлакат тамоми тадбирҳоро роҳандозиву амалӣ намуд, ки мақом ва ҷойгоҳи иҷтимоии занону бонувонро дар муносибатҳои ҷамъиятӣ ва пешрафти давлат баланд бардорад.

Оид ба бузургиву матонати занону модарони тоҷик дар яке аз суханрониҳои худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин зикр кардаанд: «Модари тоҷик дар тули таърихи чандинҳазорсолаи халқамон садҳо ва ҳазорон фарзандони фарзонаву донишманд, ҷоннисору қаҳрамон, далеру часур, ҷавонмарду диловар ва ватандӯсту ватанпарварро ба дунё овардааст, онҳоро тарбия карда ба камол расонидааст ва барои хизмат ба мардум ва ҷомеаи башарӣ дуои нек намудааст.»

Неруи созандаи занону бонувони ватандӯсту ободгари тоҷик давоми солҳои соҳибистиқлолии кишвар нақши онҳоро дар устувор гардонидани тамоми паҳлуҳои ҳаёти ҷамъиятиву сиёсии мамлакат афзун намудааст. Имрӯз бо қаноатмандӣ метавон қайд намуд, ки тайи зиёда аз сӣ соли соҳибистиқлолии мамлакат занону бонувон дар тамоми соҳаҳо баробари мардон хидмати босамар мекунанд.

Дар баробари ҳамаи ин, таваҷҷуҳи Роҳбари мамлакат нисбат ба баланд бардоштани мавқеи занону бонувон кам нагардида, дар кишвар бо мақсади дастгирии минбаъдаи занону бонувон «Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030» ва нақшаи амалисозии онро барои солҳои 2021-2025 таҳия ва амали он ба роҳ монда шудааст.

Ҳамасола дар мамлакат грантҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарзҳои имтиёзнок барои занону бонувони соҳибкор ба роҳ монда мешавад, ки боиси беҳтар гардидани мавқеи занон дар ҷомеаи мамлакат ва инчунин, назди кишвар гардидан ба ҳадафи стратегии мамлакат – саноатикунонии босуръат мегардад.

Имрӯз дар идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ низ фаъолияти занону бонувонро барьало мушоҳида менамоем. Дар асоси сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат дар баробари кадрҳои роҳбарикунандаи мақомоти давлатӣ, инчунин, дар байни мувонон низ бо тарзи истисноӣ ҳамеша иштироки як нафар зан дар назар дошта шудааст, ки ин бори дигар аз таваҷҷуҳи хосаи роҳбарият ба ин самт дарак медиҳад. Айни ҳол зиёда аз 20 дарсади кадрҳои роҳбарикунандаро дар хизмати давлатии маъмурӣ ва сиёсии кишвар ва дар маҷмуъ, зиёда аз 30 дарсади хизматчиёни давлатии мамлакатро занон ташкил менамоянд. Новобаста ба ҳамаи ин, бо дастуру супоришҳои Ҳукумати Тоҷикистон ба нақша гирифта шудааст, ки то соли 2030 шумораи занон дар хизмати давлатӣ то 35 дарсад ва шумораи онҳо аз ҳисоби кадрҳои роҳбарикунанда то 25 дарсад афзоиш дода мешавад.

*Малика АЗИЗОВА,*
*омӯзгори забони хитойии гимназияи №4*
*барои хонандагони болаёқати*
*шаҳри Душанбе*

ОЗМУНИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

# Хонандагони тоҷик соҳиби 11 ҷойи ифтихорӣ гардиданд

Хонандагони тоҷик дар озмуни байналмилалӣ соҳиби 4 медали тилло, 3 нуқра ва 4 биринҷӣ гардиданд.



11 хонандаи болаёқати Тоҷикистон дар озмуни байналмилалии «Кайҳон аз нигоҳи кӯдакон», ки дар Планетарияи Иркутски Федератсияи Россия доир гардид, ғолиб омада, соҳиби 4 медали тилло, 3 нуқра ва 4 биринҷӣ шуданд. Тибқи маълумоти Кумитаи тадорукоти озмуни байналмилалӣ, ба котиботи озмун 900 осори хонандагони болаёқат аз Федератсияи Россия, Қазоқистон, Беларус, Узбекистон, Қирғизистон, Арманистон, Гурҷистон, Озарбойҷон ва Тоҷикистон ворид гардида, дар натиҷа ғолибон ва ҷоизадорони озмун муайян карда шуданд.

Ҳамчунин 50 иштирокчии фаъол аз Тоҷикистон ва омӯзгорони онҳо бо сертификати байналмилалии иштирокчии озмун сарфароз гардонида шуданд.

Ҳадафи озмун аз дарёфти истеъдодҳои нав дар риштаи рассомӣ ва тақвияти дониши кӯдакон оид ба кайҳон иборат буд.

Озмун ба муносибати 90-солагии зодрӯзи кайҳоннавард Юрий Алексеевич Гагарин баргузор шуда, хонандагони болаёқат офаридаҳояшонро дар мавзуъҳои "Кайҳоннавардон: дирӯз, имрӯз ва фардо", "Дастгоҳи парвозкунандаи ман" ва "Ситораҳову сайёраҳо" пешниҳод намуданд.

Дар Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон бахшида ба Соли маърифати ҳуқуқӣ конференсия баргузор гардид.

БА ИФТИХОРИ 100-СОЛАГИИ СОҲИБ ТАБАРОВ

# ҲАР КИ АЗ МЕҲРУ ВАФО БАР ХАЛҚ ХИЗМАТ МЕКУНАД...



Фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии адабиётшинос ва мунаққиди шинохта Соҳиб Табаров ба кори омӯзгориаш тавъам буда, барои аҳли илму маорифи кишвар шоистаи омӯзишу баҳрабардорӣ мебошад. Мавсуф ҳастии хешро ба таҳқиқу баррасии масъалаҳои бунёдии таърихи адабиёти тоҷик, нақди адабӣ, назарияи адабиёт, матншиносӣ ва адабиётшиносии муқоисавӣ бахшидааст. Муаллифи китобу рисола ва мақолаҳои илмию оммавии зиёд аст. Дар асару мақолаҳояш паҳлуҳои мухталифи назарӣ ва амалии таърихи адабиёти тоҷик таҳқиқ гардидаанд. Ба таъкиди академик Ян Рипка, устод Соҳиб Табаров дар илми филологияи тоҷик мактаби адабиётшиносии пуркуввате ба вуҷуд овардааст, ки онро шогирдонаш бомуваффақият идома медиҳанд.

С. Табаров ҳамчун адабиётшинос дар таълифи асарҳои бунёдӣ, аз ҷумла, «Пайрав Сулаймонӣ», «Садриддин Айнӣ – қофиласолори адабиёти муосири тоҷик», «Ҳаёт, адабиёт, реализм» (дар панҷ ҷилд), «Методи таҳлили асарҳои бадеӣ», «Материалҳо оид ба омӯхтани адабиёти муосири тоҷик», «Садриддин Айнӣ – асосгузори адабиёти муосири тоҷик», «Асосҳои назариявии танқиди адабӣ» мебошад.

Навиштаҳояш дар бораи устод Садриддин Айнӣ, Абдулвоҳиди Мунзим, Абдурауфи Фитрат, Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ ва дигар намояндагони адабиёти ҷадидия арзиши баланди илмӣ дошта, дар шинохти таъриху фарҳанг ва густариши илми тоҷик мусоидат кардаанд.

Маълум аст, ки С. Табаров дар бораи зиндагинома, фаъолияти маорифпарварӣ, сиёсӣ ва андешаҳои адабиву публитсистии Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим чандин мақола ва рисолаи алоҳида навиштааст, ки он бо такмилу таҳрир чор маротиба нашр гардидаву аз ҷониби аҳли илму адаб хуш пазируфта шудааст. Дар бораи Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ низ пажуҳишгарони таърихи матбуот зиёд навиштаанд, вале мақолаи устод бо он фарқ мекунад, ки заминаҳои ташаккули эҷодиёти мавсуфро ҳамчун як шахсияти равшанфикр хеле возеҳ шарҳу тавзеҳ намудааст.

Мусаллам аст, ки М. Беҳбудӣ дар давраи бисёр мушкилу хатарзо бо таъсиси ду нашрия бо забони тоҷикӣ дар бедории фикрии миллат ва маърифати аҳли ҷомеа такони ҷиддӣ бахшид. Дар зимн, дар таъсиси мактабҳои нав ва саводнок намудани ҷомеа талоши зиёд намуд. Ба ин мазмун, мақолаи С. Табаров доир ба фаъолияту зиндагиномаи М. Беҳбудӣ дар шинохти ин шахсияти фарҳехтаи миллати тоҷик маълумоти судманд медиҳад.

Шоистаи таъкид аст, ки С. Табаров аз зумраи мунаққидон ва муҳаққиқонест, ки дар рушду пешрафти илми тоҷик хидмати босазо намуда, эътибору нуфузи илми кишварро дар арсаи байналмилалӣ баланд бардоштааст. Аз нигоштаҳои устод бармеояд, ки ӯ ҳангоми таълифи асарҳои худ муҳаббати хосса ба Ватан, адабиёт ва миллат дорад. Ба ин маънӣ, ҳангоми мутолиаи асари С. Табаров «Зиндагиномаи Садриддин Айнӣ» дар хонанда андешае пайдо мегардад, ки муаллиф ба устод Садриддин Айнӣ ва адабиёту миллат муҳаббати зиёд ва ифтихори баланд дорад. Дар ин замина, метавон аз монографияҳои С. Табаров дар бораи Садриддин Айнӣ, Мунзим, Фитрат, Беҳбудӣ ва ғайра ёдовар шуд.

Академик Абдуҷаббор Раҳмонзода бамаврид зикр менамояд: «Шодравон Соҳиб Табаров умри бобаракат дид. Онро сарфи роҳи илму адаб ва маориф намуд ва бо таъбири худ, «фарзандони зиёди маънавӣ» ба ёдгор гузошт. Ростгӯӣ, ростқавлӣ ва нотарсона сухан гуфтан шиори зиндагиаш буд. Бениҳоят ҳаётдӯст медошт. Аз ҳар лаҳза, ҳар соату дақиқа самаранок истифода мебурд. Дафтари хотироташ бо номи «Таассуроти ақлу дил» намунаи таърихи зиндаи асри ХХ мебошад».

Вай ҳар як лаҳзаи ҳаёташро ба рӯйдодҳои муҳимми таърихӣ, адабӣ ва фарҳангии кишвараш рӯйи сафҳа меовард. Ба мо имрӯз зарур аст, ки ҳаёт ва фаъолияти устод Соҳиб Табаровро ба пуррагӣ омӯзем ва чун ӯ баҳри пешрафти илму маорифи кишварамон кӯшиш намоем, зеро фармудаанд, ки:

**Ҳар ки аз меҳру вафо бар халқ хизмат мекунад,**
**Номи худро сархати девони миллат мекунад.**

Воқеан, фаъолияти илмию эҷодӣ ва омӯзгории устод Соҳиб Табаров манбаи омӯзиш мебошад, бознашр ва дастрас намудани асарҳои мондагораш дар муассисаҳои таълимию илмӣ манфиатбахш хоҳад буд.

***Садаф БЕРДИЕВА,***
*мушовири кабинети методии шуъбаи маорифи ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ*

СИМО

# Олим ва педагоги сермаҳсул

Устод Саттор Байзоев дар шаҳри Истаравшан, дар оилаи коргар чашм ба дунё ҳастӣ кушодааст. Аз нақли омӯзгороне, ки Саттор Байзоев ба онҳо дар мактаб дарс додаанд, бармеояд, ки мавсуф аз давраи мактабхонӣ ба математика завқи беандоза дошта, бо қобилияту фаҳмиш ва дониши худ аз дигарон ба куллӣ фарқ мекардааст.

Солҳои 1968 – 1971 дар олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ аз фанни математика сазовори чор медалу ифтихорномаҳо гаштааст.



Соли 1969 дар мактаби тобистонаи физика-математикии назди Донишгоҳи давлатии Новосибирск таҳсил намудааст.

Муҳаббат ба илми риёзӣ ҷавони умедбахш ва ташнаи илмро пас аз хатми мактаби миёнаи умумӣ ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (собиқ УДТ ба номи В. И. Ленин дар шаҳри Душанбе овард.

Дар давраи донишҷӯӣ (солҳои 1971 – 1976) меҳри Саттори ҷавон ба илми риёзӣ дучанд гардида, дар озмуну конференсияҳо, семинарҳою маҳфилҳои илмӣ фаъолона иштирок мекард. Ӯ соли 1976 дар олимпиадаи дуюми умумииттифоқии «Студент ва прогресси илмӣ-техникӣ» дар математика сазовори ҷойи якум шуда, бо дипломи Вазорати мактабҳои олӣ ва миёнаи махсус мукофотонида шудааст. Баъди бо дипломи аъло хатм намудани донишгоҳ Саттор Байзоев фаъолияти меҳнатии худро аз соли 1976 дар Пажуҳишгоҳи математикаи АМИТ оғоз менамояд. Дар тӯли солҳои 1976 – 1983 бо роҳбарии профессор Э. Муҳаммадиев доир ба муаммоҳои марбут ба муодилаҳои дифференсиалии навъи эллиптикӣ тадқиқоти илмӣ бурда, соли 1983 рисолаи номзадӣ ҳимоя намуд.

Соли 1984 барои силсилаи корҳои илмиаш бо диплом ва мукофоти Академияи илмҳои Тоҷикистон барои олимони ҷавон сарфароз гардидааст. Соли 1990 бо қарори Президиуми АИ ИҶШС ба ӯ унвони илмии корманди калони илмӣ аз рӯйи ихтисоси муодилаҳои дифференсиалӣ дода шудааст.

Фаъолияти илмӣ ва педагогии худро Саттор Байзоев дар шаҳри Хуҷанд соли 1993 дар вазифаи дотсенти кафедраи муодилаҳои дифференсиалии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров оғоз намуда, аз соли 1995 дар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон идома медиҳад.

Мақолаҳои илмии ӯ дар маҷаллаҳои бонуфузи ҷаҳонӣ, ба монанди «Доклады АН СССР», «Автоматика и телемеханика», «Вестник Новосибирского университета», «Уфимский математический журнал», «Дифференциальные уравнения» ва дигарҳо чоп шуда, аз тарафи мутахассисони соҳаи муодилаҳои дифференсиалӣ баҳои баланд гирифтааст.

Устод Саттор Байзоев корҳои илмию тадқиқотии худро ҷамъбаст намуда, соли 1999 дар Шурои илмии Донишгоҳи давлатии шаҳри Новосибирск рисолаи докториашро зери назари узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои физикаю математика, профессор Э. Муҳаммадиев дар мавзуи «Тадқиқотҳо доир ба назарияи ҳалҳои маҳдуди системаҳои эллиптикӣ дар ҳамворӣ» бомуваффақият ҳимоя намудааст. Рисолаи мазкур дар илми риёзӣ фасли тоза буда, аз тарафи риёзидонони номвар баҳои сазовор гирифтааст.

Хизматҳои Саттор Байзоев дар омода намудани мутахассисони ҷавони соҳибунвон дар соҳаи риёзӣ беҳамто мебошад. Профессор Саттор Байзоев ба ғайр аз корҳои илмӣ, бо таълими илми риёзӣ ва тарбияи донишҷӯён ва мутахассисони оянда машғуланд. Ҳисси баланди масъулиятшиносӣ, заҳматписандӣ ва қобилияти созмондиҳии устод дар вазифаи мудири кафедраи математикаи олӣ ва моделсозии ДДҲБСТ баръало зоҳир шуда буд. Дар ин давра кафедраи математикаи олӣ ва моделсозӣ ба маркази омода намудани мутахассисони риёзидон ва омӯзиши таҷрибаи пешқадами омӯзгорӣ табдил ёфт.

Дар давоми фаъолияти илмию педагогии худ профессор Саттор Байзоев зиёда аз 200 мақолаи илмию методӣ, монографияҳо, китобҳои дарсӣ ва як силсила дастурҳои илмию методӣ чоп намудааст. Омӯзгорони ҷавон дар шароити кунунии вазъи таълим, аз маслиҳатҳои муфид ва дастуру мақолаҳои методии устод бардошти афзуне карда, муҳимтарин нуктаҳои онро дар фаъолияти омӯзгории хеш васеъ истифода мебаранд.

Устод Саттор Байзоев имрӯзҳо фаъолияти худро ба ҳайси профессори кафедраи фанҳои риёзӣ ва табиатшиносии муосири ДДҲБСТ идома дода, дар ҳалли муаммоҳои назарияи муодилаҳои дифференсиалии одӣ ва бо ҳосилаҳои хусусӣ, назарияи устувории системаҳои ғайрихаттии идоракунӣ, назарияи матрисаҳо ва математикаи ҳисоббарор заҳмат мекашанд.

Солҳои зиёд аст, ки дар шаҳри Хуҷанд семинари илмӣ-назариявии байнидонишгоҳӣ таҳти роҳбарии профессор С. Байзоев амал мекунад. Семинари мазкур омӯзгорон, унвонҷӯён, магистрантон ва донишҷӯёни мактабҳои олии вилояти Суғдро дар ҷодаи илми риёзӣ муттаҳид менамояд.

Меҳнатдӯстӣ ва ахлоқи ҳамидаи устод буд, ки эшон бо медали «Хизмати шоиста», нишони «Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон», ифтихорномаҳои Президиуми Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, шуъбаи Сибирии Академияи илмҳои Россия, ДДҲБСТ ва бо дипломи Вазорати мактабҳои олӣ ва миёнаи махсуси Иттиҳоди Шуравӣ мукофотонида шудааст.

***Б. ЗИЁМИДИНОВ,***
*мудири кафедраи фанҳои риёзӣ ва табиатшиносии муосири ДДҲБСТ, номзади илмҳои физикаю математика, дотсент,*
***М. МАҲКАМОВ,***
*номзади илмҳои физикаю математика, дотсенти ДДОТ ба номи С.Айнӣ,*
***М. РАҲИМОВА,***
*номзади илмҳои физикаю математика, дотсент,*
***Моҳираи РАҲМОН,***
*номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони ДДҲБСТ*

КОНФЕРЕНСИЯ

# Адабиётшинос ва мунаққиди соҳибмактаб

Бахшида ба 100-солагии мунаққид, адабиётшинос, номзади илми филология (1949), узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (1953), Арбоби шоистаи илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991) Соҳиб Табаров дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №62-и ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ конференсия баргузор гардид, ки дар он намояндагони соҳаи маорифи вилояти Хатлон иштирок карданд. Дар оғоз мудири шуъбаи маорифи ноҳия Абдукарим Ғадоев вобаста ба фаъолияти эҷодӣ ва асарҳои арзишманди адабиётшиноси номвар С. Табаров ба таври мухтасар маълумот ироа намуд.

Дарвоқеъ, мартабаи илмӣ ва фаъолияти адабиётшиносию мунаққидии С. Табаров шоистаи таҳсин буда, дар асару мақолаҳои зиёди илмӣ ва илмию оммавии шодравон паҳлуҳои мухталифи назарӣ ва амалии таърихи адабиёти давраи нави тоҷик мавриди таҳқиқи амиқ қарор гирифтаанд.

Мушовири кабинети методии шуъбаи маорифи ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ Садаф Бердиева дар мавзуи «Соҳиб Табаров – адабиётшинос ва мунаққиди воқеъбину соҳибмактаб» суханронӣ кард. Мавсуф зикр намуд, ки устод Соҳиб Табаров адабиётшинос ва мунаққиди маъруфи адабиёти муосири тоҷик аст. Фаъолияти илмӣ – таҳқиқотии олим ба фаъолияти омӯзгориаш тавъам буда, барои насли имрӯзу минбаъдаи миллати тоҷик қобили омӯзиш ва баҳрабардорӣ мебошад. Ӯ муаллифи 850 рисола, китоби дарсӣ, воситаву барномаҳои таълимӣ ва мақолаҳои илмию оммавист.



Ҳамчунин, дар конфронс маърӯзаҳои «Зиндагиномаи Соҳиб Табаров», «Самтҳои фаъолияти Соҳиб Табаров», «Луғати Айнӣ ва баъзе масъалаҳои чопи осори нависанда дар мақолаҳои илмии Соҳиб Табаров» пешниҳод гардид, ки фаъолияти пурсамар ва асарҳои арзишманди пажуҳишгари тавоноро ба таври барҷаста нишон медиҳанд.

***Н. ОХУНЗОДА,***
*«Омӯзгор»*

**Дар шаҳри Риёз масъалаи ҳамкорӣ байни Тоҷикистон ва Арабистони Саудӣ дар самти маориф ва илм баррасӣ гардид.**

БО ОЗМУНИ "ОМӮЗГОРИ МАН – ИФТИХОРИ МАН"

Модарам омӯзгор буданд ва ман бо ин фахр мекунам. Чи тавре ки мегӯянд, «Барои тасвири симои ботинӣ ва зоҳирии соҳиби ин касб қалами ҳеҷ суханвар ва ҳеҷ рассом қудрат надорад, зеро дар чеҳраи омӯзгор хатҳои ноаёне мавҷуданд, ки муҳаббати ӯ нисбат ба касбу хонанда ва Ватан акс ёфтаанд».

Ёд дорам, модарам дар хона баъди кор пайваста меҳнат мекарданд, аввал кору бори хонаро ба анҷом мерасониданд ва баъд ба корҳои омӯзгориашон машғул мешуданд.

Ба ҳар як дарси оияндаашон тайёрии пухта медиданд. Мекӯшиданд, ки барои шогирдонашон, ки дар синфи ибтидоӣ мехонданд, дарсҳои шавқовар ва пурмуҳтаво баргузор намоянд. Асбобҳои аёнӣ, ба монанди сабатчаҳо, гулҳо, меваҳоро бо дастони худ месохтанд ва аз ин завқ мебурданд. Ман аз хурдӣ бо модарам якҷоя чунин асбобҳоро месохтам. Ёд дорам, модарам аввалин сармашқро бо забони тоҷикӣ дар кишварамон тартиб дода буданд ва ба ҳар як вараќи онро худашон менавиштанд ва баъд ман бо хатти зебо онро рӯнавис менамудам. Ин дафтари сармашқи аввалин солҳои зиёд дар байни хонандагони синфҳои ибтидоии мактабҳои ҷумҳуриямон истифода гардид.

Ба дарсҳои он кас таҷрибаомӯзон, муаллимони мактабҳои шаҳру деҳот ва ҳатто аз дигар кишварҳо омада иштирок мекарданд. Модарам кӯшиш менамуданд, ки дарсҳояшон хуб гузаранд ва меҳмонон аз онҳо баҳра гиранд, таҷриба омӯзанд. Таҷрибаи модарамро олимони шинохта аз Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Р.Атахонов (солҳои 1966-1972), Ф.Икромова (солҳои 1970-1975) омӯхта, рисолаҳои номзадӣ ҳимоя кардаанд.



# ОМӮЗГОРИ ҚАҲРАМОН

Модарам бо баргузор намудани дарсҳои намунавиашон дар шаҳрҳои Москва, Уляновск дар байни ҳамкасбонашон обруву эҳтиром ва нуфузи хоса пайдо карда буданд. Баъд аз сазовор гаштанашон ба унвони Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ мактубу телеграммаҳо аз тамоми гӯшаю канори давлати беканори Шуравӣ меомаданд. Модарам кӯшиш мекарданд, ки ба ҳар яки он ҷавоб нависанд.

Он кас ҳар як нававвариеро, ки дар мамлакат дар соҳаи маориф ба амал меомад, дастгирӣ карда, равнақ медоданд.

Аз вараќи мукофотонӣ бо унвони Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ (1968) ин сатрҳоро мехонем: «Дар тамоми фаъолияти кориаш Муҳаббат Маҳмудова ба тарбияи насли наврас саҳми хосае гузоштааст. Дарсҳои ӯ шавқовар ва ҷолиб мегузаранд. Маводҳои дарсии нав хеле фаҳмо ба кӯдакон дастрас карда мешаванд. Ӯ талабагонро ба кори мустақилона, китобхонӣ ҳидоят мекунад. Муаллима хеле меҳнатдӯст буда, бо талабагони сустхон кори зиёд мебарад ва дар тӯли 20 сол ягон талабаи ба соли дуввуми хониш монда надорад. Роҳбари сексияи шаҳрии муаллимони синфи ибтидоӣ мебошад».

Фаъолияти меҳнатии модарам дар маҷаллаву рӯзномаҳои бешумор, аз огози фаъолияти кориашон, аз соли 1938 то соли 1946 дар мактаби миёнаи «Коммунизм»-и райони Орҷоникидзеобод ҳоло шаҳри Ваҳдат, ки дар рӯйи палоси колхоз, дар 15-солагиашон мегузашт, дар мактаби миёнаи рақами 10-и пойтахт ва баъдан то охири ҳаёташон дар мактаби рақами 53-и шаҳри Душанбе мегузашт, акс ёфтааст. Баъд аз вафоти модарам бо хоҳиши муаллимон мактаби рақами 53 ба номи Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ Муҳаббат Маҳмудова номгузорӣ шуд. Рассомони беҳтарини кишварамон, ба монанди И.Лисиков, расми он касро кашидаанд. Нимпайкараи модарам дар Осорхонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо номи «Муаллимаи тоҷик» гузошта шудааст.

Дар оилаи начандон калони мо модарам чароғи хонадон, танзимгари одобу рафтор ва хеле ҳалиму меҳрубон буданд, бо овози нарм бо мо суҳбат мекарданд. Пазанда ва дӯзандаи моҳир буданд. Меҳри илму дониш, пазандагӣ ва дӯзандагиро модарам ба дили ман ва хоҳарам ҷо намуданд ва мо дар оянда, касби он касро пеша карда, устодони донишгоҳҳо гаштем.

Дар баробари муваффақ будан дар кор, модарам муваффақ дар зиндагӣ ва ҳаёти оилавӣ буданд. Бо падари меҳрубонам Абдуқаюм Қодиров (устоди ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, номзади илми математика, дотсент) то охири умр, 42 сол зиндагонии хушбахтона доштанд.

Ман, ки дар оила аз ҳама хурд будам, меҳнатдӯстӣ, инсонпарварӣ, хоксорӣ ва поквиҷдониро аз волидайнам омӯхтам. Ҳоло доктори илми тиб, профессори Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино мебошам. Ҳамаи дастовардҳоямро аз шарофати тарбияи падару модарам медонам.

Модари меҳрубону ғамхорам соли гузашта садсола шуданд. Тамоми ҳаёту зиндагии модарамро ҳамчун намунаи фидокорӣ ба фаъолияти меҳнатӣ ва оила шуморидан мумкин аст.

Хушбахтона, имрӯз ҳам, дар замони фароҳбари истиқлоли Ватани азизамон чун модари ман занҳои қавииродa, ҷасур, меҳнатдӯст дар кишварамон кам нестанд.

***Дилрабо ҚОДИРОВА,***
***доктори илмҳои тиб, профессор***

ЁДВОРА

# МУҲАББАТИ МОНДАГОР

Устоди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тилло Гулов, дорандаи ордени «Шараф», дотсент, номзади илмҳои иқтисодӣ, зодаи деҳаи Кангурти ноҳияи Данғара буд.

Аз ҷавонӣ ба замин ва кишту кор таваҷҷуҳ дошт. Чигунагии заминҳои ҳосилхезро бо ҳисси кунҷковӣ аз бузургсолон пурсон мешуд. Ба ҳисобдорӣ низ шавқманд буд. Аз ин рӯ, баъд аз хатми мактаб ҳуҷҷатҳояшро ба техникуми омори ноҳияи Кофарниҳон (ҳоло Коллеҷи омори шаҳри Ваҳдат) супорид. Бо майлу рағбати беандоза таҳсил мекард ва дарсҳои назариявиро бо фаъолияти амалиаш дар заминҳо санҷиш мегузаронид. Пас аз хатми техникуми мазкур ӯро муҳосиби хоҷагии Ҷамоати «Пахтакор»-и ноҳия таъйин карданд. Баъдтар таҳсилашро дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (имрӯза ДМТ) идома дод.

Пас аз хатми шуъбаи аспирантураи донишгоҳи мазкур, собиқ кишоварзи моҳир, дотсент, номзади илми иқтисод, ёвари декани факултети молия ва баҳисобгирии бухгалтерӣ, мудири шуъбаи баҳисобгирӣ ва кибернетикаи иқтисодии донишгоҳ интихоб гардид.

Дар 50 соли фаъолияти кориаш ҳамчун устоди донишгоҳ шиори ҳамешагии зиндагиаш «Кирдори нек, рафтори нек ва пиндори нек буд», - мегӯяд Мунир Калимуллоев - декани факултети баҳисобгирии иқтисодии ДМТ, ки яке аз шогирдони шодравон Тилло Гулов мебошад. Чунон ки ӯ дар суҳбат бо мо гуфт:

- Нахустин шуда, дар давррони бозсозӣ вай китобҳои таълимиро дар соҳаи ҳисобдорӣ бо забони тоҷикӣ баргардон кард ва ба нашр расонд, ки арзишмандтарин маводи таълимӣ барои толибилмони ин соҳа гардид. Бештар донишҷӯёни камбизоату дастнигарро кумак мерасонд ва аз ин рӯ, донишҷӯён бо ӯ муҳаббати самимӣ доштанд. Инсоне буд забону қалбаш ҳам яксон, ростиро меписандид.

Бузургмарде барҳақ гуфта, ки инсони комил бояд се вазифа дар назди ҷомеа адо намояд: якум, оилаи солим барпо кунад, дуюм, фарзандони нек тарбия намояд ва сеюм, боғеро бахри фардоиён бунёд созад. Устод Гулов дар назди ҷомеа рисолати худро иҷро кард.

Дарвоқеъ, ин марди соҳибдавлат падари 9 фарзанди хушбахт буд, ки дар домони меҳру муҳаббаташ бо Олимахон Мирзоева - ҳамсари мушфиқаш, ибтидо дарси адаб гуфтаанду ба шоҳроҳи дониш ҷигарбандонро роҳнамоӣ намудаанд. Писарон Кароматулло, Неъматулло, Нусратулло, Раҳматулло, Ҳадятулло ва Иззатулло Гуловҳо, духтаронаш Саодат, Сафаргул ва Фирӯзабону паси ҳам бузург мегардиданду ба даргоҳи илм раҳсипор мегаштанд. Бо назорати волидон ҳама бо сарбаландӣ макотиби олии кишварро хатм карда, имрӯзҳо дар вазифаҳои гуногун дар пешрафти ҷомеа саҳм мегузоранд.

Устод муаллифи беш аз 40 асари илмӣ буд. «Назарияи ҳисобгирии бухгалтерӣ», «Ҳисобдорӣ ва ҳисобгирии таъмири воситаҳои асосӣ» аз ҷумлаи муҳимтарин китобҳои дарсӣ дар соҳаи иқтисодиёт мебошанд.

Мутобиқи гуфтаи фарзандонаш, китоби илмие бо унвони «Экспертизаи суди муҳосибӣ» дар арафаи чоп аст. Иззатулло Гулов, писари шодравон Тилло Гулов, ки аз соли 2014 дар Маркази ҷумҳуриявии экспертизаи судӣ ва криминалистии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси эксперти суди иқтисодӣ кору фаъолият мекунад, кори илмиашро дар ҳамин мавзуъ ҳимоя намудааст.

- Ҳамеша як суханаш айёми донишҷӯӣ ба гӯшам пайваста садо медод: «Духтарам ба донишгоҳ, ки дохил шудӣ, бояд танҳо бо баҳои аъло таҳсил намоӣ» ва ман бо роҳнамоии падарам Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо дипломи аъло хатм кардам, - мегӯяд Фирӯзабону.



Дигар фарзандон боғҳои бунёдкардаи шодравон Тилло Гуловро, дар шаҳраки Зарафшони пойтахт ва ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон сару бар менамоянд. Боғистонҳои парваридаащ имрӯзҳо барои беш аз 50 нафараш меваҳои мухталиф медиҳанд ва аз самараи кори чандинсолаи ӯ коми ҳазорон истеъмолкунандагон ширин мегардад.

Ҳамзамон, аз самараи таълими ӯ дар ҷодаи дониш ҳазорон донишҷӯ соҳибкасб гардидаву саҳмашон дар ободию суботи ҷомеа назаррас аст.

Шогирди бовафои устод Насимҷон Ойев мегӯяд:

- Дар симои он кас ман инсони хоксор, башардӯст, меҳмоннавоз ва марди фидоиро медидам. Хони пурнозу неъмати онҳо ҳамеша барои дӯстон боз буд, ду даст пеши бар, аз онҳо доимо пазироӣ мекарданд. Чун ба аёдати он кас мерафтам, маро мисли фарзандони худ дар оғӯш мегирифт ва панду насиҳат мекард, ки дар ҳар вазифае, ки бошем, одамиятро шиори худ намоем.

Албатта, зиндагӣ худ имтиҳон аст, гоҳо шебу фароз дорад, даме ғаму шодӣ ва барору нобарориҳояш бошад, моро ба жарфтар андешидан ва дуруст амал намудан талқин менамояд. Чун соли 2015-ум, ки дар саросари кишвар «Соли оила» эълон гардида буд, боре меҳмони ин оилаи намунавӣ будем.

Устод он ҳангом дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дарс мегуфтанд. Моро бо муҳаббати самимӣ пешвоз гирифтанд, асрори оилаи хушбахтро аз эшон суол кардем:

«Муҳити тарбиявӣ нахуст дар ҳаёти фарзанд нақши муҳим дорад. Дар зиндагӣ агар падар сахтгир бошад, набояд модар ба ин дахолат намояд, балки ба фарзандон ишора намояд, ки панди падар дуруст аст ва бояд ба гапи ӯ шумо гӯш диҳед. Агар дар оила кашмакашу тарафгирӣ шавад, сиёсати ахлоқию тарбиявӣ аз байн меравад».

Имрӯз мо, шогирдону ҳамкорон, дӯстони чунин омӯзгори мушфиқу инсони комил аз он мефахрем, ки бо устод Тилло Гулов замоне ҳамкору ҳаммаслак будем ва ёду номи некаш ҳамеша гиромӣ аст.

***Аҳлиниссо МАҲМАДНОСИРОВА,***
***муҳаррири телевизиони «Душанбе»***

Дар шаҳри Душанбе дар мавзуи «Маърифати ҳуқуқӣ – омили муҳими таҳкими давлатдории миллӣ» конференсия доир шуд.

*Доруи ранҷиш пӯзиш аст.*
*Сенека*



# Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

*ба вазифаҳои зерин дар кафедраҳои донишгоҳ барои соли таҳсили 2024-2025 ба кор даъват мекунад:*

**Кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнӣ:**
- дотсент - 2 ҷой, номзади илм;
- ассистент - 1 ҷой.

**Кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит:**
- дотсент - 2 ҷой, номзади илм;
- омӯзгори калон - 1 ҷой;
- ассистент - 2 ҷой.

**Кафедраи бизнеси сайёҳӣ, рекреатсия ва меҳмондорӣ:**
- профессор - 1 ҷой, доктори илм;
- дотсент - 1 ҷой, номзади илм;
- ассистент - 1 ҷой;

**Кафедраи географияи иқтисодӣ ва экология:**
- дотсент - 1 ҷой, номзади илм;
- омӯзгори калон - 2 ҷой;
- ассистент - 2 ҷой.

**Кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ:**
- ассистент - 2ҷой.

**Кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон:**
- дотсент -1 ҷой, номзади илм;
- ассистент - 2 ҷой.

**Кафедраи забон ва фарҳанг:**
- дотсент - 1 ҷой, номзади илм;
- ассистент - 2 ҷой.

**Кафедраи забонҳои хориҷӣ:**
- дотсент - 3 ҷой, номзади илм;
- омӯзгори калон - 2 ҷой;
- ассистент - 2 ҷой.

**Кафедраи менеҷмент:**
- дотсент - 2 ҷой, номзади илм;
- ассистент - 1 ҷой.

**Кафедраи молия ва андозбандӣ:**
- дотсент - 1 ҷой, номзади илм;
- ассистент - 2 ҷой.

**Кафедраи назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ:**
- дотсент - 2 ҷой, номзади илм;
- омӯзгори калон - 1 ҷой;
- ассистент -1 ҷой.

**Кафедраи риёзиёт дар иқтисодиёт:**
- дотсент - 2 ҷой, номзади илм;
- омӯзгори калон - 2 ҷой;
- ассистент - 2 ҷой.

**Кафедраи тарбияи ҷисмонӣ:**
- дотсент - 1 ҷой, номзади илм;
- омӯзгори калон - 2 ҷой;
- ассистент - 2 ҷой.

**Кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омор:**
- дотсент - 1 ҷой, номзади илм;
- ассистент - 2 ҷой.

**Кафедраи технологияҳои иттилоотӣ:**
- дотсент - 2 ҷой, номзади илм;
- ассистент - 2 ҷой.

**Кафедраи фаъолияти бонкӣ:**
- дотсент - 1 ҷой, номзади илм;

**Кафедраи фаъолияти гумрукӣ:**
- дотсент - 2 ҷой, номзади илм;
- омӯзгори калон - 1 ҷой;
- ассистент - 2 ҷой.

**Кафедраи ҳуқуқ:**
- дотсент - 2 ҷой, номзади илм;
- ассистент - 1 ҷой.

**Кафедраи ҷомеашиносӣ:**
- профессор - 1 ҷой, доктори илм;
- дотсент - 2 ҷой, номзади илм;
- омӯзгори калон - 1 ҷой;
- ассистент - 3 ҷой.

**Кафедраи молия, бонк ва фаъолияти гумрукӣ:**
- дотсент - 2 ҷой, номзади илм;
- омӯзгори калон - 1 ҷой;
- ассистент - 1 ҷой.

**Кафедраи бизнеси сайёҳӣ ва идоракунӣ:**
- дотсент - 1 ҷой, номзади илм;
- омӯзгори калон - 1 ҷой;
- ассистент - 1 ҷой.

**Кафедраи баҳисобгирӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ:**
- дотсент - 1 ҷой, номзади илм;
- омӯзгори калон - 1 ҷой;
- ассистент - 1 ҷой.

**Кафедраи фанҳои ҷамъиятӣ ва ҳуқуқшиносӣ:**
- дотсент - 1 ҷой, номзади илм;
- омӯзгори калон - 2 ҷой;
- ассистент - 1 ҷой.

### Филиали Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар вилояти Суғд (ш. Хуҷанд)

*ба вазифаҳои зерини кафедраҳои филиали донишгоҳ барои соли таҳсили 2024-2025 ба кор даъват мекунад:*

### Филиали Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар вилояти Хатлон (ш. Левакант)

*ба вазифаҳои зерини кафедраҳои филиали донишгоҳ барои соли таҳсили 2024-2025 ба кор даъват мекунад:*

**Кафедраи ҷомеашиносӣ- гуманитарӣ:**
- дотсент - 2 ҷой, номзади илм;
- омӯзгори калон - 2 ҷой;
- ассистент - 1 ҷой.

**Кафедраи иқтисодиёт ва идора:**
- дотсент - 2 ҷой, номзади илм;
- омӯзгори калон - 2 ҷой;
- ассистент - 1 ҷой.

***Ҳуҷҷатҳо то як моҳ пас аз нашр гардидани эълон қабул карда мешаванд. Телефон барои тамос: 234-88-02.***

# Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон

*барои ишғоли вазифаҳои холии мудирон ва ҳайати профессорону омӯзгорони кафедраҳои зерин озмун эълон мекунад:*
- кафедраи анатомияи одам ва истилоҳоти тиббии лотинӣ;
- кафедраи анатомияи патологӣ;
- кафедраи акушерӣ ва гинекологӣ;
- кафедраи тарбияи ҷисмонӣ;
- кафедраи стоматологияи муоличавӣ;
- кафедраи стоматологияи ортопедӣ;
- кафедраи психологияи тиббӣ;
- кафедраи беҳдошт ва экология;
- кафедраи биологияи тиббӣ бо асосҳои генетика;
- кафедраи физикаи тиббӣ ва биологӣ бо асосҳои технологияи информатсионӣ;
- кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ;
- кафедраи ҷарроҳии умумӣ;
- кафедраи забонҳо;
- кафедраи бемориҳои кӯдакона;
- кафедраи микробиология, вирусология ва иммунология;
- кафедраи физиологияи нормалӣ ва патологӣ;
- кафедраи тибби оилавӣ.

**Талабот барои ишғоли вазифаҳои холӣ:**

1. Ба вазифаи мудири кафедра шахсони дорои дараҷаи илмии доктор ё номзади илм, доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос метавонанд иштирок намоянд.
2. Барои ишғоли вазифаи озоди ассистентӣ, иштироккунандагони озмун бояд таҷрибаи кори омӯзгори (илмӣ-таҳқиқотӣ) ва истеҳсолиро дошта бошанд.
3. Шахсони дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, дараҷаи илмии номзади илми тиб дошта, дар навбати аввал барои ишғоли ин вазифаҳо тавсия дода мешаванд.

Шахсони хоҳишманди иштирок дар озмун ба номи ректори донишкада ариза супорида, ҳуҷҷатҳои зеринро замима менамоянд:
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо;
- нусхаи ҳуҷҷатҳо оид ба маълумоти олӣ, такмили ихтисос, дараҷаи илмӣ, дараҷаи унвони илмӣ, дараҷаи тахассусӣ;
- тавсиянома аз ҷойи кори охирин;
- рӯйхати корҳои илмии нашргардида ва ихтироот.

***Ҳуҷҷатҳо барои иштирок дар озмун то ду моҳ пас аз рӯзи ба нашр расидани эълони охирин қабул карда мешаванд.***

***Нишонӣ: ш.Душанбе, н.Сино, кӯчаи Клара Сеткина - 2. Телефон барои тамос: 88-531-11-17.***

Гурӯҳи собиқ ҳамсабақон аз даргузашти омӯзгори собиқадори МТМУ №48-и ноҳияи Рӯдакӣ **Шералӣ МУЛЛОЕВ** андуҳгин буда, ба пайвандону наздикони марҳум ҳамдардӣ баён мекунанд.

# Муаммои «Шоир»

*(Аз вафоти Қаҳрамони Тоҷикистон, устод Мирзо Турсунзода 47 сол сипарӣ гардид)*

1. Сухане, ки бо вазну қофия гуфта шудааст. 2. Шакли асари бадеӣ. 3. Давлате, ки шоир ба он сафар кардааст. 4. Персонажи достони шоир. 5. Қаҳрамони асар аз кинофилми «Ҳасани аробакаш». 6. Шеъри Мирзо Турсунзода. 7. «*** бо мӯйҳои сап – сафед». (М. Турсунзода). 8. Шеъри Т. Г. Шевченко, ки шоир онро тарҷума кардааст. 9. Номи шаҳре, ки шоир ба он сафар кардааст. 10. Номи мукофоте, ки шоир ба он мушарраф гардидааст. 11. Шеъри М. Турсунзода. 12. Маҷмуаи ашъори шоир, ки бо хатти арабиасос чоп шудааст. 13. Пойтахти ҷумҳурие дар қитъаи Осиё, ки шоир ба он сафар кардааст. 14. Дӯсти шоир, адиби ӯзбек. 15. Навъи гул, ки шоир дар ашъораш бештар истифода бурдааст.



16. Мавзуи асосии эҷодиёти шоир. 17. Пйесаи М. Турсунзода. 18. Шаҳр дар Канада, ки шоир ба он ҷо сафар кардааст. 19. Матни асари саҳнавии мусиқӣ, ки дар эҷодиёти шоир ҷой дорад. 20. Шеъри шоир. 21. Исми набераи шоир. 22. Номи адиби ғайритоҷик, ки аз дӯстони шоир, ки гуфтааст: «Мирзо давомдиҳандаи назми ҳазорсолаи халқи худ аст». 23. Муаллифи шеъри «Қитъаи шеър» (бахшида ба М. Турсунзода). 24. Шоир, дӯсти М. Турсунзода. 25. Яке аз мавзуъҳои асосии эҷодиёти шоир. 26. Ҳикояи М. Турсунзода. 27. Қасри мухташаме дар Ҳиндустон, ки ҳамнони шеъри шоир аст. 28. Шоири рус, тарҷумони шеъри М. Турсунзода. 29. Шоири рус, ки М. Турсунзода шеъри ӯ – «Роҳи оҳан» - ро тарҷума кардааст. 30. «***и халқи ҷаҳонро гум макун». 31. Миллат. 32. Шаҳр дар қитъаи Осиё, ки шоир сафар кардааст. 33. Қаҳрамони шеъри «Ба В. И. Ленин». 34. «***и гарми меҳнатиро дида мемолам ба чашм». ( М. Турсунзода).

*Мураттиб Ҳотами ҲОМИД*

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Шаҳодатномаи гумшудаи АБ №88072781, ки онро соли 1999 Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи Президентӣ барои хонандагони болаёқати Тоҷикистон» ба Нурахматова Наргис Ҷурабековна додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-ШТА №0766872 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 2012 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №24-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба Сафарова Гулбахор Назаровна додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи №020-1017, ки онро соли 2008 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №30-и ноҳияи Дарвоз ба Оишаи Исхокзода додааст, эътибор надорад.

Шиносномаи гумшудаи А03-115140, ки онро 06.02.2020 ШВКД дар ноҳияи Балҷувон ба Мирзоев Каримхон Шарифович додааст, эътибор надорад.

Дипломи гумшудаи ДМБ 0097229, ки онро соли 2015 Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ ба Камолиён Ориёнфари Табаррук додааст, эътибор надорад.

ОМӮЗГОР
ҲАФТАНОМА АЗ 24-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД
НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

МУАССИС
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

И.В. САРМУҲАРРИР
Эҳсон САФАРЗОДА 225-81-55

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ
Раҳим САИДЗОДА
Абдулло РАҲМОНЗОДА
Ҷамшед ҶӮРАЗОДА
Зиёдулло АБДУЛЗОДА
Лутфия АБДУЛХОЛИҚЗОДА
Дилшод САФАРЗОДА
Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА

ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ
Абдурауф МУРОДӢ 225-81-58 (ҷонишини сармуҳаррир)
Насриддин ОХУНЗОДА 225-81-57 (котиби масъул)
Шодӣ РАҶАБЗОД (муҳаррири шуъба)
Ҳотами ҲОМИД 225-81-57 (муҳаррири шуъба)
Салима МӮСОЕВА (муҳаррири шуъба)

МУХБИРОНИ МИНТАҚАВӢ
Ҷангибеки УЛФАТШОҲ (ВМКБ)
Шарифи АБДУЛҲАМИД, Сухроб АЗИЗӢ (вилояти Хатлон)
Нуъмон РАҶАБЗОДА (вилояти Суғд)

Набиҷон НАБИЕВ 225-81-61 (масъули обуна)
Мадина ДИЛОВАРОВА (ҳуруфчин)

«Омӯзгор» таҳти рақами 271/рз-97, аз 27.09.2021 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шуда, тахти рақами 0110005977 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Нашрия ба хотири чандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва барои онҳо масъулиятро ба уҳда нагирад.

Навиштаҳо ва суратҳои ба идораи ҳафтанома воридгашта баргардонида намешаванд. Идораи ҳафтанома навиштаҳоро дар ҳаҷми на бештар аз 4 саҳифаи компютерии андозаи 14 (фосилаи 1,5)-и ҳарфи Times New Roman Tj қабул менамояд.

Нишонӣ: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Айнӣ - 126.

Ҳафтанома дар матбааи нашриёти комплекси «Шарқи озод» ба табъ расид.
Индекси обуна: 68850.
Адади нашр: 41797 нусха

Почтаи электронӣ: n.omuzgor@maorif.tj
Сомонаи ҳафтанома: www.omuzgor-gazeta.tj

QR - коди сомонаи расмии нашрияи «Омӯзгор»

Навбатдори шумора: Ҳ. Ҳомид